**ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**

**ВБД: 336.2(575.3)**
**Р-27**

**Бо ҳуқуқи дастнавис**

**РАҶАБОВ ТОҶИДДИН САНГИМАТОВИЧ**

# САМТҲОИ АСОСӢ ВА РОҲҲОИ ТАНЗИМИ ГАРОНИИ АНДОЗ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# ДИССЕРТАТСИЯ

барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз)

Роҳбари илмӣ: Доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент
Иброҳимзода Илҳомиддин Раҷабалӣ

**Душанбе – 2024**

# МУНДАРИҶА:

**МУҚАДДИМА** ...............................................................................4
**БОБИ I. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИЮ МЕТОДИИ ТАНЗИМИ ГАРОНИИ АНДОЗ**....................................................................................14
1.1.Таҳаввулоти назариявии танзими гаронии андоз.................................14
1.2. Асосҳои методии танзими гаронии андоз..........................................31
1.3. Таҷрибаи хориҷӣ дар танзими гаронии андоз.....................................50
**БОБИ II. ҲОЛАТИ МУОСИР ВА АСОСҲОИ ИНСТИТУТСИОНАЛИИ ТАНЗИМИ ГАРОНИИ АНДОЗ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН** ......67
2.1. Ҳолати муосири танзми гаронии андоз ...............................................67
2.2. Асосҳои иститутсионалии танзими гаронии андоз ...............................87
2.3. Мушкилотҳои танзими гаронии андоз...............................................106
**БОБИ III. СТРАТЕГИЯИ ТАНЗИМИ ГАРОНИИ АНДОЗ ДАР ШАРОИТИ МУНОСИБАТҲОИ БОЗОРӢ**..........................................122
3.1. Самтҳои афзалиятноки танзими гаронии андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ........................................................................................................122
3.2. Роҳҳои коҳишдиҳии гаронии андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон...........141
3.3.Дурнамои сиёсати андоз ва самтҳои паст намудани гаронии андоз дар шароити муносибатҳои бозорӣ ..........................................................162
**ХУЛОСА ВА ПЕШНИҲОДОТ** .....................................................................178
**НОМГӮЙИ АДАБИЁТ**.................................................................................182

# НОМГӮИ ИХТИСОРҲО

**ААИ** – Андоз аз арзиши иловашуда

**ВКД** – Вазорати корхои дохилӣ

**ИА** – Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё

**ИДМ** – Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил

**ИМА** – Иёлоти Муттаҳидаи Амрико

**КА** – Кумитаи андоз

**КВД** – Корхонаи воҳиди давлатӣ

**КОА** – Комиссияи олии аттестатсионӣ

**МА** – Маъмурикунонии андоз

**ММД** – Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ

**МОИ** – Минтақаҳои озоди иқтисодӣ

**РМА** – Рақами мушаххаси андозсупоранда

**СИ** – Соҳибкори инфиродӣ

**СҲИР** – Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва рушд.

**ТИ** – Технологияи иттилоотӣ

**ТИК** – Технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ

**ФР** – Федератсияи Россия

**ФЯДА** - Феҳристи ягонаи давлатии андозсупорандагон

**ҲШ** – Ҳисоби шахсӣ

**ҶТ** – Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ИҶШС** – Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ

**СМРТ** - Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон

# МУҚАДДИМА

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқот.** Дар шароити муосир масъалаҳои таҳлил ва таъмини устувории молиявии давлат муҳим мебошанд. Устувории молиявӣ ин пеш аз ҳама, амалисозии манфиатҳои иқтисодии давлат буда ва яке аз шартҳои рушд ва фаъолияти он мебошад, ки ба он равандҳои гуногуни иқтисодии муҳити берунӣ ва дохилӣ таъсир мерасонанд. Ташаккул ва нигоҳдории устувории молиявӣ, таҳияи тадбирҳои таҳкими он дар шароити таъсири омилҳои гуногун ва аксаран бисёрҷониба барои ҳар як давлат муҳим аст.

Барои танзим даровардани вазъи иқтисодӣ, давлат як қатор тадбирҳо ва чорабиниҳоро амалӣ менамояд. Аз он ҷумлаи татбиқи Стратегияи миллии рушд ва қабули як қатор барномаҳои миёнамуҳлат дар доираи ин стратегия, ки дар он рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар ба марҳилаҳои нав ворид мегардад. Чунин раванд боиси он мегардад, ки тағйироти институтсионалие ва ислоҳоти иқтисодӣ, вусъат дода шаванд.

Дар ин раванд, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дар заминаи он  «Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистонро барои соли 2021-2025» ҷиҳати мутобиқсозии иқтисоди кишвар ба шароиту марҳилаҳои нави рушд таҳия намудааст.

Сиёсати пешгирифтаи давлату Ҳукумат бахри дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ ба роҳ монда шуда ба соҳибкорон имтиёзу сабукиҳои зиёде «...то имрӯз ба онҳо беш аз 120 намуди имтиёзу сабукиҳои андозиву гумрукӣ пешниҳод шуда, шумораи сохторҳои бақайдгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ аз 4 ба 1 кам гардида, хизматрасонӣ дар ин самт ба таври ройгон ба роҳ монда шудааст. Аз ин ҷост, ки маблағи имтиёзҳои андозию гумрукӣ дар соли 2022 зиёда аз 12 миллиард сомониро

ташкил намуда, шумораи субъектҳои соҳибкорӣ ба 339 ҳазор расид, ки нисбат ба соли 2018 беш аз 76 ҳазор зиёд гардид»[1] ҷорӣ гардонида шудааст.

Дар баробари ин, яке аз воситаҳои сиёсати андози давлат, ин танзими гаронии андоз мебошад. Танзими гаронии андоз дар рушди устувори иқтисодиёт ниҳоят муҳим аст, зеро он мувозинати байни андозсупорандагон ва давлатро тавассути нигоҳ доштани ҳавасмандгардониҳои фаъолияти субъектони хоҷагидорӣ ва бо захираҳои молиявӣ таъмин намудани давлат ба вуҷуд меорад. Арзёбии таъсири гаронии андоз ба суботи молиявии субъекти хоҷагидор яке аз самтҳои мубрами таҳқиқот ба шумор меравад, зеро таҳияи қарорҳои идоракунӣ заминаи иттилоотӣ ва таҳлилиро фароҳам меорад, ки бо нигоҳ доштани рушди устувори фаъолияти андозсупорандагон нигаронида шудааст.

Ба ақидаи мо гаронии андоз нишондиҳандаҳои асосии иқтисодӣ мебошад, зеро ки амнияти иқтисодии фаъолиятҳоро тавсиф мекунад ва дар давраи бухрони иқтисодӣ ҳисоб кардани гаронии андоз ва ташаккули низоми нишондиҳандаҳои он масъалаҳои муҳимтарин мебошанд. Бояд гуфт, ки вазифаи асосии ҳар як низоми иқтисодӣ кам кардани гаронии андози субъектони фаъолияти хоҷагидорӣ мебошад.

Раванди иҷроиши вазифаҳои давлат аз мавҷуд будани манбаҳои молиявии он вобастагии зиёд дорад. Аммо ба инобат нагирифтани сатҳи гаронии андозҳо боиси он мегардад, ки рушди иқтисоди миллӣ рӯ ба таназул оварад. Дар ин маврид, андозҳо нақши танзимкунандаро бозида дар ҳолати ба инобат нагирифтани қонуниятҳои он вобастагии иқтисодиётро аз воридоти молу маҳсулот, пастравии рушди соҳибкорӣ ва пайдоиши бухронҳои системавӣ дар кишвар ба миён орад.

Тавре ки амалияи ҷаҳонӣ дар соҳаи андозбандӣ нишон медиҳад, сатҳи муносиби гаронии андоз ба андозсупоранда набояд аз 25-30 фоизи даромади

[1] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», шаҳри Душанбе 23.12.2022. URL:. http:// http://prezident.tj/node/29823, санаи муроҷиат 26.01.2023

ӯ зиёд бошад. Дараҷаи гаронии андоз вобаста ба кишвар ба таври назаррас фарқ мекунад. Дар иқтисодиёти кишвар вобаста ба сатҳи воридотҳои андозӣ ба буҷет ва ҳиссаи он дар ММД, ҳолати миёнаи гаронии андоз ҳамчун унсури низоми амнияти иқтисодӣ боқӣ мондааст, вале солҳои охир ин нишондиҳанда тамоюли коҳишёбӣ дорад, ки аз сиёсати андози Ҷумҳурии Тоҷикистон вобастагӣ дорад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Дар таҳияи назарияи танзими сатҳи гаронии андоз иқтисоддонҳои хориҷӣ, ки аввалини онҳо физиократҳо мебошанд, саҳми муҳим гузоштаанд. Доир ба ин масъала асосгузорони илми иқтисоди классикӣ ва неоклассикӣ, олимони барҷастае аз қабили У. Петти, А. Монкретен, Ф. Кенэ, Ж. Боден, А.Тюрго, Ш. Фуре, Сен Симон, А. Смит, Д. Рикардо, К. Маркс, Й. Шумпетер, Ф. Энгелс, Ҷ. М. Кейнс, А. Лаффер, Ҷ. Хикс, Р. Дорнбуш, А. Вагнер, Д. Норт, Д. Лоурес, К. Менгер, А.С. Пигу, У. Ҷевонс, Л. Валрас ва дигарон таҳқиқот анҷом додаанд.

То кунун баҳси таърихӣ дар бораи афзалияти принсипҳои андозбандӣ «...аз адолат ба қавли А.Смит, кифоят ба қавли А. Вагнер, ва боз ба принсипи адолат дар низоми андози кишварҳои саноатии мутараққии асри XX идома дорад»[2]. Нуқтаи калидии омӯзиши мушкилоти гаронии андоз ин таҳқиқи принсипҳои тақисимоти он, аз ҷумла, адолат дар андозбандӣ, баробарӣ ва умумияти он мебошад. Ба ҷиҳатҳои амалии мушкилоти таҳқиқи гаронии андоз муҳаққиқон И.Г.Г фон Юсти ва Л. фон Штейн, К.Гок, Э.Селигман, Г.Соловей, К.Шмелев машғул шудаанд.

Дар замони шуравӣ вобаста ба масъалаҳои танзими андоз ва андозбандӣ қариб, ки таҳқиқ ва баррасӣ намешуданд, чунки аксари моликият моликияти давлатӣ ва ҷамъиятӣ ба ҳисоб мерафт. Танҳо баъди солҳои 90-уми асри XX дар ҳолати гузариш ба иқтисоди бозорӣ зарурати зиёди таҳқиқот дар самти танзими давлатии андозии иқтисодиёт ба миён омад. Дар ҳалли мушкилоти мазкур саҳми олимони Россия И. Горский, С.В. Барулин, Е.

---

[2] Пушкарева В.М. История финансовой мысли и политики налогов. Инфра-М, 1996г. – С.84-86

Егорова, Е.А. Кирова, А.Кадушин, О. Медведева, М.И. Литвин, Н. Михайлова ва дигарон қобили зикр аст.

Дар Тоҷикистон масъалаҳои назариявӣ ва амалии андозбандӣ мавзуи таҳқиқоти Н.Қ. Қаюмов, Т. Назаров, Р.К. Раҳимов, Л.Ҳ. Саидмуродов, А. Ҳ.У. Умаров, Мирсаидов, Ф. Мирзоахмедов, З.С. Султонов, А. О. Орипов, Ш. Бозоров, Р.Р. Қудратов, Ш. Раҳимзода, Х.Р. Улуғхоҷаева, И.Р. Иброҳимзода, Н.Д.Дадоматов, Г. Оймаҳмадов, А. Бегматов, Ф. Шомуродов, Р.Т. Ҷабборов, А.Р. Қурбонов, Ю. Хушаев, Т.С. Исломов, М. Салимова, У. Воҳидов, Х.К. Ҷумабоев, С.Д. Давлатов, С. Халифазода, Ҷ.Ф. Касирова ва олимони дигар қарор гирифтааст.

Мутаасифона, то имрӯз дар кишвар назария ва амалияи танзими гаронии андоз ташаккул дода нашудааст. Аксарияти рисолаҳои илмӣ, асосан бо таҳияи методикаҳои муаллифии ҳисобкунии гаронии андоз дар сатҳи макро ва микроиқтисод пешбинӣ шудаанд. Корҳои илмии махсуси дорои хусусияти маҷмуии назариявию методологӣ ва методӣ, танҳо дар гаронии андози корхонаҳои хурд вуҷуд доранд, аммо доир ба танзими гаронии андоз дар миқёси ҷумҳурӣ бахшидашуда мавҷуд нест. Мавқеъ ва нақши гаронии андозҳо дар алоқамандии онҳо ва мазмуни он ҳамчун нишондиҳанда дар низоми умумии муносибатҳои вобаста ба андоз ба қадри кофӣ омӯхта нашудаанд.

Гарчанде ки олимони соҳаи иқтисодиёт дар доираи мавзуи марбута таҳқиқоти илмӣ бурда бошанд ҳам, паҳлуҳои норавшани мавзуи мазкур то имрӯз низ дар илми иқтисодиёт мавҷуд аст, бинобар ин таҳлилу баррасии он дар шароити имрӯза аҳаммияти хоса дорад. Нақши андозҳо дар даромадҳои буҷетӣ ё худ рушди иқтисоди миллӣ саҳми арзанда дошта, яке аз фишангҳои муҳимми ғанӣ гардонидани буҷаи давлатӣ ва рушди иқтисоди миллӣ ба ҳисоб мераванд. Аз ин рӯ дар оянда масъалаҳои стратегия ва роҳҳои мушаххаси ислоҳоти низоми андоз дар асоси муносибгардонӣ, тақсими оқилонаи гаронии андоз ба субъектҳои хоҷагидор, бояд омӯхта шаванд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзуҳои илмӣ.** Кори илмӣ дар доираи татбиқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 15 ноябри соли 2012, № 1), Барномаи давлатии рушд ва татбиқи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2020 (аз 31 октябри соли 2018, № 519), Консепсияҳои иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 30 декабри соли 2019, №642), Барномаҳои рушди маъмурикунонии андоз барои солҳои 2020-2025 (аз 30 декабри соли 2019, №643), Нақшаи таҳқиқотии кафедраи андоз ва андозбандии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 амалӣ карда шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот** омӯзиши асосҳои назариявӣ ва исботи методологии ташаккули пойгоҳи иттилоотӣ доир ба масъалаҳои танзими гаронии андоз дар сатҳи иқтисодиёт, инчунин таҳқиқи таъсири гаронии андоз ба фаъолияти субъектони иқтисодӣ ба ҳисоб меравад.

**Вазифаҳои таҳқиқот**. Ҳадафи гузошташуда дар кори диссертатсионӣ ҳалли вазифаҳои зеринро ба миён меорад:

– таҳаввулоти назариявии гаронии андозро омӯхта, нуқтаи назари муаллиф роҷеъ ба танзими гаронии андоз муайян карда шавад;

– бартарӣ ва нуқсонҳои усулҳои ҳисоб кардани гаронии андоз омӯхта шавад, методикаи муаллифии ҳисоб намудани гаронии андоз пешниҳод гардад;

–таҷрибаи кишварҳои ҷаҳон дар масъалаҳои танзими гаронии андоз мавриди таҳлил қарор дода шавад ва тавсияи татбиқи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба роҳ монда шавад;

–танзими гаронии андозро аз нуқтаи назари муносибатҳои институтсионалӣ ошкор намуда ва нақши субъектони муносибатҳои ҳуқуқии андозӣ дар танзими гаронии андоз баён гардад;

– ҳолати сатҳи гарониии андозро дар ҷумҳурӣ муайян карда шавад ва роҳҳои коҳишдиҳии он пешниҳод гардад;

– модели эконометрикии дурнамои даромадҳои андозӣ, ММД ба сари аҳолӣ, буҷети давлатӣ, гаронии андоз ба сари аҳолӣ, гарониии андоз ба сари андозсупорандагон ва додани тавсияҳо оид ба коҳиш додани сатҳи гаронии андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳия карда шавад.

**Объекти таҳқиқот** низоми амалкунандаи андози Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқот.** Самтҳои асосӣ ва роҳҳои танзими гаронии андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**Фарзияи таҳқиқот** ба муқаррароте асос ёфтааст, ки вобаста ба самтҳои танзими гаронии андоз дар шароити иқтисодиёти кишвар, мебояд роҳҳоеро ба монанди истифодаи имтиёзҳои самараноки андоз ва тартиби дурусти банақшагирии андозро таҳрезӣ намоем, ки баҳри ҳавасмандгардонии фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ ва баланд бардоштани сатҳи рушди иқтисодиёти кишвар, равона гардад, зеро ки суботи иқтисодӣ ва баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии кишвар аз сатҳи эътидоли гаронии андоз вобастагӣ дорад.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот.** Диссертатсия дар кафедраи молия ва суғуртаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар солҳои 2020–2023 ба анҷом расонида шудааст.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот** аз осори классикон, намояндагони равияҳои гуногуни назарияи иқтисодӣ, инчунин асарҳои олимони муосири ватанию хориҷӣ, мақолаҳо, ҳисоботҳои илмӣ, маводи конференсияҳои илмӣ ва ғайра иборат аст.

**Асосҳои методологии таҳқиқотро** методи диалектикии идрок ташкил медиҳад, ки имкониятҳои омӯзиши падидаҳои иқтисодиро дар ҳоли инкишоф, вобастагӣ ва робитаи мутақобила фароҳам меоварад. Муносибати бонизом ба мавзуи таҳқиқот бо ёрии методҳо ва равишҳои илмӣ: таҷдиди илмӣ, таҳлилу хулоса, эконометрика, тасвирҳои графикӣ, гурӯҳбандӣ, муқоиса ва амсоли инҳо амалӣ гардонида шудааст.

**Сарчашмаи маълумот.** Ба сифати сарчашмаҳои иттилоотии таҳқиқот санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳисоботи оморӣ Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумоти Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳисоботи Вазорати рушди иқтисод ва савдо ва Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон истифода шудаанд.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Кафедраи молия ва суғуртаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Навгонии илмии таҳқиқот** аз асосноккунии самтҳои асосӣ ва роҳҳои танзими гаронии андоз дар иқтисодиёт иборат мебошад.

Муҳимтарин натиҷаҳои илмие, ки барои дифоъ пешниҳод шудаанд, инҳоянд:

1. Дар асоси омӯзиши таҳаввулоти назариявии гаронии андозҳо маълум гардид, ки нисбати истилоҳи мазкур назари ягона вуҷуд надорад. Таърифи муаллиф ин аст, ки гаронии андоз дар сатҳи субъектҳои хоҷагидорӣ ҳамчун нишондиҳандаи нисбӣ ҳисоб карда мешавад, ки ҳиссаи андозҳои ҳисобшударо дар даромади умумӣ тавсиф мекунад;

2. Бартарӣ ва нуқсонҳои усулҳои ҳисоб кардани гаронии андозро омухта, методикаи муалифии худро барои ҳисоб намудани гаронии андоз пешниҳод намудем, ки ҳолати воқеии ҳисоб намудани гаронии андозро то дараҷаи муайян инъикос менамояд;

3. Таҷрибаи ҷаҳонии андозбандӣ аз нуқтаи назари танзими гаронии андоз таҳлил карда, механизмҳо ва воситаҳои нави муносибатҳои байни андозсупорандагон ва мақомоти андоз муайян карда шуда, истифодаи таҷрибаи Федератсияи Россияро дар муносиб гардонидани он ба низоми миллии андоз мебояд ба таври васеъ истифода бурд;

4. Масъалаҳои танзими гаронии андоз аз нуқтаи назари муносибатҳои институтсионалӣ муайян гардидааст, ки мақомоти андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун мақоми ваколатдор, баҳри назорати воридотҳои андозӣ

ба буҷет ба ҳисоб рафта, якчанд маротиба ислоҳотҳои андозиро баҳри коҳиш ва муътадил нигоҳ доштани гаронии андоз гузаронидааст;

5. Ҳолати сатҳи гарониии андозро дар ҷумҳурӣ вобаста ба нишондиҳандаҳои иқтисодӣ муайян карда шудааст ва яке аз роҳҳои коҳишдиҳии гаронии андозро дар имтиёзҳои андозии хусусияти инфиродидоштае мебинем, ки сатҳи гаронии андозро ба эътидол медароранд ва шахсро аз пардохт кардани андоз қисман ва ё пурра озод менамоянд;

6. Модели эконометрикии коэффитсиентҳои таносуби ҷуфтшуда таҳия шудааст, ки таъсири даромадҳои андозро аз нишондиҳандаҳои иқтисодӣ нишон медиҳад, дурнамои даромадҳои андоз, ММД ба сари аҳолӣ, буҷети давлатӣ, гаронии андоз ба сари аҳолӣ, гарониии андоз ба сари андозсупорандагон таҳия шудааст ва барои танзими гаронии андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияҳо пешниҳод шудаанд.

**Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

– тафсири муаллифӣ оид ба танзими гаронии андоз муайян карда шудааст;

–методикаи муалифии ҳисоб намудани гаронии андоз пешниҳод гардидааст;

– таҷрибаи хориҷӣ таҳлил ва тавсияҳо оид ба истифодаи он дар низоми андози Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шудааст;

– нақши субъектони муносибатҳои ҳуқуқии андозӣ дар танзими гаронии андоз, исбот гардидааст;

– ҳолати муосири сатҳи гарониии андоз дар ҷумҳурӣ муайян гардида, роҳҳои коҳишдиҳии он пешниҳод гардидаанд;

– модели регресионии коэффитсиентҳо ҷуфти даромадҳои андоз дар асоси як қатор нишондиҳандаҳо таҳия ва ҷиҳати рушди раванди танзими гаронии андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияҳо пешниҳод шудаанд.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Аҳаммияти назариявии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки таҳқиқоти диссертатсионӣ таҳлил ва омӯзиши асосҳои назариявӣ-методологӣ ва илмии бисёрсолаи муаллифро доир ба масъалаҳои танзими гаронии андоз дар низоми андози кишвар фаро гирифтааст. Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки натиҷаҳои

он заминаи назариявию методологии таҳияи механизми самаранокии танзими гаронии андозро дар иқтисоди миллӣ густаришу такмил медиҳанд. Тавсияҳои амалӣ, роҳҳои методии дар диссертатсия дарҷёфтаро ҳангоми таҳлил ва қабулкунии қарорҳои танзимнамоӣ оид ба коҳиш додани сатҳи гаронии андози кишвар дар рушди иқтисоди миллӣ ва фароҳам овардани замина барои зиёдшавии шумораи андозсупорандагон истифода бурдан мумкин аст.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия** бо таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ, муқарраротҳои пешниҳодшуда, эътимоднокии маълумот ва таҳлили омории натиҷаҳо, таъмин гардидааст. Хулоса ва тавсияҳо ба таҳлили илмии таҳқиқот асос ёфтаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба бандҳои зерини Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси Молия - 6D050900 (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз), мувофиқат мекунад: банди 2. Молияи давлатӣ, ҳудудӣ ва маҳаллӣ, зербандҳои: 2.4. Пешгӯӣ ва банақшагирии буҷетию андозӣ дар иқтисоди бозорӣ; 2.5. Танзими андозии бахшҳои иқтисодиёт; 2.6. Назарияи бунёди системаи буҷетию андозӣ; 2.9. Асосҳои назариявӣ, афзалиятҳои сиёсати андозӣ ва самтҳои асосии ислоҳоти низоми андозӣ; 2.16. Сиёсати буҷетию андозии давлат дар иқтисоди бозорӣ; 2.20. Шаклдигаркунии низоми буҷетию андозӣ дар марҳилаҳои гуногуни рушди иқтисодиёт: фишангҳо ва амсилаҳои мутобиқсозӣ; 3.14. Назария, методология ва консепсияҳои бунёдии андозбандии субъектҳои хоҷагидор; 3.16. Мониторинги саҳми андозии субъектҳои хоҷагидор; 3.17. Таҳқиқоти вобастагии байни нарх ва андозбандӣ; 3.19. Назарияи қабули қарорҳо ва методҳои идоракунии хавфҳои молиявӣ ва андозӣ; 3.30. Баҳисобгирии андоз ҳамчун унсури андозбандӣ.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ.** Дар ҷараёни таҳқиқот муаллиф асосҳои танзими андозии иқтисодиётро омӯхта, масъалаҳои

танзими гаронии андозро коркард ва дурнамои рушди муносибатҳои андозиро таҳия намудааст. Натиҷаҳои таҳқиқотро дар шакли хулоса ва пешниҳодҳо дар мақолаҳои илмӣ пешниҳод намудааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳо ва пешниҳодҳои асосии диссертатсия аз ҷониби муаллиф дар конференсияҳо ва семинарҳои илмӣ-назариявии сатҳи донишгоҳӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ва раванди баргузор кардани дарсҳои лексионӣ ва семинарӣ пешниҳод карда шудаанд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Натиҷаҳои асосии тадқиқоти диссертатсионӣ дар 14 таълифоти илмии муаллиф бо ҳаҷми умумии 9,88 ҷ.ч., аз ҷумла 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳо ва нашрияҳое, ки аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд, ба нашр расидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсияи мазкур аз муқаддима, се боб, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст. Матни асосии диссертатсия дар ҳаҷми 194 саҳифаи матни чопии компютерӣ навишта шуда, дар он 29 ҷадвал, 15 расм ва 9 диаграммаҳо инъикос ёфтаанд.

# БОБИ I. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИЮ МЕТОДИИ ТАНЗИМИ ГАРОНИИ АНДОЗ

## 1.1.Таҳаввулоти назариявии танзими гаронии андоз

Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити имрӯза ба марҳилаи навини рушд ворид гардида, низоми иҷтимоию иқтисодии кишварро ба тадриҷ танзим менамояд. Дар ин ҳолат тағйиротҳои институтсионалӣ ба амал омада боиси такмил ва ислоҳоти қонунгузории соҳаҳои дахлдор аз ҷумла дар низоми андозбандии кишвард мегарданд.

Дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон омадааст, ки «...ҷиҳати баркарор сохтани низоми фалаҷшудаи идораи давлатӣ, оғоз намудани раванди баркарорсозии баъдиҷангӣ, амалӣ гардонидани дигаргунсозиҳои сохторӣ ва минбаъд таъмин намудани гуногуншаклии моликият, фароҳам овардани шароити мусоид барои соҳибкориву сармоягузорӣ, ташаккул додани низоми миллии буҷету андоз ва пуливу қарзӣ, рушди соҳаҳои воқеии иқтисод ва инкишофи бахши иҷтимоӣ бисёр тадбирҳои самарабахш амалӣ карда шуданд»[3].

Аз ин лиҳоз, муносибатҳои дурусти ҳуқуқии андозӣ, дар раванди татбиқи сиёсати андозӣ нақши босазое гузошта, баҳри ба эътидол даровардани фазои молиявии давлат ба вуҷуд омадааст.

Андоз чун мафҳуми иқтисодӣ ва иҷтимоӣ маҷмуи муносибатҳои тақсим ва азнавтақсимкунии даромади дар ҷомеа бавуҷудовардашударо инъикос мекунад.

---

[3]Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ».URL [Режим доступа]:.http://prezident.tj/node/27417# devashtich. Санаи муроҷиат 21.12.2021

Ба ақидаи Ф.Ҷ.Касирова «...андоз пардохти ҳатмию бебозгашти шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ ба буҷети давлат ба шумор рафта, фишанги тавонои танзими иқтисодиёт ва манбаи асосии даромади буҷети давлатӣ мебошад».[4]

Яъне андоз ҳамчун муҳимтарин воситаи идоракунии низоми иқтисодиву иҷтимоии кишвар ба ҳисоб рафта, барои ноил шудан ба сатҳи баланди рушд, бахусус рушди низоми иҷтимоӣ амалӣ карда мешавад.

Ҳолати кунинии такмили низоми андоз, ки ҳамзамон дар кишвар ҷараён дорад ба таъмини афзоиши самаранокии фаъолияти мақомоти андоз дар масоили андозбандӣ, хусусан коҳиш додани сатҳи гаронии андозҳоро нисбат ба фаъолияти субъектони хоҷагидорӣ равона гардидааст.

Дар ҳолати дуруст будани сиёсати андоз, нишондиҳандаҳои иқтисодӣ мунтазам афзоиш меёбанд. Дар ин сурат буҷет ба кадри зарурӣ пур мешавад ва корхонаҳо ба васеъ намудани истеҳсолот ва ҷалб намудани сармоягузорон диққат медиданд. Аммо дар ҷараёни татбиқи ин стратегия метавонад баъзе монеаҳо, масалан, гаронии андоз пайдо шаванд.

Гаронии андозро нишондиҳандае ҳисобидан мумкин аст, ки таъсири умумии андозҳоро ба андозсупоранда ва дар маҷмуъ иқтисодиёти кишвар нишон медиҳад. Яъне ҳамчун таносуби байни даромад ва пардохти андозҳо, дар давраи муайян ҳисобида мешавад.

Мушкилоти гаронии андоз ҳангоми барасии масъалаи банақшагирии андоз боз ҳам мураккабтар мегардад. Дурнамои рушди иқтисодии давлатро асосан сатҳи гаронии андоз муайян мекунад. Афзоиши хароҷоти давлатӣ (барои идоранамоӣ, мудофиа, ҳалли барномаҳои иҷтимоӣ ва ғ.), боиси зиёд гардидани дарёфти сарчашмаҳои нави даромад ва инчунин баланд гардидани сатҳи гаронии андоз дар кишвар мегардад[5]. Аз ин лиҳоз, барои таҳқиқу

---

[4]Касирова Ф. Дж. Развитие процессов цифровизации налогового администрирования в Республике Таджикистан / дис. на соиск.уч.степ.канд.экон.наук по спец.08.00.07 - Финансы, денежное обращение и кредит с.189 - С- 16. Душанбе, 2023.

[5]Иброҳимзода И.Р. Таҳаввулоти назариявии гаронии андоз //И.Р. Иброҳимзода, Т. – С. Раҷабов / Паёми молия ва иқтисод. 2022. № 2 (31). – С. 27-35

шарҳи мафҳуми гаронии андоз ва танзими андоз дар ба нақшагирии андоз, сараввал ба назарияҳои гаронии андоз, рӯ бояд оварем.

Истилоҳи "гаронии андоз" дар қонунгузорӣ ифшо нашудааст, балки дар адабиёти илмӣ ва амалии иқтисодию ҳуқуқӣ васеъ истифода мешавад ва ҳар як муаллиф истилоҳоти худро истифода мебарад.

Мушкилоти таъсир намудан ба сатҳи андозбандӣ дар соҳаи фаъолияти хоҷагидорию корхонаҳо, инчунин субъектҳои соҳаи соҳибкорӣ ҳамеша мавриди таваҷҷуҳи олимони соҳаи иқтисод қарор дорад.

Аз ин рӯ, аз таърих ба мо маълум аст, ки андозҳо дар давраҳои гуногун амал карда ва ҳамчун соҳаи амалӣ инкишоф ёфтаанд. Тавре ки Геродот хабар медиҳад, дар аҳди Дорои I (522-486 пеш аз милод) шумораи ин қабил вилоятҳо ба 20 мерасид. Волиҳо, ки бевосита ба подшоҳ итоат мекарданд, аксаран аз байни форсҳо таъин карда мешуданд. Вазифаи волӣ асосан аз ҷамъоварии андоз ва нигаҳдории қушун иборат буд[6]. Боҷу хироҷғундорӣ аз муҳимтарин амалҳои дастгоҳи давлатӣ ҳисоб мешуд. Мувофиқи ислоҳоти дар соҳаи молиёт ҷоринамудаи Дорои I, ҳар як вилоятро мебоист андози солонаро бо пул адо кунад. Аз аҳолии Осиёи Миёна андозҳои иловагӣ мегирифтанд, ки мисоли он метавонад бастани дарғот бошад. Аҳолӣ аз беобӣ ба танг омада, маҷбур мешуданд, ки барои кушодани дарғот хироҷи иловагӣ бидиҳад.

Мисоли дигар метавонад давраи ҳукумронии Ғазнавиён бошад. «Маҳмуди Ғазнавӣ, дар ҳар як арафаи лашкаркашӣ аз аҳолии маҳаллӣ андозҳои бисёре ситонида мешуд. Ин тариқа, андозҳо то дараҷае зиёд буд, ки халқи заҳматкаш пас аз адо кардани он, ҳатто аз воситаҳои рӯзгузаронии худ низ тамоман ҷудо мегардид.»[7] Баёни мазкур ифодагари он мебошад, ки зиёд будани андозҳо, сабаб торафт рӯ ба вайронӣ ниҳода хоҷагии мамлакат дар ин давраҳо гардидааст.

---

[6] Ғафуров Б.Ғ. Тоҷикон/ Б.Ғ Ғафуров// - Душанбе, 2008. – С.80-82

[7] Ғафуров Б.Ғ. Тоҷикон/ Б.Ғ Ғафуров// - Душанбе, 2008. – С.394–396.

Ислоҳот ва ба низом даровардани муносибатҳои андозӣ, омили равнақ гардидани давлатдорӣ гардида, аз худ дар таърих, амали накӯ боқӣ мемонад. Масалан, дар ҷараёни ислоҳоти иқтисодӣ ва дигаргуниҳои низоми хироҷгузориро дар аҳди Қубоду Хусрави Анӯшервон чунин менигорад: «...Пеш аз Қубод дар ҷаҳон хироҷ набуд, магар даҳяку панҷяку чоряк ва ҷое буд, ки бистяк гирифтандӣ бар миқдори ободонӣ ва наздикию дурии об. Пас Қубод бифармуд, то ҳама мамлакат соҳат карданд, то хироҷ ниҳанд ва хумсу рубъу ушр бардоранд. Чун соҳат оғоз карданд, Қубод бимурд ва васият кард мар Анӯшервонро, ки ин масоҳат тамом кун ва хироҷ неҳ ва мардумонро аз сахтии даҳяку панҷяк бираҳон».[8]

Ба андешаи мо дар он замон аҳолӣ аз ин қабил андозу хироҳҳои зиёд ба азобу кулфатҳои тоқатфарсо дучор мегардиданд ва барои додани молиёт аксар вақт замини худро ба судхерҳо гарав мегузошт ва ё ҳатто фарзандони худро ба ғуломӣ мефурӯхт.

Бо гузашти давраҳо муносибатҳои андозӣ дар осорҳои илмӣ ҷойгоҳи худро пайдо кард. Осори илмии мутафаккирон дар соҳаи иқтисодиёт нисбат ба таъйинот ва табиати андозҳо, имконият ва давраҳои инкишофи андозҳо, инчунин, робитаи мутақобилаи андозҳо нисбат ба давраҳои истеҳсоли молу маҳсулот ва иҷрои кору хизматрасониҳо, марҳилаҳои ба амал баровардани он аз ҷониби олимони соҳаи иқтисодиёт пешниҳод гардид, ки дар ниҳояти кор, андозҳо як шакли дурусту муназзамро касб намуданд.

Аз оғози асри XVII яъне аз замоне, ки муносибатҳои молиявӣ хусусияти иҷтимоию ҳуқуқӣ пайдо намуд, назарияҳо доир ба андоз ва андозбандӣ ҳамчун консепсия дар илм ташаккул ёфт.

Бояд ҳаминро қайд намуд, ки аввалин принсипҳои андозбандиро Адам Смит таҳия кардааст. Дар асарҳои худ ӯ чор принсипи асосиро номбар кард, ки муфассал буданд ва дар навиштаҳои баъдии бисёр иқтисоддонҳо нисбат ба принсипҳои пешниҳодгардида, тафсирҳои мухталиф ба даст оварданд.

---

[8]Абӯалӣ М.Б. Таърихи Табарӣ/ М.Б. Абӯалӣ //Ҷилби 1. – С. 532-533

Принсипҳои пешниҳодгардидаи А. Смит инҳоро дар бар мегиранд:

1. Принсипи адолатнокӣ – андозҳо аз тамоми андозсупорандагон бояд мунтазам ситонида шаванд, яъне “Вазифаи ҳар як шаҳрванд пардохти саривақтии андоз мувофиқи даромади ӯ” мебошад;
2. Принсипи итминонӣ – шаффофияти раванди андозбандӣ ва муайянии андоз назди ҳамагон;

3. Принсипи мувофиқатӣ – ситонидани андоз набояд барои пардохткунанда аз ҷиҳати ҷой, вақт ва объект номувофиқ бошад;

4. Принсипи самаранокӣ – хароҷоти ситонидани андоз бояд аз андозаи худи андозҳо камтар бошад.

Принсипи «адолатнокӣ»-ро А. Смит ба маънои тақсими баробарии гаронии андозро дар байни ҳамаи пардохткунандагон меҳисобид. Вобаста ба ҳолати мазкур А.Смит ҷиҳати асосноккунии вазъи андозбандӣ, принсипи «мувофиқатӣ»-ро пешниҳод менамояд.

Мувофиқатӣ – маънои онро дорад, ки андоз бояд қаблан ва шаффоф назди андозсупоранда муайян бошад ва аз ҷумла унсурҳои андозбандӣ:

1. Муассиса ва шахси масъуле, ки андозро бояд ба он супорид;
2. Андозсупоранда;
3. Муҳлати охирини супоридани андоз;
4. Маблағи мутлақи пул ё меъёри муайяншуда дар асоси даромади амволи шахс, ки ӯ бояд онро ҳамчун андоз супорад. [9]

Дар воқеъ, ҳар як андоз бо унсурҳои таркибии он бояд ба шарту шароити андозсупоранда маълум ва мувофиқ бошад ва ин унсурҳои таркибӣ ба назар гирифта нашаванд, метавонад боиси номуайянӣ ва худсарона ҷорӣ намудани андозҳо гардад ва ин ҳолат раванди танзимнамоии муносибатҳои андозиро душвор намуда, сатҳи гаронии андозиро баланд менамояд.

---

[9]Гензел, П. П. Налоговое бремя в СССР и иностранных государствах (очерки теории и методологии вопроса) / П. П. Гензел, П. В. Микеладзе, В. Н. Строгиё, К. Ф. Шмелев. – М.: Финансовое издательство НКФ СССР, 1928. – С. 15-16-17.

Ба андешаи А. Смит «...номуайянии андозбандӣ боиси мухолифатӣ ва рад кардани пардохти андоз аз ҷониби андозсупоранда мегардад».[10] Ҳамзамон, чунин меҳисобем, ки ҳолати номуайянӣ ва номувофиқатӣ метавонад саркашӣ ва канораҷӯиро дар байни андозсупорандагон ба вуҷуд орад.

Мафҳуми гаронии андоз дар сатҳи хоҷагӣ, пеш аз ҳама, мафҳуми субъективист, ки ба таври мухталиф аз ҷониби олимону мутафаккирони соҳаи иқтисодиёт шарҳ дода шудааст. Дар ин самт метавон гуфт, ки мафҳуми гаронии андоз дар ҳар як давру замон, дар сатҳҳои гуногун аз ҷониби олимону мутафаккирони соҳаи иқтисодиёт пешниҳод гардидааст.

Дар адабиёти иқтисодӣ мафҳуми гаронии андоз бештар ҳамчун бо маънои таъсири андозҳо ба тамоми сатҳи иқтисодёти кишвар ва инчунин ба субъекҳои алоҳидаи хоҷагидорӣ, ба андозсупоранда чун ҳиссаи даромаде, ки дар шакли пардохтҳои андоз ба давлат дода мешавад, шарҳ дода мешавад.

Вале бояд қайд намуд, ки мушкилот аз нигоҳи методологӣ оиди ба ҳисоб гирифтани гаронии андоз яке аз мушкилоти асосӣ ва баҳсбарангез дар банақшагирӣ ва танзими андоз мебошад.

Дар собиқ ИҶШС мушкилоти методологӣ нибат ба ҳисоби гаронии андоз ба миён омада буд, ки дар пайи он асаре бо номи «Гаронии андоз дар ИҶШС ва давлатҳои хориҷӣ»[11] мавриди таҳқиқ қарор гирифт.

Дар ин асар, чунин оварда шудааст, ки "омӯзиши оморӣ оид ба гаронии андозбандӣ, метавонад дар масъалаи сиёсати андоз ва ислоҳоти андоз хидмат кунад»[12]. Воқеан ба инобат гирифтани сатҳи гаронии андоз ҳангоми қабули санадҳои меъёрӣ - ҳуқуқӣ, ки танзимкунандаи муносибатҳои андозианд бамаврид аст.

---

[10]Смит А.Исследование о природе и причинах богатсва народов// А. Смит: Антология экономической классики. – М.: Эконом; Ключ, 1993.- С.108-109

[11]Гензел, П. П. Налоговое бремя в СССР и иностранных государствах (очерки теории и методологии вопроса) / П. П. Гензел, П. В. Микеладзе, В. Н. Строгиё, К. Ф. Шмелев. – М.: Финансовое издательство НКФ СССР, 1928. – С. 15-16-17.

[12] Дар ҳамонҷо.

Ҳамзамон, дар ин таҳқиқоти В.Н.Строгий оид ба вазнинии андозбандии аҳолии кишоварзӣ дар ИҶШС, солҳои 1925-1926 ва П.В.Микеладзе дар бораи вазнинии андозбандии аҳолии ғайрикишоварзӣ дар ИҶШС пешниҳод намудааст.

Маврид ба қайд аст, ки «...қадами устувор дар ҷодаи усули ҳисоби гаронии андозро А. Соколов ниҳодааст. А. Соколов ҳисобнамоии гаронии андозбандиро барои манфиатҳои иҷтимоии аҳолӣ дар Иттиҳоди Шуравӣ, солҳои 1924-1929 таҳқиқ намудааст».[13]

Ӯ соли 1930 китоби бо номи «Барои таҳлили марксистии андозҳо ва гаронии андозбандӣ»-ро аз чоп баровард, ки инро барои ҳисобнамоии гаронии андоз, қадами устувор метавон ҳисобид. Аммо, бояд қайд намуд, ки баъдан аз соли 1930 то солҳои 1983 мушкилоти методологияи гаронии андоз ва усулҳои ҳисобкунии он дар адабиёти иқтисодӣ амалан аз байн нарафта, вале бо таваҷҷуҳи илмӣ камтар зоҳир мегардид.

Шуруъ аз солҳои 90 - уми асри XX, яъне аз замони ба миён омадани муносибатҳои иқтисодии бозорӣ дар байни кишварҳои ИДМ масъалаи ба вуҷуд овардани низоми андоз, аҳаммияти масъалаи танзими гаронии андозҳо ва ҳамзамон кӯшишҳои ҳисобкунии математикии гаронии андоз анҷом дода шудаанд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки таснифоти танзими гаронии андоз, раванди мураккаб ва мубоҳисавӣ буда, миёни олимону муҳаққиқон назарияҳои гуногунро ба миён овардааст.

[13] Соколов, А. За марксистский анализ налогов и тяжести обложения / А. Соколов. – М. : Государственное финансовое издательство Союза ССР, 1930. – С. 50–69.

## Ҷадвали 1.1.1. – Таҳаввулоти назариявии танзими гаронии андоз*

| № | Намояндагони мактабҳо | Ақидаҳо |
|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 |
| 1. | Намояндагони мактаби классикӣ аз зумраи А.Смит, Д.Рикардо, У.Петти | Ситонидани андоз аз сари аҳолӣ тавре бошад, ки «....бори гарон ба халқ наорад».[14] |
| 2 | Намояндагони мактаби мерканелистӣ ба мисоли А. Монкретен ва Ж. Боден | Нақши андозҳо «...дар ғанӣ намудани буҷети давлатӣ ниҳоят муҳим буда, халқ вазифадор аст, ки онро пардохт намояд».[15] |
| 3 | Намояндагони мактаби сотсиалистии утопӣ аз зумраи Сен Симон, Р. Оуен Ш. Фурйе | Инсон сарфи назар аз «.. вазъи иҷтимоиву иқтисодӣ ва қобилият бо ҳам баробаранд. Аз ин рӯ, шаҳрвандон бояд барои озодӣ, баробарӣ ва инсондӯстӣ талош кунанд. Тафриқаи синфӣ, беадолатӣ, ба души халқ гузоштан бори андоз, бахусус андозҳое, ки дар он адолат дида намешавад-ҳолати зуроварӣ ва поймолкунии ҳуқуқу озодиҳои инсон мебошад»[16] |
| 4 | Намояндагони мактаби марксистӣ К.Маркс ва Ф.Энгелс | Қарзи андозро набояд ба мерос гузошт, зеро «...ин поймол кардани хукукхои шаҳрвандист.. Аз ин рӯ, он бояд аз қонун хориҷ карда шавад».[17] |
| 5 | Асосгузори мактаби кейнсианӣ Ҷ.М. Кейнс | Андозҳо ҳамчун «...асоси ғанӣ гардонидани буҷети давлатӣ, саҳми беандоза дар рушди иқтисодиёти кишвар ва нигоҳ доштани мувозинати буҷети давлатӣ» дониста мешаванд.[18] |
| 6 | Намояндагони мактаби неокейнсианӣ ба мисоли А. Лаффер, Ҷ. Хикс, Р. Дорнбуш, Д. Лоурес, А.С. Пигу | Дар «...сурати баланд будани андоз аз молу маҳсулот талабот ба ин маҳсулот кам мешавад, ки ин ҳам ба истеҳсолкунанда ва ҳам ба давлат зарар мерасонад».[19] |

[14]Рикардо Д. Начала политической экономии и налогового обложения. Том 3. Отдел третий: О вли-янии налогов, которыми облагаются отдельные товары: монография/ Д.Рикардо – М.: Эксмо, 1998.. –С. 301 – 305.

[15]Александров И.М. Налоги и налогообложение: Учебник/ Александров И.М. – М.: Дашков и Ко, 2007. – С. 547 – 554.

[16]Поляк Г.Б., Суглобова А.Е. Налоги и налогообложение. Учебное пособие для ВУЗов 3-е изд., перераб. и доп./, М.: Издательство: Юнити, 2010. – С.562 –568.

[17]Маркс К., Энгелс Ф. Сочинения 2-е издание.Том 21: сочинения / К. Маркс, Ф. Энгелс –М.: Эксмо, 1998. – С. 435 – 440.

[18]Кейнс Джон Мейнард «Общая теория занятости, процента и денег»элект.книга. Москва1995 из-дат.ТКО «АСТ». –С.574 – 575.

[19] Худокормова А.Г. История экономических учений. Москва.ИНФРА-М.2009. – С.357 – 360.

**Давоми ҷадвали 1.1.1.**

| **1** | **2** | **3** |
|---|---|---|
| 7 | Намояндагони мактаби маргиналӣ К. Менгер, У. Ҷевонс ва Л. Валрас | «...афзоиши меъёри андозро омили кам кардани маблағи ин андозҳо ба буҷети давлат ҳисоб кард».[20] |
| 8 | А. В. Бризгалин | Гаронии андоз дар «...сатҳи макроиқтисодӣ - ин нишондиҳандаи ҷамъбастиест, ки саҳми андозҳоро дар ҳаёти ҷомеа нишон дода, ҳамчун ҷамъи маблағи андозҳо ба маҷмуи маҳсулоти миллӣ муайян карда мешавад».[21] |
| 9 | В.Г. Пансков | Ба сифати «...нишондиҳандаи гаронии андоз дар сатҳи давлат, нишондиҳандаи нисбати ҷамъи андозҳои дар кишвар супоридашуда дар ММД истифода бояд бурд».[22] |
| 10 | Д. Г. Черник | Гаронии андоз «... ки нишондиҳандаи маҷмуи саҳми андозҳоро ба ҳаёти ҷамъиятӣ ва давлат инъикос менамояд ва ҳачун нисбати пардохтҳои андоз ба маҷмуи маҳсулоти миллӣ муайян мешавад».[23] |
| 11 | Н.В. Бондарчук | Гаронии андоз – яке аз «...категорияи мураккаби иқтисодӣ буда, муносибатҳои молиявии байни давлат ва андозсупорандаро оид ба масъалаҳои андоз муайян мекунад».[24] |
| 12 | Г.В. Девликамова | Гаронии андоз – «...хусусияти миқдорӣ ва сифатии таъсири низоми андоз ба субъекти хоҷагидор аст».[25] |
| 13 | И.В. Горский | Гаронии андоз дар «...иқтисодиёт ва субъектҳои хоҷагидорӣ, таъсире ҳисобида мешавад, ки низоми андоз ба онҳо мерасонад».[26] |
| 14 | Иброҳимов И.Р. | Афзоиши «...манбаъҳои ғайриандозии даромади буҷет боиси кам шудани гаронии андоз мегардад».[27] |
| 15 | Улуғхоҷаева Х.Р. | Аҳаммияти андозҳо дар «...тақсимоти ММД ба воситаи андозситонӣ, яъне нишондиҳандаи гаронии андозӣ муайян карда мешавад».[28] |

---

[20] Ақидаи маржиналистон оид ба андоз аз арзиши иловашуда: [захираи электронӣ]: htpps://ravshan-fikr/tj/ilm-oi-iktisod

[21]Брызгалин А.В. Налоги и налоговое право: учеб. пособие. – М.: Аналитика-Пресс, 2007.- С.608 – 610.

[22]Пансков В.Г. Налоги и налогообложение в Российской Федерации. – М.: «Книжный мир». 2000. – С.77–80

[23] Черник Д. Г. Основы налоговой системы. – М.: ЮНИТИ. 2000. – С. 74-81.

[24] Бородин, В.А., Малахов, П.В. Налоговая нагрузка как составляющая финансовой устойчивости предприятия // Экономический анализ: теория и практика. – 2009. 32 (161). – С. 10–16.

[25]Девликамова, Г.В. Налоговый анализ как составная часть анализа хозяйственной деятельности предприятия // Финансы. – 2001. № 8. – С. 40–42.

[26]Горский, И.В. К проблеме налоговой нагрузки в России // Экономика. налоги. Право. – 2015. № 1. – С. 121–126.

[27]Иброҳимов И.Р. Пути совершенствования налогово-бюджетной политики Таджикистана: монография/ - Душанбе. – Ирфон, 2004. – С. 45 – 51.

**Давоми ҷадвали 1.1.1.**

| 1 | 2 | 3 |
|---|---|---|
| 16 | Синои А. | Гаронии андоз – «...нишондиҳандаи маҷмуи таъсироти андозҳо ба иқтисодиёти мамлакат дар пуррагӣ ба субъектҳои алоҳидаи хоҷагидор ё дигар андозсупорандагон, ки ҳамчун ҳиссаи даромади онҳо, ки ба давлат дар шакли пули пардохтҳои хоси андози муайянкунандаро ифода мекунад».[29] |
| 17 | Алимов, А. А., Маъмуров А.М. | Меъёри асосии «...фаъолияти самараноки низоми андоз, гарнии андоз ба иқтисодиёти кишвар мебошад, ки ҳиссаи ММД аз ҳисоби андозҳо ва пардохтҳои ҳатмӣ тавсиф мекунад».[30] |
| 18 | Ҷабборов Р.Т. | Принсипи ҳудуди андозбандӣ - даромаде, ки «...шаҳрвандон аз фаъолияти иќтисоди хориљӣ ба даст меоранд, беҳтар аст, ки андоз нагиранд».[31] |
| 19 | Назарияи муаллиф | Ба ақидаи муаллиф гаронии андоз – хусусияти умумии низоми андози кишваро нишон медиҳад. Барои баҳодиҳии миқдории он, маблағи андозҳо, ҳиссаи онҳо дар ММД ё даромади категорияҳои алоҳидаи пардохткунандагон истифода мегардад. |

***Сарчашма:** Бо истифода аз адабиёти илмӣ таҳия гаштааст.

Назарияи Ж.Боден, ки намояндаи мактаби «Меркантилист» буд, муносибатҳои молиявии он замонро инъикос менамояд[32].

Намояндагони ин мактаб баъдан бо танқид аз андозбандии ғайримустақим ҳарф мегуфтанд, яъне андозҳои ғайримустақим, ки ба нархи молу маҳсулот зам карда мешавад, метавонад дар оқибати кор ба истеъмолкунанда ҳолати гарониро ба вуҷуд орад.

Ба ақидаи мо, таърифи овардаи Пансков В.Г. айни муддаост, ки овардааст: «...гаронии андоз ҳамчун маҷмӯи нишондиҳандаҳое, ки ҳиссаи андозҳоро дар ҳаҷми манбаи андозбандишаванда барои ҳар як намуди

---

[28]Улугходжаева Х.Р. Андоз ва андозбандии Ҷумҳурии Тоҷикистон: Китоби дарсӣ – Душанбе: Ирфон, 2004. – С.24 – 26.

[29] Синои, А. Масъалаҳои методологии танзими гаронии андоз / А. Синои // Ахбори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. – 2021. – №2(263). – С. 155-162.

[30] Алимов, А. А. Налоговая реформа и налоговое бремя в условиях переходной экономики Таджикистана / А. А. Алимов, А. М. Маъмуров // Научное обозрение. Серия 1: Экономика и право. – 2011. – № 6. – С. 278-284.

[31] Джаббаров Р.Т. Направления налогового регулирования в Таджикистане. – Душанбе: Конуният, 2002. – С.44 – 52.

[32] Д.Гулмирзоев. Назарияи андоз ва андозбандӣ: Васоити таълимӣ / Д.Гулмирзоев - Душанбе.: Сурушан, 2000. – С. 419 – 421.

андозҳо инъикос мекунанд, баррасӣ менамояд, зеро ки ҳар намуди андозҳо пойгоҳи андозбандии хоси худро дорад».[33]

Дар таҳқики ин масъала олимони Шуравӣ ҳануз дар асри XX аз зумраи файласуфон, ходимони сиёсӣ, ҳуқуқшиносон, иқтисодчиён ба монанди Черник Д.Г., Евстигнеев Е.А., Окунев Л.П., Петрова П.В., Миляков Н.В., Пепляева Юткина Т.Ф. ва дигарон бахшида ба мушкилотҳои андоз ва андозбандӣ таҳқиқоти зиёде бурданд.[34] Ин таҳқиқотҳо дар замони муосир ба таври васеъ аз ҷониби олимони соҳаи иқтисодиёт пайгирӣ ва истифода гардидааст.

Марид ба қайд аст, ки масъалаҳои гаронии андоз аз ҷониби иқтисоддонҳои кишварҳои Ғарб хеле васеъ мавриди омӯзиш қарор гирифта шудааст.

Доир ба масъалаи мазкур соли 1913 Е. Кун қайд намуда буд, ки: «Натиҷаи молиявии андозҳо аз омилҳои зерини ба ҳам алоқаманд вобастагӣ дорад, яъне маблағи андоз ва шумораи андозсупорандагон[35]».

Бояд гуфт, ки пешниҳодоти Е. Кун маънои онро дорад, ки диққати ба эътидол овардани сатҳи гаронии андоз дар ин давра аллакай ба вуҷуд омадааст ва мо чунин мешуморем, ки ба инобат гирифтани маблағи андозҳо ва теъдоди андозсупорандагон ҳангоми муайян намудани сатҳи гаронии андоз муҳим аст.

Соли 1928 К. Ф. Шмелев қайд менамояд, ки зери таъсири пардохтҳои ҳатмӣ ё андозҳо, мафҳуми гаронии андоз дар назар дошта мешаванд Барои тавқият бахшидани таърифи худ К. Ф. Шмелев дар тавзеҳоти худ таърифи К. Брауэрро меорад, ки он чунин аст: «...зери мафҳуми гаронии андоз, ҳамчун пешниҳоди як воҳиди ҷамъиятӣ (андозсупоранда ё агенти андоз) бо мақсади

---

[33]Пансков В.Г. Налоги и налогообложение в Российской Федерации. – М.: «Книжный мир». 2000. – С.77–80

[34]Александров И.М. Налоги и налогообложение: Учебник/ Александров И.М. – М.: Дашков и Ко, 2007. – С. 547 – 554.

[35]Кун Е. Опыт сравнительного исследования налогового бремени в России и других главнейших странах Европы, 1913.-СПб.: Типография Редакции периодических изданий Министерства Финансов. – С.148 – 149.

муайян намудани пардохтпазирии он нисбат ба иҷрои уҳдадориҳои андозӣ ё қобилияти пардохтпазирии андозӣ фаҳмида мешавад».[36] Яъне, аз ҳисоби пардохтҳо ва андозҳо, вазнинӣ ва сахтиҳо ба души пардохткунанда ба миён меояд.

Дар асоси мавҷудияти гаронии андоз муайян карда мешавад, ки андозсупоранда ҳамчун шахси пардохтпазири андоз, вазнинии андозро эҳсос менамояд, чунки андозҳои пардохтгардида қисми ҷудонашавандаи хароҷотҳои ҷории андозсупорандаро ташкил медиҳад.

Аз рӯйи пешниҳои К. Ф.Шмелев бошад, мафҳуми гаронии андозбандӣ ду унсурро дар бар мегирад: гаронӣ ва фишор. Ҳамзамон, қайд менамояд, ки «...гаронии андозро давлат бевосита ба зиммаи аҳолӣ мегузорад. Ӯ ба он ақида буд, ки фишори андоз, ин он таъсирест, ки андозҳо ба иқтисодиёти инфиродӣ ва дар маҷмуъ тамоми хоҷагии халқ зарари моддӣ ва хисорот мерасонанд».[37]

Пардохтҳое, ки аҳолӣ анҷом медиҳанд, ҳамчун шакли бегона кардани пул сурат мегирад. Дар муносибатҳои ҳуқуқии андоз бошад пардохтгар танҳо андозсупорандагон (шаҳрвандон, аҳолӣ), ки манбаи даромад ва амволҳо доранд, баромад мекунанд.

Гурӯҳи муаллифон С.В. Барулин, Э.А. Ермакова, В.В. Степаненко «...гаронии андозро дар робита ба сатҳи макроиқтисод тафсир намуда, бо истифода аз категорияҳои асосии иқтисодӣ ва равандҳои ташаккули нархи умумии хизматрасониҳои давлатӣ муайян мекунанд».[38]

Ба ақидаи онҳо ҳамфикр шуда наметавонем, зеро барои муайян намудани гаронии андоз дар ин сатҳ, таносуби пардохтҳою даромадҳои ба дастомада истифода мешавад.

---

[36] Гензел, П. П. Налоговое бремя в СССР и иностранных государствах (очерки теории и методологии вопроса) / П. П. Гензел, П. В. Микеладзе, В. Н. Строгиё, К. Ф. Шмелев. – М.: Финансовое издательство НКФ СССР, 1928. – С. 15-16-17.

[37] Гензел, П. П. Налоговое бремя в СССР и иностранных государствах (очерки теории и методологии вопроса) / П. П. Гензел, П. В. Микеладзе, В. Н. Строгиё, К. Ф. Шмелев. – М.: Финансовое издательство НКФ СССР, 1928. – С. 15-16-17.

[38] Барулин С.В. Налоговый менеджмент. Учебное пособие. / Барулин С.В., Ермакова Е.А., Степаненко В.В. – М.: Изд-во «Дашков и К0», 2012. – С. 56 – 61.

Э.С. Вилкова бошад, гаронии андозро дар сатҳи микроиқтисод меомӯзад. Ба ақидаи ӯ «...гаронии андоз дар сатҳи як андозсупоранда, ҳамчун тавсифкунандаи нишондиҳандаи нисбии ҳиссаи андозҳои ҳисобгардида дар даромади умумӣ, мувофиқи талаботи қонунгузории андоз ҳисобида мешавад».[39]

Бо ақидаи худ Э.С.Вилкова моҳияти иқтисодии гаронии андозро то дараҷае дар сатҳи микроиқтисод нишон додааст. Албатта гаронии андоз худ ин нишодиҳандаи таносуби даромад ва пардохтҳои андозӣ дар давраи ҳисоботи барои субеътони фаъолияти хоҷагидорӣ ба ҳисоб меравад.

Е.Н.Евстигнеев бошад, мафҳуми гаронии андоз ё зулми андозро дар сатҳи давлат баррасӣ мекунад. Ба ақидаи ӯ, гаронии андоз дар сатҳи давлат ин ҳамчун ҳамаи пардохтҳои андоз барои соли молиявӣ бо фоизи маҷмуи маҳсулоти дохилӣ ва ё таносуби ҳаҷми умумии воридоти андоз ба маҷмуи маҳсулоти миллӣ мебошад,[40] ки ин тарзи баҳогузорӣ, методикаи шакли умум мебошад.

Масъалаи муносибкунонии гаронии андози аз ҷиҳати илмӣ асоснок олимони соҳаро кайҳост, ки ба ташвиш овардааст. Маврид ба ёдоварист, ки меъёри баланди андозҳо то андозае пардохткунандагонро дур месозад. Масалан, дар "Рисола оиди андозҳо ва боҷҳо" У. В.Петти (1623-1687) оварда шудааст, ки бисту панҷ қисми ҳамаи даромадҳое, ки аз ҳисоби замин ва меҳнат ба миён меояд, бояд он ҳиссаеро ташкил диҳад, ки барои қонеъ кардани ниёзҳои давлатӣ ҷудо ва истифода шавад[41]. Яъне тавасути андозҳо заминаҳои молиявии давлат ғанӣ мегардад ва шароит фароҳам оварда мешавад, ки соҳаҳои афзалиятноки давлат ботадриҷ рушд намоянд.

Фердинанд Юсти (1705-1771) бошад чунин мешуморад, ки «...буҷетро муқаррари шуморидан мумкин, агар хароҷот 1/6 ҳиссаи даромади миллиро

---

[39] Вылкова Е. – С. Налоговое планирование. Теория и практика: учебник для вузов. – 2-е изд. перераб. и доп. – М.: Издательство «Юрайт», 2014. – С. 566 – 568.

[40] Евстигнеев Е. Н. Налоги и налогообложение. Краткий курс. 6-е изд. –СПб.: Питер, 2009.- С.239 – 245.

[41] Петти, У. Шедевры мировой экономической мысли. / У. Петти, Д. Рекардо – СПб.: Петроком, 1993. – С. 24 – 26.

ташкил диҳад[42]. Дар ҳоле, ки дар сатҳи давлат хароҷотҳо зиёд гардад ва сарчашмаҳои нави даромаднокӣ дар сатҳи буҷет дарёфт нагардад, метавон бо таври воқеъбинона гуфт, ки дар чунин ҳолат сатҳи меъёрҳои андоз бо тадриҷ баланд мегардад ва ҳолати фишор ва вазниниро ҷомеа эҳсос мекуанд».[43]

Д.Г.Черник чунин мешуморад, ки «...имконияти пардохт намудан ҳар як намуди андоз аз ҷониби андозсупоранда (зулм, гаронӣ, фишор) ифодагари нақши андозҳо дар ҳаёти ҷомеа ва давлат мебошад».[44] Ҳамчун ҳиссаи тарҳҳои андозро дар истеҳсолот ва даромад андозсупорандагон тавсиф намуда, тавасути таносуби даромадҳои андозӣ ба маҷмуи маҳсулоти миллӣ муайян карда мешавад.

Гуфтан бамаврид аст, ки П.Самуэлсон ташвиқотҳои зиёде дар самти муайян кардани гаронии андоз анҷом додааст. Дар ниҳояти кор ба хулосае меояд, ки «... муайян кардани гаронии андозро зарур аст. Яъне омухтани он ки гаронии андоз дар ниҳояти кор ба дӯши кӣ меафтад, гаронии андоз ба нархи мол чӣ гуна таъсир мерасонад, дар бораи сохтори истеҳсол ва истеъмол ва ғайраҳо»[45].

Бояд қайд намуд, ки дар адабиёти муосири иқтисодии хориҷӣ ва ватанӣ шаклҳои муайян кардани гаронии андоз гуногун аст. Дар луғатҳои муосири иқтисодӣ, гаронии андоз ҳамчун ченак, дараҷа, сатҳи маҳдудиятҳои иқтисодӣ ифода гардидааст.

Миқдори вазнии андозро бо таносуби маблағи умумии имтиёзҳои андоз, нисбат ба андозаи даромади субъекти андозбандишаванда дар давраи муайян чен карда мешавад. Ба маънои васеъ, метавон гаронии андозро ҳамагуна пардохтҳои андозӣ шуморид.

---

[42]Жидкова Е.Ю. Налоги и налогообложение. Учебное пособие / Е.Ю. Жидкова. – 2-еизд., перераб. и доп. – М.: Эксмо. – 2009. – С.480 – 485.

[43]Жидкова Е.Ю. Налоги и налогообложение. Учебное пособие / Е.Ю. Жидкова. – 2-еизд., перераб. и доп. – М.: Эксмо. – 2009. – С.480 – 485.

[44]Черник, Д. Г. Основы налоговой системы / Д. Г. Черник. – М. : Юнити, 2000. – С. 445 – 451.

[45]Райзенберг, Б. А. Современный экономический словарь / Б. А. Райзен- берг, Л. Ш. Лозовский, Е. Б. Стародубцева. – 3-е изд., доп. – М. : ИНФРА-М,2000. – С. 238 – 246.

Ба ақидаи олимони ватанӣ Иброҳимзода И.Р., Мирбобоев Р.М., Мирзоева Е.Ш., гаронии андоз ба сари ахолӣ «...таносуби тамоми пардохтҳои андоз аз ҳар як фарди алоҳида ба даромади миёнаи ахолӣ, аз ҷумла баҳодиҳии маблағҳое, ки аз фоидаи молиявии он ситонида мешаванд» мебошад.[46]

Дар воқеъ, гаронии андози сатҳи субъектҳои иқтисодӣ, ҳамчун нишондиҳандаи нисбии тавсифкунандаи ҳиссаи андозҳои ҳисобшуда ва пардохтшуда дар даромади умумӣ, ки бо дарназардошти талаботи қонунгузории андоз ҳисоб карда мешавад, фаҳмида мешавад.

Гаронии андоз нишон медиҳад, ки «...кадом қисми даромади андозсупорандагон ба буҷети давлат дар шакли андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ворид мегардад ва кадом қисми даромад дар ихтиёри андозсупорандагон ҳамчун даромади холис боқӣ мемонад».[47]

Эътимоднокии баҳодиҳии гаронии андоз бошад «...аз бисёр ҷиҳат, нишондиҳандаҳоеро дар бар мегирад, ки ҳангоми ҳисобкунии гаронии андоз истифода мегарданд».[48] Ин нишондиҳандаҳо омилҳое ба ҳисоб мераванд, ки сатҳи таъсири онро дар иқтисодиёти кишвар ва минтақа мушоҳида намудан мумкин аст, ки доир ба ин масъала дар зербоби ояндаи рисолаи илмии худ муфассал қайд менамоем.

Чунин мешуморем, ки гаронии андоз ҳамчун нишондиҳандае баромад намояд, ки андозсупоранда дар ширкат вазнинии андозро бо тартиби таносуби байни пардохтҳои андоз аз ҳисоби корхона нисбат ба арзиши маҳсулот ё маҷмуи маҳсулоти дохилӣ ҳисоб намояд.

Ба ақидаи мо сатҳи гарони андозро то ҳадде коҳиш додан мумкин аст, дар ҳоле, ки ислоҳоти низоми андоз дуруст ба роҳ монда шуда бошад ва он

---

[46]Иброҳимов И.Р. Управление государствеными финансами: учебник. / Иброҳимов И.Р., Мирбобоев Р.М., Мирзоева Е.Ш. – Душанбе, 2014. – С. 272 – 274.

[47]Бегматов, А. А. Масъалаҳои методологӣ ва амалии таъсири низоми андоз ба рушди иқтисодӣ / А. А. Бегматов, Э. – С. Одинаев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2020. – №2. – С. 116-121.

[48]Салимова М.М. Некоторые вопросы оптимизации налоговой нагрузки в условиях переходной экономики. Научная статья. Паёми ДМТ, Типография «СИНО», №6 (62). – Душанбе, 2010. – С.84 – 91.

шароити муқаррарӣ, барои бахши воқеии иқтисод фароҳам меоварад. Дар ин раванд, гаронии андоз бо сабаби васеъ гардидани заминаҳои андоз, содагардонӣ ва кам намудани номгӯи андозҳое, ки соҳибкорон пардохт мекунанд, паст мегардад.

Ин тартиботро мо метавонем дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки санаи 23-юми декабри соли 2021 пешниҳод гардида буд, мушоҳида намоем. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ қайд намуданд, ки «...таҳияи лоиҳаи Кодекси андоз Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав бо дар назардошти сабук гардонидани пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ, махсусан соҳибкории истеҳсолӣ сурат гирад ва ҷиҳати иҷроиши он Вазорати молия ва дигар вазорату идораҳо вазифадор карда шуд, ки ин пешниҳод бомуваффақият иҷро гардид».[49]

Бо ворид гардидани тағйиру иловаҳо дар таҳрири нав ба Кодекси андоз аз 01-уми январи соли 2022 мавриди амал қарор гирифт, ки он дар шароити имрӯза вобаста ба дастгирии бахши соҳибкории истеҳсолӣ, рушди минтақаҳои озоди иқтисодӣ ва тағйиротҳои зиёдеро бахри паст гардидани сатҳи гаронии андоз пешбинӣ менамояд.

Раванди дурусти фаъолияти мақомоти андоз дар ҳоли кам намудани хароҷоти андозсупорандагон дар мисоли сарфаи вақт, хароҷоти роҳ, кам гардидани назорати андоз метавонад андозсупорандагонро, бахусус фаъолияти соҳибкориро ҳавасманд гардонад. Ҳамчунин, ҳар як андозсупоранда ҳуқуқ дорад, усулҳои қонунан иҷозатдодашударо барои то ҳадди имкон кам кардани уҳдадориҳои андозаш дар назди давлат истифода барад.

---

[49]Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ».URL[Режим доступа]:. http://prezident.tj/node/25005. Санаи муроҷиат 26.01.2021

Чунин меҳисобем, ки муносибкунонии гаронии андоз яке аз ҷузъҳои муҳимми банақшагирии андоз дар ташкилотҳо мебошад. Чунин банақшагирӣ бо мақсади ҳадди аққал расонидани пардохтҳои андоз ва афзоиши ҳаҷми сармояи муомилоти ташкилот амалӣ карда мешавад. Натиҷаи татбиқи ин ҳадафҳо афзоиши имкониятҳои воқеии ташкилот барои рушди минбаъда ва самаранокии фаъолияти он мебошад. Албатта бо паст намудани гаронии андоз дар асоси ҷустуҷӯи роҳҳои оқилонаи коҳиш додани уҳдадориҳои андоз, ташкилот имконоти иловагӣ барои ба ҳадди имкон расонидани даромаднокии фаъолияти молиявию иқтисодии худ дорад.

Гаронии андоз нишондиҳандаест, ки аксар вақт ҳамчун нишондиҳандаи иқтисодии субъектҳои соҳибкорӣ хизмат мекунад ва ин нишондиҳанда муайян мекунад, ки қарори онҳо дар бораи ҷойгиркунии сармоягузорӣ, истеҳсолот ва ғайра чӣ гуна хоҳад буд.

Аз ин рӯ, гуфтан мумкин аст, ки рушду нумӯи иқтисодиёти давлатро асосан сатҳи гаронии андоз муайян мекунад. Хароҷоти давлат баҳри идоранамоӣ, мудофиа, ҳалли барномаҳои иҷтимоӣ, маориф, тандурустӣ ва ғайра боиси дарёфти сарчашмаҳои нави даромад дар буҷети давлатӣ мегардад, ки дар натиҷа ба болоравии сатҳи гаронии андоз дар низоми андоз оварда мерасонад.

Ҳамзамон, ифшо кардани моҳият ва хусусиятҳои танзими гаронии андоз дар назарияҳои мактабҳои иқтисодӣ гуногун буда, пайгири аз пешниҳодҳо ва хулосабандиҳои олимони ватанию хориҷӣ метавонад нақши созгоре дошта бошад дар роҳҳои муосири танзими гаронии андози кишвар.

Зимни таҳлили асосҳои назриявии танзими гаронии андоз мо ба чунин хулоса омадем, ки:

1. Мафҳуми гаронии андоз дар сатҳи хоҷагӣ, пеш аз ҳама, мафҳуми субъективист, ки ба таври мухталиф аз ҷониби олимону мутафаккирони соҳаи иқтисодиёт шарҳ дода шудааст. Дар ин самт метавон гуфт, ки мафҳуми гаронии андоз дар ҳар як давру замон, дар сатҳҳои гуногун аз ҷониби олимону мутафаккирони соҳаи иқтисодиёт пешниҳод гардидааст;

2. Гарониии андоз ҳамчун категорияи иқтисодӣ баромад намуда, шахси пардохтпазири андоз онро эҳсос менамояд, чун ки андозҳои пардохтгардида қисми ҷудонашавандаи хароҷотҳои ҷории андозсупорандаро ташкил медиҳад;

3. Дар сатҳи субъектҳои иқтисодӣ, гаронии андоз ҳамчун нишондиҳандаи нисбии тавсифкунандаи ҳиссаи андозҳои ҳисобшуда дар даромади умумӣ, ки бо дарназардошти талаботи қонунгузории андоз ҳисоб карда мешавад, баён мегардад;

4. Мушкилоти барасии танзими гаронии андоз дар ҳамаи давру замон дар мадди назари олимони соҳаи иқтисодиёт қарор дошт ва боқӣ хоҳад монд. Зеро ки танзими гаронии андоз падидаест, ки аз зери таваҷҷуҳи давлатмадорону олимон ва ҳатто мардуми одӣ дур нахоҳад гашт.

## 1.2. Асосҳои методии танзими гаронии андоз

Аз сабаби мавҷуд набудани дастгоҳи консептуалии ифодакунандаи мафҳуми «гаронии андоз», аз ҷониби муалифон таърифҳои гуногун ба вуҷуд омадааст. Ҳангоми таърифи «гаронии андоз», мафҳумҳои «вазнинии андоз», «фишори андоз», хеле зиёд истифода мешаванд.

Дар айни замон таърифи шабеҳи ин истилоҳ вуҷуд надорад. Он ҳам ҳамчун «ченаки маҳдудиятҳои иқтисодӣ, ки аз ҳисоби тарҳ кардани маблағҳо барои пардохти андозҳо ба вуҷуд омадааст[50]» арзёбӣ гардидааст. Он ҳамчун «...маҷмуи андозҳо, боҷҳо ва дигар пардохтҳое, ки шабеҳ ба пардохтҳои андозӣ, боҷҳоянд, ки бо ифодаи пулӣ ҳисоб карда шудаанд ва ҳамчун уҳдадории пардохтӣ тибқи қонунгузории амалкунанда ба зиммаи андозсупоранда вобаста ба иҷрои маблағҳои мушаххас – амалиёти тиҷоратӣ ва ё дигар амалҳои аз ҷиҳати ҳуқуқӣ аҳаммиятдошта, ки аз рӯйи мавҷудият, амалӣ гаштани онҳо, ягонагӣ ва алоқамандии онҳо, ки боиси пардохти

---

[50]Попова Л.В. Теория и история налогообложения : учебник / Л.В. Попова, И.А. Дрожжина, И.А. Маслова, М.М. Коростелкин. – М., 2011. – С.166 – 171.

андозҳо дар давраи андоз ба буҷет бечунучаро, бебозгашт ва беподош пардохт мегардад, ҳисобида мешавад».[51]

**Ҷадвали 1.2.1. – Тафсири мафҳумҳои «вазнинӣ», «гаронӣ», «зулм» ва «сахтӣ»***

| Сарчашма | Гаронӣ | Зулм | Сахтӣ | Вазнинӣ |
|---|---|---|---|---|
| **Луғати тафсирии Ожегов С.И.**[52] | Чизи вазнин, душвор. | Вазнинӣ, боре, ки ба чизе фишор меорад. | Ба воситаи «сахтӣ» тафсир мешавад - шиддат, душворӣ, меҳнати зиёд, заҳмати зиёд. | Он чизе, ки дар ҷараёни амал ба чизе меафтад. |
| | Фаҳмиши синонимӣ | | | |
| **Луғати калони иқтисодӣ**[53] | Чизи душвор, хароҷоти зиёд. | Мавҷуд нест. | Мавҷуд нест. | Кори таъиншуда, вазифа. |

***Сарчашма:** Дар асоси луғатҳои номбурда.

Аз ҷадвали мазкур бармеояд, ки гарони ин сахтӣ, душвориҳо ва хароҷотҳои зиёдеро ифода мекунад. Вазнини бошад, ҳамчун вазифаи таъиншуда аст, ки дар ҷараёни ягон амал ба вуҷуд меояд.

Аз нигоҳи муаллифон Б. Райзберг, Л. Лозовский, Е.Б. Стародубсев «...гаронии андоз ҳамчун ченак, дараҷа, сатҳи маҳдудиятҳои иқтисодӣ, ки тавасути ҷудо намудани маблағҳо барои пардохти андозҳо аз дигар пардохтҳо равона мегардад, ҳисобида мешавад».[54]

Бархӯрди ҷолиб ин аст, ки Ҷ.Блэк гаронии андозро ҳамчун «...хароҷоти умумӣ дар иқтисодиёти пардохти андозҳо меҳисобад ки ин ҳам дуруст ба назар мерасад, зеро гаронӣ ифодагари душворест, ки хароҷотро талаб мекунад.[55]

---

[51]Барташевич С.В. Налоговое бремя как правовая категория / С.В. Барташевич // Налоги и налогообложение. 2010. № 6. – С. 43 – 49.

[52]Толковый словарь Ожегова онлайн. Махзани электронӣ. *URL*:. https://slovarozhegova.ru/word.php?wordid=15369. Санаи мурочиат: 15.09.2022.

[53]Экономика : Толковый словарь : Англо-русский. / Блэк, Дж. – М.: ИНФРА-М: Весь Мир, 2000. – С.840 – 843.

[54]Современный экономический словарь./Райзберг,Б.А.,Лозовский,Л.Ш., Стародубцева, Е.Б. – Кострома: ИНФРА-М, 2008. – С.512 – 514.

[55]Экономика : Толковый словарь : Англо-русский. / Блэк, Дж. – М.: ИНФРА-М: Весь Мир, 2000. – С.840 – 843.

Дар баробари ин, таъсири равони истифодаи мафҳумҳои «гаронии андоз» ва «вазнинии андоз» мушоҳида карда мешавад. Гаронии андоз ҳамчун бори вазнине қабул карда мешавад, ки андозсупорандагон маҷбуранд ба дӯш гиранд, зеро давлат ба онҳо андозҳоро ҳамчун уҳдадорӣ пешниҳод намудааст. Вазнинии андоз бошад, ҳамчун гирифтани як қисми даромади андозсупорандагон бо мақсади иҷрои уҳдадории онҳо оид ба риояи қоидаҳои муқарраршуда (яъне уҳдадории пардохти андоз) ифода карда мешавад.

Ба андешаи мо, маҳз ҳамин таъсири равонӣ дар интихоби истилоҳи гаронии андоз ва вазнинии андозро, ки аз ҷониби олимон ё муҳаққиқон барои тавсифи як падида истифода гардидааст, яъне таъсири пардохтҳои ҳатмии андоз дар фаъолияти соҳа, ташкилот ё умуман иқтисодиёт ҳисобида мешавад.




***Сарчашма:** Таҳияи муаллиф

**Расми 1.2.1. – Ҷанбаҳои асосии ҳисобкунии гаронии андоз дар сатҳи иқтисодиёт**

Дар сатҳи макроиқтисодӣ, гаронии андоз аз «...рӯйи таносуби маблағи умумии даромадҳои андоз ба буҷет, нисбат ба ҳаҷми маҷмуи маҳсулоти дохилӣ, муайян карда мешавад».[56]

Бояд қайд намоем, ки дар ин сатҳ, гаронии андоз ҳамчун «маҷмуи воситаҳои давлатӣ ба ҳисоб меравад, ки ба он имкон медиҳад, қарори умумии буҷетро оид ба ҳаҷми умумии даромадҳо ва хароҷотҳои зарурие, ки бахши давлатиро таъмин менамоянд, муайян намояд», маънидод карда мешавад.

---

[56]Лыкова, Л. Н. Налоги и налогообложение: учебник / Л.Н. Лыкова. – Москва: Юрайт, 2015. – С.353 – 357.

Гаронии андоз ба иқтисод, чун қоида, таносуби ҳамаи андозҳои дар кишвар гирифташуда нисбат ба маҷмуи маҳсулоти дохилӣ мебошад. Маънии иқтисодии ин нишондиҳанда, баҳодиҳии ҳиссаи маҷмуи маҳсулоти дохилӣ тавассути андозҳо мебошад.

Дар сатҳи микроиқтисодӣ нишондиҳандаи гаронии андоз – ин ҳиссаи даромади умумии андозсупорандаро, ки ба буҷет пардохт гардидааст, нишон медиҳад. Вале мутаасифона муносибати ягона, ҷиҳати баҳодиҳии гаронии андоз дар ин сатҳ вуҷуд надорад. Ҳамчунин, гаронии андоз дар ин сатҳ бо истифода аз усулҳои гуногун ҳисоб карда мешавад ва ҳангоми ҳисоб кардани он аз равиши маҷмуӣ истифода бурда мешавад.




***Сарчашма:** Аз ҷониби муаллиф дар асоси адабиёти омӯхташуда тартиб дода шудааст.*

**Расми 1.2.2. – Муносибати маҷмуӣ ба баҳодиҳии гаронии муосири андоз.**

Чунин меҳисобем, ки дар ин сатҳ, баҳодиҳи бояд ба принсипҳои зерин мувофиқ бошад:

1. **Принсипи фоиданокӣ**, ки истифодаи он ба корбарон дар қабули қарорҳои идоракунӣ кӯмак мекунад;

2. **Принсипи шаффофият** маънои онро дорад, ки натиҷаҳои баҳодиҳӣ бояд аниқ пешниҳод карда шаванд ва барои ҷомеа дастрас бошанд;

3. **Принсипи маҷмуӣ**. Принсипи мазкур баҳодиҳиро ҳамчун маҷмуи таъсири амалии андозбандӣ ба фаъолияти иқтисодии субъектҳои соҳибкорӣ ва қабули нақшаи зарурии гаронии андоз муайян мекунад;

4. **Принсипи истифодаи мақсадноки натиҷаҳои баҳодиҳӣ**. Аз ҷониби кормандони ташкилот гузаронида мешавад, ки минбаъд бояд барои мақсадҳои идоракунии андоз истифода шаванд.

Дар асоси баҳодиҳии дар боло зикршуда бояд гуфт, ки муносибати маҷмуӣ ба баҳодиҳӣ, аз як тараф имкон медиҳад, ки гаронии андоз ҳисоб карда шавад. Аз тарафи дигар, мавҷудияти равиши маҷмуӣ имкон медиҳад, ки маълумоти заруриро дар бораи нишондиҳандаи воқеии гарони андоз ба даст орем.

М.Романовский гаронии андозро як «...қисми таркибии банақшагирии андоз аз ҷониби андозсупоранда ҳисобида, чунин меҳисобад, ки гаронии андоз қисми таркибии идоракунӣ дар фаъолияти хоҷагидорӣ ба шумор рафта, раванди истифодаи усулҳои қонунии андозро барои баланд бардоштани сатҳи натиҷаи молиявӣ амалӣ менамояд».[57]

Мусаллам аст, ки дар ҳолати мавҷуд будани дастгоҳи консептуалии ҳисоб намудани сатҳи гаронии андоз аз ҷониби андозсупорандагон, метавонад ҳолати банақшагириро дуруст намояд ва бар ин васила канорагирӣ ва саркашӣ аз пардохти андозро коҳиш медиҳад.

Грачева Е.А. чунин мешуморад, ки «...банақшагирии андоз як роҳи кам кардани гаронии андоз мебошад, ки таҳияи ин низомҳо метавонад, гаронии андозро ба субъекти хоҷагидор кам кунад».[58]

Ба фикри Грачева Е.А. розӣ шудан душвор аст, зеро ин «...ақида робитаи байни мафҳумҳои гаронии андоз ва банақшагирии андозро объективона ошкор мекунад, дар ҳоле ки моҳияти ин ду мафҳум гуногун баён мегардад. Ҷанбаҳои андоз дар ҳама гуна бахши идоракунии молиявии

---

[57]Лыкова, Л. Н. Налоги и налогообложение: учебник / Л.Н. Лыкова. – Москва: Юрайт, 2015. – С.353 – 362.

[58]Лыкова, Л. Н. Налоги и налогообложение: учебник / Л.Н. Лыкова. – Москва: Юрайт, 2015. – С. 353 – 367.

субъектҳои хоҷагидорӣ мавҷуд аст ва гаронии андоз, ки ҷузъи танзими молиявӣ буда, ҳамчун унсури банақшагирии андоз дар он ҷойгоҳи муайянро ишғол мекунад».[59] Зеро ба инобат гирифтани сатҳи муътадилии гаронии андоз, метавонад натиҷаи судманд ба бор орад, яъне ҳам ба давлат ва ҳам ба андозсупоранда.

Аз ин лиҳоз, баҳодиҳии гаронии андоз яке аз ҷанбаҳои асосии фаъолияти низоми андоз мебошад[60]. Воқеан, низоми дурусти андозбандӣ, метавонад ба фаъолияти самаранокии тамоми иқтисодиёт оварда расонад.

Бояд тазакур дод, ки дар ҳоли омӯзиши низоми мавҷудаи андозбандӣ, қарорҳои ташкилотҳо доир ба бизнес – нақша ва қарорҳои идоракунӣ бароварда мешавад ва ин вазифаро шуъбаҳое ҳал мекунанд, ки барои машварати андоз ва танзими андоз масъуланд.

Нишондиҳанда ё методологияи мушаххаси миқдори гаронии андоз на барои шахсони ҳуқуқӣ ва на барои шахсони воқеӣ вуҷуд надорад[61]. Барои субъектҳои хоҷагидор, гаронии андоз бо роҳҳои гуногун ҳисоб карда мешавад - ҳамчун таносуби андозҳо ба даромад аз фурӯш ё фоидаи тахминӣ, соф ё балансӣ ва ғайра.

Аммо бархе аз олимону коршиносон қайд мекунанд, ки «...гаронии андоз на танҳо бо ҳаҷми андозҳои пардохташуда, балки бо хароҷоти андозсупорандагон вобаста ба пардохти андозҳо маҳдуд аст (харҷи меҳнат, нигоҳдории ҳайати кормандони соҳаи тиб ва ғайра) дар бар мегирад».[62] Ба инобат гирифтани ин хароҷотҳо ҳангоми муайян намудани сатҳи гаронии андоз метавонад ҳолати мусбиро ба андозсупоранда ба миён орад, зеро дар баробари пардохтҳои андозӣ дигар пардохтҳое ҷой доранд, ки ҳамчун хароҷот аз даромади корхона тарҳ мегарданд.

---

[59]Научный Форум [Электронный ресурс] - Режим доступа: http://www.nauchforum.ru/.

[60]Лыкова, Л. Н. Налоги и налогообложение: учебник / Л.Н. Лыкова. – Москва: Юрайт, 2015. – С.353 – 367.

[61]Пансков В.Г. Налоги и налогообложение: теория и практика: учебник для вузов / В.Г. Пансков – М., 2010. – С. 141 – 152.

[62]Аникин П.В. Налоги и налогообложение: учеб. пособие / П.В. Аникин, Е.Ю.Жидкова. – М., 2008. – С. 60 – 67.

Таҷрибаи чандинасраи низоми андози кишварҳои ҷаҳон нишондодҳоеро муайян намудааст, ки бидуни ба инобат гирифтани он фаъолияти самараноки соҳибкорӣ ғайриимкон аст.

Муайян намудани таносуби афзоиши гаронии андоз ва ҳаҷми андозҳое, ки дар ибтидои нимаи дуюми асри XX ба хазинаи давлат ворид мешуданд, аз ҷониби А.Лаффер ба даст омадааст, ки имрӯз мо онро ҳамчун каҷхатаи Лаффер истифода мебарем.




*** Сарчашма:** Макконнелл, К.Р. Экономикс//Учеб.пасоб. 16-е издание. Принсипы проблемы и политики/ К.Р. Макконнелл, С.Л. Брю. –М.: Изд-во Инфра 2007 – 972с. – С 361.
**Расми 1.2.3. – Каҷхаттаи А. Лаффер.**

Ба ақидаи А.Лаффер, танҳо «...кам кардани гаронии андоз фаъолияти соҳибкориро ҳавасманд мекунад, ташаббус ва соҳибкориро инкишоф медиҳад. Афзоиши беасоси гаронии андоз, ба ақидаи А.Лаффер, сабаби аслии рушди бахши иқтисоди пӯшида (теневого экономика) мегардад».[63]

Истифодаи каҷхатаи Лаффер имконият медиҳад, ки «...сатҳи ниҳоии гаронии андоз нигоҳ дошта шавад ва минбаъда боиси халалдор гардидани воридотҳои андози ба буҷет нагардад. Ба ақидаи мо, истифодаи каҷхатаи Лаффер имкон медиҳад, ки афзоиши даромади буҷет на бо роҳи зиёд кардани гаронии андоз нисбат ба истеҳсолкунандагон, балки тавассути афзоиши истеҳсолот ва васеъ намудани манбаҳои андозбанди амалӣ гардонида мешавад. Дар айни замон, каҷхатаи Лаффер танҳо вобастагии муқарраршударо нишон медиҳад, аммо дар бораи миқдори ҳадди аксар

[63]Поляка Г.Б. Налоги и налогообложение: Учебник для студентов вузов, обучающихся по экономическим специальностям / под.ред. Г.Б. Поляка, А.Н. Романова – 2 – е изд., перераб. И доп. – М.: ЮНИТИ – ДАНА, 2012. – С. 400 – 408.

иҷозатдодашудаи бозпас гирифтани андоз ба буҷаи кишвар тасаввуроти равшан намедиҳад».[64]

Илова бар ин, фарқ кардани гаронии андозро ҳамчун «...маҷмуи ҳамаи андозҳо ва пардохтҳои пардохтшуда ва нисбӣ, ки таносуби андозро ба нишондиҳанда-мутаносиб нишон медиҳад, анъана шудааст».[65]

Дар воқеъ, вобаста ба шароити муносибатҳои иқтисодии имрӯза мебояд, ки усулҳои мушахаси муайяннамоии сатҳи гаронии андоз, мавҷуд бошад, ки сатҳи гарониро дар ҳамаи зинаҳои фаъолият муайян кунад.

Ҳисоб кардани гаронии андози шахсони воқеӣ аз сабаби он, ки аҳолӣ ҳам андозҳои мустақим ва ҳам андозҳои ғайримустақим месупорад, ниҳоят душвор аст. Масалан, Майбуров И.А. нишон медиҳад, ки «...барои муайян кардани гаронии андоз нисбати шахси воқеӣ аз рӯйи маблағи андозҳои пардохткардаи ӯ ва ҳиссаи онҳо дар даромади андозсупоранда чен карда мешавад».[66]

Дар партави ин гуфтаҳо чунин қайд намудан лозим аст, ки андозсупоранда дар як вақт метавонад, ҳам пардохткунандаи андозҳои мустақим ва ҳам ғайримустақим бошад, ҳол он ки андозҳои ғайримустақим таъйиноти мушахас дорад ва пардохти он ба души истеъмолкунанда меафтад.

Дар адабиёти иқтисодӣ, «...фаҳмиши гаронии андозро ҳамчун маблағҳои пардохтшуда ё ҳисобшуда пайдо кардан мумкин аст. Раванди ҳисоб гардидани маблағои андоз эҳсосоти сатҳи гаронии андозии андозсупорандаро ба миён меорад ва пардохтҳои андозӣ бошад, ин аллакай сатҳи гарониро дар фаъолият нишон медиҳад».[67] Муайян кардани гаронии

---

[64]Аникин П.В. Налоги и налогообложение: учеб. пособие / П.В. Аникин, Е.Ю.Жидкова. – М., 2008. – С. 60 – 67.

[65]Камалиев Т.Ш. Налоговая нагрузка и методы ее расчета/ Т.Ш. Камалиев /Налоговый вестник, 2009. – №8. – С. 125-127

[66]Майбурова И.А. Налоговая политика. Теория и практика: учебник для магистрантов, обучающихся по специальностям «Финансы и кредит», «Бухгалтерский учет, анализ и аудит», «Мировая экономика» /под ред. И.А. Майбурова. – М., 2010. – С. 109 – 115.

[67] Теслюк Б.А. Указанный подход характерен, прежде всего, для экономических исследований. См., например: Оценка налогового бремени предприятия / Б.А. Теслюк / Финансовый менеджмент. 2004. № 6. – С. 55-56.

андоз низ аз он сабаб муҳим аст, ки он ба ҳукумат дар таҳлили гаронии андози кишварҳои гуногун ва баъдан татбиқи ислоҳоти дахлдор кӯмак мерасонад.

Таҳияи дастгоҳи математикӣ ва усулҳои омории баҳодиҳии нишондиҳандаҳое, ки ҳангоми ҳисоб кардани гаронии андоз истифода мешаванд, имкон ба вуҷуд меорад хаттогиҳое, ки қаблан ҳангоми ҳисоб намудани гаронии андоз аз тарафи иқтисодчиён ба вуқуъ меомад, пешгирӣ намоем.

Олимон нишондиҳандаи гаронии андозро дар сатҳи кишвар ва корхона таҳлил менамоянд. Маврид ба қайд аст, ки нишондиҳандаи гаронии андоз дар сатҳи давлат таносуби маблағи андозҳое, ки дар кишвар пардохта мешавад ба маҷмуи маҳсулоти дохилӣ мебошад. Чунин тартиб имкон имкон медиҳад, ки маҳдудиятҳоеро муайян намоем, ки берун аз он давлат амалеро наандешад, яъне муайян намудани номгӯи андозҳо, тағйир додани меъёрҳои андоз ва бекор кардани имтиёзҳои андоз ва амсоли инҳо, набояд аз ҳад зиёд гузарад.

Мушкилотҳои асосии баҳсбарангез оид ба усулҳои ҳисоб кардани гаронии андоз метавонад инҳо бошанд:

1. Ба пардохтҳои андозӣ, кадом андозҳо дохил карда мешаванд;
2. Чиро даромади корхона ҳисобидан мумкин.

Оё ба даромади андози корхонаҳо, ки як қисми онро андоз аз даромади шахсони воқеӣ аз кормандони корхона дар манбаи андоз нигоҳ медоранд ва месупорад, дохил карда мешавад?

Ба фикри мо, ин пардохт набояд ҳангоми муайян намудани сатҳи гаронии андоз дар корхонаҳои алоҳида, дохил гардад. Дар чунин сурат ширкат аз номи давлат амал мекунад, на ин ки андозсупоранда.

Барои тавсифи «...нисбат ба гаронии андоз ва фаъолияти иқтисодии корхона маблағи андозро бо манбаи пардохти он муқоиса кардан лозим аст».[68]

---

[68]Воҳидов, У. М. Ташаккул ва идоракунии гаронии андоз дар сатҳи корхонаҳои хурди Ҷумҳурии Тоҷикистон / У. М. Воҳидов, А. Н. Нурализода, М. М. Воҳидов // Ахбори

Аз ин лиҳоз, ҳамчун иштирокчии муносибатҳои андозӣ (агенти андоз) баромад намуда, даромади кормандонро дар манбаи андоз нигоҳ медорад ва ба буҷети дахлдор равона месозад. Бо тағйир додани шартҳои андозбандӣ дар ин намуди андоз ба даромаде, ки дар ихтиёри корхона боқӣ мемонад, таъсир намерасонад.

Мушкилоти шабеҳ нисбат ба андозҳои ғайримустақим ба миён меояд, ки мо ҳисоб кардан ва пардохти ин намуди андозҳоро ҳатмӣ мешуморем.

Дар назар бояд дошт, ки «...аз рӯйи таносуби ҳиссаи андозҳои мустақим ва ғайримустақим дар вориотҳои андозии буҷети давлатӣ ба сатҳи рушди иқтисодию иҷтимоии мамлакат баҳогузорӣ намудан мумкин аст. Агар ҳиссаи андозҳои мустақим дар воридоти андози буҷети давлатӣ нисбат ба андозҳои ғайримустақим зиёд бошад, ин нишондод давлатро ба қатори давлатҳои мутараққӣ, дар ҳолати баръакс, давлатро ба давлавти рӯ ба тараққӣ ва ё ақибмонда, дохил мекунад».[69]

Тақсими андозҳо ба мустақим ва ғайримустақим нисбат ба он вобаста аст, ки ба интиқоли пардохти андозҳои ғайримустақим ба истеъмолкунандаи ниҳоӣ дахл дорад. Ҳама андозҳои ғайримустақиме, ки субъекти хоҷагидор пардохт мекунад, дар ниҳоят аз ҷониби истеъмолкунандаи ниҳоӣ ҷуброн карда мешавад ва хуб мебуд, ки дар ҳолати муайян намудани сатҳи гарони андози шахсони воқеӣ андозҳои ғайримустақим ба инобат гирифта шавад.

Гаронии андоз дар сатҳи субъектҳои хоҷагидор ҳамчун «...нишондиҳандаи нисбӣ фаҳмида мешавад, ки ҳиссаи андозҳои ҳисобшударо дар даромади умумӣ тавсиф мекунад».[70] Яъне пардохти субъекти хоҷагидор дар давраҳои муайянгардида аз даромади гирифта ӯ вобастагӣ дорад.

---

Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. – 2019. – №2(256). – С. 90-95.

[69]Солиев, Н. А. Менеҷменти андоз ва такмили он дар шароити муосир / Н. А. Солиев // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – 2021. – №4(76). – С. 190-203.

[70]Раджабов Т. С.Налоговая бремя в рыночной экономике / Т. – С. Раджабов /В сборнике: Национальные экономические системы в контексте формирования глобального экономического пространства. Сборник научных трудов. Под общей редакцией З.О. Адамановой. Симферополь, 2021. – С. 567-569.




***Сарчашма:** Таҳияи муаллиф
**Расми 1.2.4. – Мушкилотҳои ташаккули методологияи ҳисобкунии гаронии андоз.**

Ҳамин тариқ, дар айни замон, мутаассифона нишондиҳандаҳои муносибкунонии гаронии андоз на дар сатҳи макроиқтисод ва на дар сатҳи микроиқтисод вуҷуд надоранд.

Аз расми 1.2.4. аён аст, ки дар методология ҳисобкунии гаронии андоз мушкилотҳои зиёде мавҷудаст, ки то ҳол муносибгардонии он дар сатҳҳои гуногун ба инобат гирифта намешаванд.

Методологияи муайян кардани гаронии андоз дар сатҳи субъекти хоҷагидорӣ имконият фароҳам меоварад, ки дараҷаи гаронии андоз аз рӯйи таносуби тамоми андозҳои пардохтшуда нисбат ба даромад аз фурӯш, аз ҷумла даромад ҳисоб карда шавад:

$$\textbf{ГА}=(\textbf{ҶМ}_{\textbf{А}}/\textbf{ҶД}_{\textbf{Ф}})*100\% \qquad (1)$$

Дар ин ҷо:

**ГА** – гаронии андоз; **ҶД**$_{Ф}$ – ҷамъи даромадҳо аз фурӯш;

**ҶМ**$_{А}$ – ҷамъи маблағҳои андоз;

Ин усул, имконият ба вуҷуд меорад, ки ҳиссаи андозҳо бояд дар даромади фурӯш муайян карда шавад, вале таъсири андозро ба вазъи молиявии субъекти хоҷагидор тавсиф намекунад, зеро он танҳо ҳиссаи андозро дар даромади фурӯш нишон медиҳаду халос.

Дар адабиёти соҳаи иқтисодиёт муайян намудани гаронии андоз аз муқоисаи андоз ва манбаи пардохти онҳо иборат аст. Ҳар як гурӯҳи андозҳо вобаста ба манбаи аз он пардохташаванда, меъёри баҳодиҳии гаронии андозро дорад.

Илова бар ин, ин усул ақидаи паҳншударо нисбат ба он ки миқдори зиёди андозҳое, ки ба арзиши хароҷот дохил мешаванд, барои субъекти хоҷагидор фоидаоваранд, рад мекунад. Зеро он ба кам гардидани даромад, мувофиқан андозҳо кам мегардад.

Мутахассисони соҳаи иқтисодиёт, нисбат ба ин усул, ба он назаранд, ки кам шудани фоида, аз як сӯ, маблағҳои озоди як субъекти хоҷагидорӣ ва аз тарафи дигар, буҷетро маҳдуд мекунад, ки дар натиҷа ҳаҷми андози даромад камтар мешавад.

Ғайр аз ин, аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ ташкилотҳои тиҷоратие, ки дар оинномаҳояшон вазифаи асосӣ гирифтани фоида аз сармояи гузошташуда мебошад, дар ин маврид, ҳалли онро душвор мегардонад.

Ба ақидаи Рахматов С. М. дар «...сатҳи иқтисодиёт дар маҷмуъ (сатҳи макро) нишондиҳандаҳое, ки гаронии андозро тавсиф мекунанд, иборатанд аз:

– меъёри самараноки андоз (таносуби маблағи умумии андозҳои пардохтшуда ба маблағи даромади умумӣ; мумкин аст барои андозҳои алоҳида ҳисоб карда шавад);

– таносуби иқтидори андозӣ ба ММД (метавонад барои андозҳои алоҳида ҳисоб карда шавад)».[71]

Ба андешаи мо, истифодаи ин нишондиҳандаҳо барои муқоисаи сатҳ ва динамикаи гаронии андоз, дар кишвар қулай мебошанд.

Нишондиҳандаи интегралӣ дар ин усул фоидаи субъекти хоҷагидор мебошад, ки ба он маблағи ҳамаи андозҳо кам карда мешавад. Барои кор ва

[71]Рахматов, С. М. Оценка налоговой нагрузки на макроуровне в ряде стран Центральной Азии и Европы / С. М. Рахматов // Вестник Таджикского государственного университета коммерции. – 2020. – № 2(31). – С. 118-125.

истифодабарӣ бо ин усул, моро мебояд, ки чунин формулаҳоро таҷдиди назар намоем.

$$ГА=\sum А_{М}1+ А_{М}2\ldots\ldots А_{МN}/Д_{У}*100\% \qquad (2)$$

Дар ин ҷо:

**$А_{М}$** – андози мустақим;

**$Д_{У}$** – даромади умумии корхона.

Истифодаи ин формулаҳо ба мо имкон, ки маблағи умумии андозҳои пардохтшуда аз фоидаи дар ихтиёри субъекти хоҷагидор муайян гардад. Тафовути асосии ин тарзи баҳодиҳии гаронии андоз дар он аст, ки андозҳои ғайримустақим (андоз аз арзиши иловашуда (ААИ), аксизҳо) ба инобат гирифта намешаванд ва ҳамчун андозҳое, ки ба фоидаи субъекти хоҷагидор таъсир мерасонанд, баррасӣ намешаванд.

Чунин ба назар мерасад, ки ин усул воситаи муосир барои таҳлили таъсири андозҳои мустақим ба вазъи молиявии субъекти хоҷагидор ба ҳисоб меравад, вале дар айни замон таъсири андозҳои ғайримустақимро ба он кам арзёбӣ мекунад ва ин андозҳо гарчанде нисбат ба андозҳои мустақим аз рӯйи шумора камтар бошад ҳам, ба ҳаҷми фоидаи субъекти хоҷагидорӣ таъсири зиёд мерасонад.

Аз ин рӯ, истифодаи ин усул бояд бо арзёбии таъсири андозҳои ғайримустақим ба андозаи гаронии андози субъекти хоҷагидор ҳамроҳ карда шавад.

$$ГА=\sum А_{1}+ А_{2}\ldots\ldots А_{N}/Д_{У}*100\% \qquad (3)$$

Дар ин ҷо:

**А** – номгӯи андозҳои пардохтнамудаи корхона;

**ДУ** – даромади умумии корхона.

Субъекти хоҷагидоре, ки андозҳои ғайримустақим месупорад, онро тибқи қонун ба арзиши мол (кор, хизматрасонӣ) дохил намуда, бо ҳамин ба истеъмолкунандагон ба фурӯш мебарорад. Аммо нархи маҳсулот метавонад

ба таври номуайян баланд нашавад, то он даме, ки талабот нисбати мол зиёд нагардад.

Агар нархи мол бо дарназардошти андози ғайримустақим хеле баланд шавад, талабот кам мешавад, зеро як қисми харидорон ба моли ивазкунанда ва қисми дигар ба моли якхелаи истеҳсолкунандагоне, ки нархи мол нисбатан арзон мебошад, харидорӣ менамояд.

Аз ин рӯ, субъекти хоҷагидор барои нигоҳ доштани истеъмолкунандагон маҷбур аст, ки сатҳи нархҳоро маҳдуд намуда, фоидаи худро кам кунад.

Тавре ки мебинем, андозҳои ғайримустақим ба нархи маҳсулот ва дар натиҷа талабот таъсир мерасонанд. Барои ин, андозҳо вобаста ба хусусияти талабот ҳам ба дӯши харидорон ва ҳам фурӯшандагон меафтад.

Нишондиҳандае, ки дар ҷараёни ҳисобҳо бо истифода аз усулҳо ба даст омадааст, ба мо имкон медиҳад, ки ба ҳисоби миёна баҳои гаронии андоз барои намудҳои гуногуни саноат, яъне муқоисаи гаронии андозро барои субъектҳои гуногуни хоҷагидорӣ таъмин намоем.

Мушкилоти дигар ин дар муайяннамоии гаронии нисбии андоз дида мешавад. Баҳри ин мебояд, ки қарорҳои махсус ба миён оянд ва танзимкунандаи ин муносибатҳо гардад.

Аз ин лиҳоз, мо пешниҳод менамоем, ки баҳри муайян намудани гаронии нисбии андоз аз ин формула истифода намудан судманд аст.

$$\mathbf{Г_{НА}=((ПА+ Т_{НИ})/ААМ)*100\%} \qquad \mathbf{(4)}$$

Бартарии ин усулро дар он мебинем, ки гаронии андозро дар субъектҳои алоҳида, новобаста аз соҳа, муқоиса намудан мумкин, зеро пардохтҳои андоз бо азнаварзишмуайянкунӣ алоқамандӣ дорад, дар ҳоле, ки гаронии андоз нисбат ба манбаи пардохти андоз ҳисоб мегардад.

Дар адабиёти иқтисодӣ методҳои барасмиятдаровардашудаи гуногуни ҳисобкунии математикӣ пешбинӣ гардидаанд, ки онҳоро ба ду гурӯҳ ҷудо менамоем:

1. Маҷмуӣ,

2. Афзоянда.

Усули якум имкон медиҳад, ки маблағи ҳисобшудаи ААИ, саҳмҳо, андоз аз амволи шахсони ҳуқуқӣ ва андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ муайян карда шавад.

Боқимонда усулҳои ҳисоб кардани гаронии андоз афзоянда мебошанд. Масалан, усули муқоисанамоӣ ва баҳодиҳӣ. Бо усули муқоисанаомоӣ гаронии андозро бо роҳи муқоиса кардани се гурӯҳи андозҳо баҳо додан лозим: барои меҳнат (саҳмҳо, андоз аз даромади шахсони воқеӣ), оид ба истеъмол (ААИ, аксизҳо), оид ба сармоя (андоз аз даромади шахсони ҳуқуқи, андози амвол).

Аз ин бармеояд, ки баҳодиҳии манбаи андоз бояд бо истифода аз низоми ҳисобҳои миллӣ анҷом дода шавад. Чунин усул имкон медиҳад, ки даромадҳои субъектҳои хоҷагидор, ки дар ҳисоботи оморӣ инъикос нагардидаанд, ба назар гирифта шаванд ва гаронии воқеии андоз баҳо дода шавад.

**ГА= Маҷмӯи вазнии андоз / Музди маош+Андоз аз арзиши иловашуда+Андоз аз даромад** **(5)**

Усули ҳисоб кардани гаронии андозро низ Е.А.Киров «...пешниҳод намудааст. Ӯ пешниҳод мекунад, ки гаронии андозро дар сатҳи мутлақ ва нисбӣ фарқ намудан лозим».[72]

Мувофиқи усули М.И.Литвин гаронии андоз ҳамчун муносибатҳои андозӣ дар манбаи пардохти он ҳисоб карда мешавад[73]. Дар ин усул ҳисобкунӣ тамоми андозҳоро ба назар мегирад аз ҷумла андоз аз даромади шахсони воқеӣ, зеро аз ҳисоби маблағи корхона гузаронда мешавад. Вобаста ба намуди андоз манбаъҳои пардохти он ҷудо карда мешаванд: даромад, фоидаи соф, даромади корманд ва ғайра.

---

[72] Кирова Е.А. Методология определения налоговой нагрузки на хозяйствующие субъекты // Финансы. – 1998. – № 9. – С. 32-35.

[73] Литвин М.И. Налоговая нагрузка и экономические интересы предприятий. // Финансы. – 1998. – № 5. – С. 29-31.

Дар асоси таҳлилҳои дар боло гузаронидашуда усулҳои ҳисобкунии гаронии андозро дар шакли зайл пешниҳод менамоем.

**Ҷадвали 1.2.2. – Таҳлили усулҳои ҳисоб кардани гаронии андоз***

| Муаллиф | Ҳисобкунанда | Ивазкунанда | Бартарият | Норасоӣ |
|---|---|---|---|---|
| **1** | **2** | **3** | **4** | **5** |
| **Е.Т. Гурвич** | Гурӯҳбандии андозҳо | Манбаи воситаҳои пардохт | Даромадҳоеро ба назар гирифтан лозим, ки дар маълумотҳои оморӣ дарҷ нагардидаанд | Андоз аз даромади шахсони воқеӣ ба назар гирифта мешавад.[74] |
| **А.В. Трошин** | Ҷамъи андозҳо | Арзиши иловашуда | Тағйиротҳоро метавон пайгири намуд дар меъёрҳои андоз ва имтиёзҳо | На ҳама андозҳо ба назар гирифта мешаванд.[75] |
| **Е.А. Кирова** | Андозҳо, қарзҳо, фоизҳо | Азнаварзишдиҳӣ | Нишондиҳандаҳои гаронии андозро сарфи назар аз мансубиятҳои саноати корхона муқоиса кардан мумкин аст | Ба назар нагирифтани нишондиҳандаҳои иқтидори фондҳо, андозаи маводҳо, ҳосилнокии меҳнат, даромад ва истеҳсолот.[76] |
| **М.И. Литвин** | Андозҳои алоҳида | Манбаи воситаҳои пардохт | Хусусиятҳои корхонаро ба назар мегирад | Андоз аз даромади шахсони воқеӣ ба ҳисоб гирифта мешавад. [77] |
| **Т.К. Островенко** | Хароҷотҳои андозӣ | Манбаи руйпушнамудани пардохтҳои андозӣ | Корхонаҳо ва ҳар гуна соҳаҳои иқтисодиёт истифода бурда метавонанд.[78] | ------ |

***Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси маълумотҳои бадастомада.

---

[74] Гурвич Е.Т. Российская налоговая реформа – первые итоги. “Модернизация экономики России: Итоги и переспективы”, М:ГУ ВШЭ, 2003.– С.145-152.

[75] Трошин А. В. Сравнительный анализ методик определения налоговой нагрузки на предприятия// Финансы. – 2000. – №5. – С. 44-47

[76] Кирова Е.А. Методология определения налоговой нагрузки на хозяйствующие субъекты //Финансы. – 1998. – № 9. – С. 30-42.

[77]Волков С.К. Современные тенденции в управлении инновациями. Современная экономика: проблемы и решения. – 2011. – № 3. – С. 117-122.

[78]Островенко Т. К. Налоговая нагрузка на предприятие: обобщающие и частные показатели системы// Аудиторские ведомости. – 2001. – №9.

Бартарӣ ва нуқсонҳои усулҳои пешниҳодшударо таҳлил карда, усули ҳисоб кардани гаронии андозро аз рӯйи нишондиҳандаи умумии бо формулаи зерин ҳисоб мекунем:

$$\textbf{ГА=МА/НК}_{\textbf{К}}\textbf{*100\%} \qquad (6)$$

Дар ин ҷо:

**МА**- маҷмуи андозҳои ба буҷавӣ ва фондҳои ғайрибуҷавӣ гузаронидашуда, инчунин ҷаримаҳо ва қарзҳои аз ҷониби корхона пардохтшуда.

**НК$_К$**- натиҷаи кори корхона, ки онро мо дар шакли формулаи зерин мебинем.

$$\textbf{НК}_{\textbf{К}}\textbf{=ДФ+Д}_{\textbf{Д}}\textbf{ - Х}_{\textbf{М}}\textbf{-Ф}_{\textbf{И}}\textbf{-Х}_{\textbf{Д}}\textbf{-М}_{\textbf{М}} \qquad (7)$$

Дар ин ҷо:

**ДФ** - даромад аз фурӯши мол, кор, хизматрасонӣ;
**Д$_Д$** - даромадҳои дигар;
**Х$_М$** - хароҷотҳои моддӣ;
**Ф$_И$** - фонди истеҳлок;
**Х$_Д$** - хароҷотҳои дигар;
**М$_М$** - музди меҳнат;

Ин нишондиҳанда ба мо имкон медиҳад, ки «...гаронии андоз дар натиҷаи фаъолияти ширкатро пас аз тарҳ кардани хароҷот аз тамоми пардохтҳои андоз, инчунин ҷаримаҳо инъикос намоем».[79]

**Ҷадвали 1.2.3. – Усулҳои муайян кардани гаронии андоз***

| Нишондиҳанда | Формула | Таъинот |
|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 |
| **Гаронии андоз дар шакли мутлақ** | $Г_{АМ} = \sum АХ - \sum АВП$ | АХ – андозҳои ҳисобшуда;<br>АВП – андозҳои воқеан пардохтшуда. |
| **Гаронии андоз дар шакли нисбӣ** | $Г_{АН} = \frac{АХ - АВП}{НГА} * 100\%$ | АХ – андозҳои ҳисобшуда;<br>АВП – андозҳои воқеан пардохтшуда;<br>НГА – нишондиҳандаест, ки нисбат ба он гаронии андоз ҳисоб карда мешавад. |
| **Гаронии андоз аз рӯйи методи муқаррарӣ** | $ГА = \frac{АВП}{ММД} * 100\%$ | АВП – андозҳои воқеан пардохтшуда;<br>ММД – маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ. |
| **Гаронии андоз дар даромади субъекти хоҷагидорӣ** | ГАД=ХА/Д*100% | ХА – Хароҷоти андоз;<br>Д – Даромад; |

[79]Юй, С. Анализ существующих методик расчета налогового бремени / С. Юй // Экономические и гуманитарные науки. – 2011. – № 7(234). – С. 86-91. – EDN OCESND.

**Давоми ҷадвали 1.2.3.**

| 1 | 2 | 3 |
|---|---|---|
| **Гаронии андоз дар фоида пеш аз андоз** | ГАФ=ХА/Ф*100% | Ф – Фоидаи пеш аз андоз;<br>ХА – Хароҷоти андоз; |
| **Гаронии андоз ба сари як корманд** | ГАК=ХА/ШК | ХА – Хароҷоти андоз;<br>Шк – Шумораи кормандон; |
| **Гаронии андоз дар фоида пеш аз андозбандӣ қарордошта** | ГАНМ=ХАНМ/НМ*100% | ХАНМ – хароҷоти андоз, ки ба ҳисобҳои натиҷаҳои молиявӣ алоқамандан;<br>НМ – натиҷаи молиявӣ; |
| **Гаронии андоз дар фоидаи софи ташкилот** | ГАФС=ХАФС/ФСт*100% | ХАФС – хароҷоти андоз дар фоидаи софи ташкилот;<br>ФСт – фоидаи софи ташкилот; |
| **Гаронии андоз дар иқтисодиёти пӯшида (тенавой экономики)** | $ГА = \frac{АВП}{ММД * ХИП - И} x\|100\%$ | АВП – андозҳои воқеан пардохтшуда ;<br>ҲИП – ҳиссаи иқтисоди "пӯшида";<br>И – истеҳлок;<br>ММД – маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ. |

***Сарчашма:** Таҳияи муаллиф

Истифода аз усулҳои овардашуда, имконияти дурустии муайяннамоии сатҳи гаронии андозро таъмин намуда, метавонем ҳангоми банақшагирии андозҳо аз онҳо истифода намоем. Ба инобат нагирифтани сатҳи гаронии андоз дар кишвар метавонад, руҳияи андозсупорандагонро коста гардонад ва муносибатҳои канорагирӣ ва саркаши намуданро дар миёни андозсупорандагон ба вуҷуд орад.

Ҳамзамон, бояд қайд намуд, ки таҷрибаи ҷаҳонии андозбандӣ нишон медиҳад, ки гирифтани андоз аз 1/3 даромади аз андозсупоранда хаттест, ки зиёда аз он раванди таназули пасандозҳо ва ба ин васила сармоягузорӣ ба иқтисодиёт ба вуҷуд меорад. Яъне чунин меҳисобем, ки агар меъёрҳои андоз ба дараҷае расанд, ки зиёда аз 40 фоизи даромади андозсупоранда ситонида шавад, дар чунин ҳолат ҳавасмандии ташаббуси соҳибкорӣ, хизматрасониҳо ва раванди истеҳсолотро комилан аз байн хоҳад бурд.

Ҳамин тариқ, ба назар мерасад, ки гаронии андоз аз лаҳзаи ба миён омадани уҳдадории пардохти андозӣ мушаххас ба вуҷуд меояд. Ҷорӣ намудани андозҳо, доираи андозсупорандагонро муайян мекунад, ки дар сурати мавҷуд будани объекти муайяни андозбандӣ, вазифадор мегарданд, ки

андозҳоро аз рӯйи меъёри муайян, тартиб ва муҳлати муқарраргардида ба давлат супоранд. Ҳамзамон, пайдоиши гаронии андоз бо мавҷудияти андозбандӣ алоқаманд аст.

Гуфтан бамаврид аст, ки масъалаи дурусти ҳисоб кардани гаронии андоз дар давоми солҳои охир аҳаммияти худро гум накардааст. Таҳлили тамоюлҳои мавҷудаи равишҳои муайян кардани он вазифаи муҳим барои ҳам давлат ва ҳам барои ташкилотҳое мебошад, ки гаронии андозро бар дӯш доранд. Такмили равишҳои мавҷуда оид ба банақшагири андоз бо мақсади таҳияи методологияи муносиби ҳисобкунии гаронии андоз, мавзуи таҳлилӣ барои тадқиқот боқӣ мемонад, ки дар пайгирӣ ва самара овардани тадқиқотҳо метавонад дар фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ самараноктар гардад.

Равишҳои асосии муайян кардани нишондиҳандаҳои гаронии андозро мавриди таҳлил қарор додааем ва хусусиятҳое, ки дар адабиёти илмии муосир ба эътибор гирифта нашудаанд, то дараҷае ифшо намудем ва бо дарназардошти натиҷаҳои таҳлили равишҳои мавҷуда, усулҳои муайян намудани гаронии андоз пешниҳод намудем.

Вобаста ба таҳлили асосҳои методии танзими гаронии андоз ба чунин хулоса менамоем, ки:

1. Бо сабаби мавҷуд набудани дастгоҳи консептуалии ифодакунандаи мафҳуми «гаронии андоз», аз ҷониби муалифон, таърифҳои гуногун ба вуҷуд омадааст. Ҳангоми таърифи «гаронии андоз», мафҳумҳои «вазнинии андоз», «фишори андоз», хеле зиёд истифода мешаванд;

2. Чунин меҳисобем, ки гаронии андоз ба иқтисод, чун қоида, таносуби ҳамаи андозҳои дар кишвар гирифташуда нисбат ба маҷмуи маҳсулоти дохилӣ мебошад. Маънии иқтисодии ин нишондиҳанда баҳодиҳии ҳиссаи маҷмуи маҳсулоти дохилӣ тавассути андозҳо мебошад;

3. Такмили равишҳои мавҷуда оид ба банақшагири андоз бо мақсади таҳияи методологияи муносиби ҳисобкунии гаронии андоз, мавзуи таҳлилӣ барои тадқиқот боқӣ мемонад, ки дар пайгирӣ ва самара овардани

тадқиқотҳо метавонад дар фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ самараноктар гардад;

4. Бартарӣ ва нуқсонҳои усулҳои пешниҳодшударо таҳлил намуда, мо методологияи худро барои ҳисоб кардани гаронии андоз пешниҳод намудем, ки нишондиҳандаи умумии гаронии андозро ҳамчун таносуби маҷмуи андозҳои ба буҷавӣ ва фондҳои ғайрибуҷавӣ пардохгардида, инчунин ҷаримаҳо ва қарзҳои аз ҷониби корхонаҳо ва шаҳрвандон пардохтшуда, нисбат ба натиҷаи кори онҳо нишон медиҳад.

## 1.3. Таҷрибаи хориҷӣ дар танзими гаронии андоз

Дар шароити иқтисодии имрӯза ҳар як давлат барои муносибгардонии низомҳои андоз, кам кардани хароҷоти давлат оид ба ситонидани андоз, дастгирии соҳибкории хурду миёна бо истифода аз имтиёзҳои гуногуни андоз, фароҳам овардани шароит, ба инобат гирифтани тамоми имкониятҳое, ки боиси паст шудани меъёри баланди андоз мегардад ва ба ин васила ташаккули низоми андоз, то ин ки аз андозбандии дукарата ва меъёри баланди андоз ҳифз гардад, чораҳо меандешад.

Аз таҷрибаи кишварҳои мутараққии ҷаҳон маълум аст, ки дар ҳар як мамлакат низоми андозбандӣ дар раванди бемайлони такмилёбӣ қарор дошта, ба шароитҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии рушд таъсир расонида, ба онҳо мутобиқ мегардад[80]. Дар шароити муосир, сиёсати андози давлат ҳамчун ифодагари унсури муҳимми иқтисоди бозорӣ баромад намуда ба болоравии сатҳи воридотҳои андозӣ замина мегузорад. Татбиқи он дар байни афзалиятҳои асосии давлат мавқеи махсусро ишғол намуда, бо назардошти тағйироти ин афзалиятҳо пайваста такмил меёбад.

Буличева Т.В. ба он ақидааст, ки «...агар гаронии андоз ба дӯши андозсупоранда зиёд шавад, шумораи андозҳо бо тадриҷ зиёд гардида, ҳамзамон ба болоравии меъёри андоз ва бекор гардидани имтиёзҳои андоз

[80]Салимова, М. М. Приоритетные направления совершенствования современной налоговой политики в Республике Таджикистан в среднесрочной перспективе / М. М. Салимова, Ф. – С. Хакимов // Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. Серия общественных наук. – 2017. – № 2(71). – С. 5-15.

оварда мерасонад».[81] Дар аввал мо самаранокии низоми андозро мушоҳида мекунем ва баъдан ба тадриҷ ба кам гардидани он оварда мерасонад. Дар натиҷа ба хисорот ва ҷубронпулиҳо дар буҷет ба вуҷуд омада. як қисми андозсупорандагон муфлис мешаванд ва қисми дигар маҷбур мегарданд, ки истеҳсолоти худро кам намоянд. Умуман роҳҳои гуногуни кам кардани ҳаҷми андозҳои пардохтшавандаро ба ҳадди ақал меҷӯянд. Аммо, бояд қайд намуд, ки баҳри барқарор намудани самаранокии истеҳсолот солҳои зиёде лозим аст. Илова бар ин, андозсупорандае, ки роҳи дастрасии канорагирӣ аз пардохти андозро пайдо кардааст, дигар ба пардохти пурраи андозҳо омода нест, то замоне, ки агар дар натиҷа ҳама чиз ба сатҳи пешинаи бозпас гардад, ки ин ҳолат ба ҳар як кишвари пешрафта ва ҳам кишварҳои дар давраи гузариш мушкили ба миён меорад.

Имрӯз давлатҳои тараққикардаи ҷаҳон, роҳҳои муносибкунонии низоми андозбандӣ, содагардонии он, кам кардани гаронии андоз ва меъёри андозу пардохтҳои ситонидашударо пеш гирифтаанд. Сарфи назар аз ин иқдомҳои пеш гирифташуда, андешаҳо ва баҳсҳои давомдор оид ба ин масъала дар ҷомеаи илмӣ хеле васеъ паҳн шудааст.

Қисми зиёди давлатҳо сиёсати андози худро дар асоси равандҳои такмили низоми андоз дар самти тадриҷан маҳдуд кардани мушкилотҳои андозӣ бо роҳи кам кардани шумораи умумии андозҳо, кам кардани меъёри онҳо ва содагардонии расмиёти дахлдори дар ин самт ба роҳ мондаанд.

Аз ин лиҳоз, баҳри ба эътидол даровардани сатҳи гаронии андоз истифодаи таҷрибаҳои хориҷа ба марид аст. Зеро омӯхтан, дуруст истифода намудан ва муносиб гардонидани он ба низоми миллии андоз бо дарназардошти шарту шароит, метавонад таъсирбахш бошад ба сатҳи гаронии андоз.

---

[81]Булычева Т.В. Проблемы трансформации российской финансовой отчетности в соответствии с международными стандартами // Микроэкономика. – 2014. – № 2. – С. 6–10.

Ҳамзамон, чунин меҳисобем, ки нишондиҳандаи муҳими инъикоскунандаи иқтидори андозбандии давлат, бешубҳа, ҳиссаи андозҳо дар ҳаҷми умумии маҳсулоти дохилӣ мебошад. Таносуби андоз ба ММД муайян мекунад, ки давлат то чӣ андоза захираҳои иқтисодии худро самаранок ва дуруст истифода кардааст. Даромади бештари андоз дар ММД маънои онро дорад, ки ҳукумат метавонад барои ҳифзи сулҳу субот, тандурустӣ, беҳбуди инфрасохтор ва маориф чӣ қадар маблағ сарф кунад, ки омили асосии дурнамои дарозмуддати иқтисодиёт ва баланд бардоштани сатҳи иҷтимоии аҳолӣ мебошад. Бо дарназардошти рушди иқтисод ва афзоиши даромад шаҳрвандон одатан аз ҳукумат сатҳи баландтар ва баландтари хизматрасониро талаб мекунанд. Дар ин бора ҳиссаи миёнаи андозҳо дар ММД дар Иттиҳоди Аврупо (40%) нисбат ба минтақаи Осиё (аз 10 то 25 фоиз) шаҳодат медиҳад.

**Ҷадвали 1.3.1. – Табақабандии ҳиссаи воридоти андозҳо ва пардохтҳои ҳатмӣ дар ММД, дар қисман давлатҳо, барои соли 2021**

| Давлатҳои қитъаи аврупо | Бо % нисбати ММД | Давлатҳои ИДМ | Бо % нисбати ММД | Давлатҳои қитъаи Осиё ва Амрико | Бо % нисбати ММД |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 |
| **Фаронса** | 46,1 | Гурҷистон | 21,7 | Канада | 33,0 |
| **Белгия** | 44,9 | Арманистон | 20,9 | Ҷопон | 31,4 |
| **Шветсия** | 43,9 | Тоҷикистон | 20,5 | Исроил | 31,1 |
| **Финляндия** | 42,7 | Украина | 20,1 | Корея | 28,4 |
| **Австрия** | 42,2 | Қирғизистон | 18,0 | Туркия | 24,4 |
| **Италия** | 42,1 | Молдова | 17,7 | ИМА | 24,3 |
| **Олмон** | 38,2 | Ӯзбекистон | 14,8 | Сингапур | 13,1 |
| **Венгрия** | 36,6 | Беларус | 14,7 | Малайзия | 12,0 |
| **Англия** | 33,5 | Озарбойҷон | 13,0 | | |
| **Полша** | 35,0 | Россия | 11,4 | | |

***Сарчашма:** Махзани электронӣ. URL:. https://svspb.net.

Умуман, ба ҳисоби миёна 30-40 фоизи ин нишондиҳанда дар кишварҳои тараққикарда ташаккул ёфта, дар сохтори даромадҳои андоз нақши асосиро андозҳои мустақим (то 70 фоиз) мебозанд. Дар кишварҳои

ИДМ ҳиссаи миёнаи андозҳо дар ММД аз 11 то 21 фоизро ташкил дода, ҳиссаи андозҳои ғайримустақим назаррас аст.

**Диаграммаи 1.3.1. – Шумораи пардохтҳои андоз дар кишварҳои ИДМ ва Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2015-2022.**




***Сарчашма:** Кодексҳои андози ИДМ ва Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Таҳлили диаграммаи 1.3.1. дар соли 2015 нишон медиҳад Қирғизистон ва Ӯзбекистон аз ҳама бештар пардохт мекунанд. Дар муқоиса бо соли 2015 Теъдоди пардохтҳои андоз дар тамоми кишварҳои ИДМ коҳиш ёфтааст ва аз рӯйи камтарин пардохтҳои андоз Украинаву Гурҷистон пешсафанд ва дар Тоҷикистон 7 пардохти андоз вуҷуд дорад.

Аз ин лиҳоз, мо аз таҷрибаи якчанд давлати ҷаҳон таҷдиди назар мекунем ва меомӯзем, ки чи гуна меъёрҳо, имтиёзҳо ва тағйиротҳоро дар қонунгузори истифода менамоянд ва муқоиса менамоем ба низоми миллии андози худ, ки татбиқи онҳо чӣ натиҷа оварда метавонад дар сатҳи гаронии андоз.

Маълумотҳои мавҷудбуда ба мо имкон медиҳад, ки таҳлил намоем кишварҳоеро, ки пешсаф дар раддабандӣ бахри кам намудани андозҳо ва содагарднии раванди маъмурикунонии андоз қарор доранд[82], яъне кишварҳо сиёсати тадриҷан коҳиш додани гаронии андози соҳибкоронро амалӣ

[82] Paying Taxes 2020. URL: https://www.pwc.com/gx/en/services/tax/publications/paying-taxes-2020.html

мекунанд. Ин тамоюл ба иқтисодҳои пешрафтае ба мисли Иёлоти Муттаҳидаи Америко, ки ба коҳиши андозҳо ислоҳот мепардозанд, низ таъсир мерасонад.

Илова бар ин, Иёлоти Муттаҳидаи Америко дар бунёди иқтисоди ҷаҳонии рақамӣ фаъолона иштирок мекунад ва тамоюли истифодаи технологияҳои иттилоотии муосирро истифода менамояд.

Низоми андози ин давлат таърихи бештар аз 200 сола дорад ва дар тули ин солҳо тағйиротҳои зиёдеро паси сар намудааст, ки дар ин сарзамин субъектони алоҳида дар бахшҳои гуногун эҳсоси нисбатан камтари гаронии андозро ҳис мекунанд. Даромади ҳадди ақали андозбандишаванда ба ҳисоб меравад, даромади умумии ҳар кадом узви оила дар як сол. Ҳангоми ҳисоб намудани андоз аз даромад ба инобат гирифта мешавад: хароҷотҳо вобаста ба фаъолияти соҳибкорӣ, харидории қитъаи замин, бино ва таҷҳизот, асбобу анҷом ва ғайра. Баъд аз тарҳи хароҷотҳо даромади софи андозсупоранда маълум мегардад. Пасон аз ҳаҷми даромади соф имтиёзҳои андози шахс, тарҳ мешавад.

Мутаассифона, низоми андози милли мо ин механизмро баръакс дар худ таҷассум намудааст ва бисёр хуб мебуд, ки дар раванди тағйиротҳо ба инобат гирифта шавад ингуна таҷрибаҳо бо дарназардошти ваъи шароит, зеро дар сиёсати буҷет воридотҳои андозӣ мавқеи босазоеро касб намудааст.

Аз сокинони Иёлоти Муттаҳидаи Амрико талаб карда мешаванд, ки «...аз даромади умумии худ, новобаста аз он ки дар давлат ё берун аз давлат зиндагӣ мекунанд, андоз супоранд».[83] Шаҳрвандони хориҷӣ танҳо дар сурате андоз аз даромади Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ситонида мешаванд, агар онҳо резиденти Иёлоти Муттаҳидаи Амрико шаванд ё намудҳои муайяни даромадро аз манбаъҳои дохили Иёлоти Муттаҳида ба даст оранд.

[83]Система налогов в США [Электронный ресурс] : Виперсон. – Электрон. дан. – Информ. портал. – URL:http://viperson.ru/articles/sistema-nalogov-v-ssha (дата обращения: 24.04.2016)

Дар Олмон бошад, низоми мураккаби андозбандӣ ҳукумфармо буда, қоидаҳои умумӣ нисбати ҳамаи андозҳо муқаррар карда шудааст. Ҳамзамон, бояд қайд намуд, ки бароҳ мондани муносибатҳои андозбанди дар ин кишвар ба принсипҳое асос ёфтааст, ки асосгузори ин принсипҳо Людвиг Эрҳард мебошад:

- андозҳо то ҳадди имкон кам карда шаванд;
- ҳангоми андозбандӣ зарурати иқтисодии ситонидани андоз бояд ба назар гирифта шавад;
- андозҳо ба рақобат халал бояд нарасонанд;

андозҳо бо ба сиёсати сохторӣ мувофиқ бошад;

- сиёсати андоз бояд ба эҳтироми ҳаёти шахсии андозсупорандагон ва сири андоз асос ёбад;
- дар низоми андоз, андозбандии дукарата бояд истисно карда шавад;
- андозҳо бояд аз рӯйи муносибатҳои одилона дар ҷомеа таъмин гардад;

Ҳамин тавр, бояд қайд намоем, ки Олмон кишварест, ки андозҳои баланд дорад, (тақрибан 80% -и даромади буҷетро таъмин мекунад, ки ҳукумат онро ҳамчун омили таъсирбахш ба иқтисодиёт маънидод мекунад) аммо он сарватмандтарин кишвар дар Аврупо ва инчунин дорои иқтисодиёти пуриқтидортарин шинохта шудааст. Инстифода аз ин таҷрибаҳое, ки дар раванди тағйиротҳои қонунгузорӣ, бо мақсади коҳиш додани сатҳи гаронии андоз бароҳ мондааст бамаврид аст ва метавонад дар ҳоли муносиб гардонидани он дар низоми андози ҷумҳурии мо, натиҷаҳоро дучанд гардонад.

Дар Ҷумҳурии мардумии Чин бошад, андозҳо сарчашмаи асосии даромади давлат мебошад. Ҳолати канорагирӣ ва саркаши намудан аз пардохти андоз, қариб ки вуҷуд надорад. Маърифати андозии андозсупорандагон нисбати дигар давлатҳо хуб буда, шаҳрвандон пардохтҳои андозии худро ҳармоҳа шахсан пардохт мекунанд. Аз ин бармеояд, ки раванди маъмурикунонӣ дар сатҳи зарурӣ бароҳ монда шудааст ва ташаббусҳо дар раванди ҳавасмандгардонӣ, ки омили асосии дар сатҳи

муътадил нигоҳ доштани саҳи гаронии андоз буда метавонад, истифода гаштааст.

Дар низоми андози Ҷумҳурии мардумии Чин 25 номгӯи андозҳо амал мекунанд, вале тағиёроти куллие, ки дар нимзоми андоз Ҷумҳурии мардумии Чин соли 1994 ворид карда шуд, тавонист сатҳи муътадили гаронии андозро нигоҳ дорад.

Тағйироте, ки дар ин давра гузаронида шуд, иборат аст, аз «...такмил додани модели тақсимоти андоз ва стандартикунонии меъёрҳои андоз, пеш аз ҳама, барои андоз аз даромади шахсони воқеӣ ва ин тағйиротҳо тавонист сиёсати фискалии Ҷумҳурии мардумии Чинро дар ҷаҳон инъикос кунад».[84]

Аз ин ҷост, ки низоми миллии андоз ба таконҳои иқтисодии ҷаҳонӣ мутобиқ шуда, воситаҳои андози сатҳҳои гуногун бо мақсади аз ҷиҳати иҷтимоӣ одилона тақсим кардани гаронии андоз истифода гардидааст.

Ҳавасмандгардогиҳои андозии Ҷумҳурии мардумии Чин бешак дар фаъолияти корхонаҳо дида мешавад, ки нисбати онҳо имтиёзҳои зиёд ва меъёри нисбатан пасти андоз истифода мегардад.

Ҳамзамон, бояд қайд намуд, ки имтиёзҳо ҳангоми ҳисоб намудани маблағи андоз аз даромади шахсони хориҷӣ пешбинӣ шудааст. Масалан, шаҳрванди хориҷие, ки камтар аз 180 - рӯз дар Ҷумҳурии мардумии Чин фаъолият мекунанд, андоз ситонида намешавад.

Тавре қайд намудем, дар Ҷумҳурии мардумии Чин саркашӣ аз пардохи андозҳо дида намешавад. Аммо шахсе агар саркашӣ кунад аз пардохти маблағи андоз, пас қонуншиканӣ ба ҳисоб рафта, дар ҳаҷми 5 карата зиёдтар маблағи андозро пардохт мекунад.

Низоми муосири андози Федератсияи Россия нисбатан ба наздикӣ бунёд гардидааст. Ислоҳотҳои ҷории низоми андозӣ дар ин кишвар гуфтаҳоро асоснок мекунад, ки боиси тағйиротҳои зиёди самарабахш дар низоми андози Федератсияи Россия гардидааст. «...Тағйиротҳое, ки ба

[84]Соколов Б.И. Стадии роста и налоговые реформы В КНР/ Б.И. Соколов, Лю Юйчжо//Социально-экономическое развитие государств евразии. М. – С.310-318.

такмили низоми андози Федератсияи Россия анҷом дода шудаст ба коҳишёбии сатҳи гаронии андоз дар бахши фаъолияти соҳибкорӣ сурат гирифтааст. Масалан, хадамоти федералии андоз аз панҷ соҳибкор танҳо як нафарро тафтиш мекунад».[85]

Ҳамзамон, як нуқтаи назарро бояд қайд намоем, ки «...ҳангоми ҳисоб кардани андоз аз амволи ғайриманқул дар Федератсияи Россия арзиши амвол ба инобат гирифта мешавад ва аз рӯйи арзиш меъёри андоз тағйир меёбад. Масалан, биное, ки арзишаш аз 10 то 20 млн руб аст, 0,1%, зиёда аз 20 то 50 млн рубл 0,2%, зиёда аз 50 то 300 млн рубл 0,3% ва зиёда за 300 млн рубл 2% татбиқ мегардад».[86]

Дар низоми андози миллии мо меъёри андоз аз объектҳои ғайриманқул нисбат ба масоҳат тағйир меёбад. Истифода аз таҷрибае, ки дар боло қайд намудем метавонад принсипи адолатнокиро пиёда созад ва нақше дошта бошад дар раванди коҳиш додани сатҳи гаронии андоз.

Ҷумҳурии Ӯзбекистон, ки бо давлати мо ҳамсарҳад аст, низом хоси андози худро дорад ва хусусиятҳои фарқкунандаро дорост. Масалан, меъёри андозҳо на дар Кодекси андоз, балки бо қарори Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон муқаррар мегардад.

Қонунгузории андози Ҷумҳурии Ӯзбекистон шумораи зиёди андозҳо ва пардохтҳоро пешбинӣ менамояд ва ин ҳолат нигаронкунда аст аз оне ки сатҳи гаронии андозро зиёд гардонад.

Меъёри андоз аз даромад дар «...Ҷумҳурии Ӯзбекистон барои шахсони воқеӣ 7% ва барои шахсони ҳуқуқӣ 7 то 35%-ро дар бар мегирад».[87]

---

[85] Налоговый кодекс Российской Федерации (часть первая): Федеральный закон от 31.07.1998 № 146-ФЗ // Справоч.-правовая система ГАРАНТ. – С.243-244.

[86] Переход к единому налогообложению на недвижимость / А. В. Осенняя, Д. А. Гура, Ю. А. Савинова, В. О. Серебрякова // Электронный сетевой политематический журнал "Научные труды КубГТУ". – 2018. – № 1. – С. 163-178.

[87] Кодекси андози Ҷумҳурии Узбекистон [Захираи элетрони]- – URL: https:// https://lex.uz/docs/4674893?ONDATE=01.01.2022. Санаи муроҷиат.12.09.2022

Баъзе аз ноустувориҳо дар низоми андозми Ҷумҳурии Ӯзбекистон андосупорандагонро ҳеҷ гоҳ итминон бахшида наметавонад, ки пас аз мудати кӯтоҳе гаронии андоз ба дараҷае афзоиш намеёбад.

Тағйироте, ки дар «...қонунгузории андози Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар солҳои охир ворид карда шудаанд, ҳам ба фаъолияти шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ ва ҳам ба ташаккули маблағҳои буҷети давлатӣ таъсири назаррас расонидааст ва самараи тадбирҳои ба амал баровардашуда танҳо баъд аз муҳлате пурра баҳо додан мумкин мешавад».[88]

Ислоҳоти андозие, ки «...дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон тӯли солҳо гузаронида шуд, ба он оварда расонид, ки дар раддабандии солонаи байналмилалии «Пешбурди тиҷорат 2020» аз ҷониби Бонки Ҷаҳонӣ дар соли 2019 гузаронида шуд, Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар байни 190 кишвари ҷаҳон аз 100 хол 69,9 холро ишғол кард Ин натиҷаи ифодакунандаи он аст, ки Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар радабанди нибат ба соли гузашта 7 зина боло рафтааст, ки дар он сол ҷойгоҳи 76-умро ташкил медод. Аз ҷумла, дар бахши андозбандӣ 77,5 хол ноил гаштааст, ки нисбат ба соли қаблӣ 0,6% афзоиш ёфтааст».[89] Ҳаминро бояд қайд намоем, ки низоми андози ҳар як давлати ҷаҳон аз рӯйи моҳият ва таъинот гуногун буда, дар худ ҷанбаҳои миллӣ ва хусусиятҳои иқтисодиро дорад ва вобаста ба ин хусусиятҳо, метавонад сатҳи гаронии андоз дар давлатҳои мухталиф гуногун бошад, ки онро мо дар кори худ то дараҷае мавриди омӯзиш қарор додаем.

Дар мисоли як гурӯҳи кишварҳо аз ҷумла СҲИР (Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва рушд), кишварҳои Осиё, Амрикои Лотинӣ ва ҳавзаи баҳри Кариб ва Африқоро дар давоми 20 соли охир[90], ки чӣ гуна сатҳи гаронии андоз коҳиш ва ё зиёд гаштааст, мавриди омӯзиш қарор медиҳем.

---

[88] Расулев, А. Модернизация налоговой системы Республики Узбекистан / А. Расулев, С. Воронин, З. Мухитдинов // Общество и экономика. – 2020. – № 6. – С. 53-63.

[89]Пешбурди соҳибкорӣ -2020 [Захираи элетрони]- – URL:https://archive. doingbusiness.org/ru/reports/global-reports/doing-business-2020 . Санаи муроҷиат.12.09.2022

[90]Revenue Statistics 1965-2017. Oecd. [Электронный ресурс]. URL: https://www.oecd. org/publications/revenue-statistics-2522770x.htm (дата обращения: 22.09.2020).

Дар кишварҳои СҲИР таносуби андоз, нисбат ба ММД бештар аз 20% буда, (Расми 1.3.2.) дорои дараҷаи баландтарини ММД ба ҳар сари аҳолӣ дар ҷаҳон мебошанд[91]. Яъне дар баъзе аз давлатҳои ин созмон, сатҳи нисбатан баланди гаронии андоз дида мешавад (аз ҷумлаи Фаронса, Белгия, Финляндия ва Италия вазнинии гарони андозро доштанд), ки зиёда аз 40%-ро дар соли 2021 ташкил медиҳад.

**Диаграммаи 1.3.2. – Сатҳи гаронии андоз дар кишварҳои СҲИР.**




***Сарчашма:** Махзани электронӣ. URL:. https://ru.theglobaleconomy.com/compare-countries/, https://svspb.net/danmark/nalogov-v-vvp-stran.php, Санаи мурочиат 03.01.2023

Барои давлатҳои Осиё, ҳудудан 12 давлатро мавриди омузиш қарор додем. Дар аксарияти онҳо бо сатҳи муътадил ё баланди ММД ба ҳар сари аҳолӣ тавсиф мегардад, дар замоне, ки таносуби андоз ба ММД дар ин кишварҳо нисбат паст тараст.

---

[91] Эзоҳҳои умумӣ ба расмҳои 1–4: Нишондиҳандаҳо дар маҷмӯъ 53 кишварро нишон медиҳанд (аз ҷумла 19 кишвари СҲИР, 13 кишвари минтақаи Осиё, 9 кишвари Африқо ва 12 кишвар дар Амрикои Лотинӣ ва ҳавзаи баҳри Кариб; Куба ва Венесуэла истисно карда шудаанд (аз сабаби набудани маълумот). Исроил, Туркия, Чили, Ҷопон, Кореяи Ҷанубӣ, Колумбия ва Мексика ду маротиба дар рақамҳо пайдо шудаанд, зеро онхо аъзои СҲИР буда, дар айни замон ба гуруххои мамлакатхои Осиё ва Амрикои Лотинӣ.

**Диаграммаи 1.3.3. – Сатҳи гаронии андоз дар кишварҳои Осиё.**




***Сарчашма:** Махзани электронӣ. URL:. https://ru.theglobaleconomy.com/compare-countries/, https://svspb.net/danmark/nalogov-v-vvp-stran.php. Санаи муроҷиат 03.01.2023

Дар асоси маълумотҳои пешниҳодшуда маълум мегардад, ки сатҳи гаронии андоз дар як қатор давлатҳои Осиё бештар аз 9 то 15%-ро ташкил медиҳад. Вале ин нишондиҳанда метавонд дар як қатор давлатҳо нисбатан баланд бошад, аз ҷумла: дар Исроил 31,1%, Туркия 24,4%. Аммо тазакур дод, ки сатҳи гаронии андоз дар давлатҳои Осиё нисбатан паст буда, меъёри баланди гаронии андоз ба 31,1% мерасад.

Дар Кишварҳои Амрикои Лотинӣ, сатҳи муътадили ММД ба ҳар сари аҳолӣ хос буда, таносуби андозҳо ба ММД дар онҳо барои соли 2021 аз 13,8% (Ҷумҳурии Доминикан) то 32,9% (Бразилия) мушоҳида кардан имконпазир аст.

**Диаграммаи 1.3.4. – Сатҳи гаронии андоз дар кишварҳои Амрикои Лотинӣ***




***Сарчашма:** Махзани электронӣ. URL:. https://ru.theglobaleconomy.com/compare-countries/, https://svspb.net/danmark/nalogov-v-vvp-stran.php. Санаи муроҷиат 03.01.2023

Маълум мегардад, ки гаронии андоз соли 2000 дар ин давлатҳо ниҳоят паст буда, вале мутаносибан дар солҳои минбаъда ботадриҷ ин нишондиҳандаҳо зиёд гардидааст. (Масалан дар Колумбия соли 2000 гаронии андоз 11,22% буда, дар соли 2021 ба 22% расидааст). Вазъи нигароникунандаи гаронии андоз дар давлатҳои Барзилия 32,9%, Уругвай 28,6% ва Ямайка 27,9% мушоҳида мегардад, зеро нисбат ба солҳои қабл сатҳи гаронии андоз бо тадриҷ зиёд гаштааст.

Чунон ки маълум аст, бисёр мамлакатхои Африқо даромади нисбатан кам доранд. Мутаносибан таносуби андозҳо ба ММД дар аксарияти ин кишварҳо аз 20% камтар аст (ба истиснои Марроко ва Ботсвана, ки гаронии андоз дар соли 2021 зиёда 25% буд, ки дар диаграммаи 4 оварда шудааст)

**Диаграммаи 1.3.5. – Сатҳи гаронии андоз дар кишварҳои Африқоӣ.**




***Сарчашма:** Махзани электронӣ. URL:. https://ru.theglobaleconomy.com/compare-countries/, https://svspb.net/danmark/nalogov-v-vvp-stran.php. Санаи муроҷиат 03.01.2023

Маълумотҳои дар диаграмма овардашуда ба мо имкон медиҳад, ки вазъи гаронии андоз дар кишварҳои Африқо муқоиса намоем. Новобаста аз кам будани сатҳи даромадноки дар давлатҳои Африқо, гаронии андоз нисбатан муътадил мебошад. Аммо ин маънои онро надорад, ки сатҳи гаронии андоз паст аст, зеро ки дар як қатор давлатҳои Африқоӣ меъёри андоз аз 20 то 23% мерасад.

Меъёри баланди андоз, гаронии андозро зиёд мекунад ва мутаносибан даромади умумии андозсупорандаро кам мегардонад[92]. Чунин ҳолат боиси кам гардидани субъектони соҳибкорӣ дар бахшҳои гуногун шуда метавонад.

Аз динамикаи таносуби андозҳо ва ММД дар давраи солҳои 2000-2021 тамоюли афзоиши ҳиссаи аксари намудҳои андозҳо ба назар мерасад. Аз он ҷумла «...дар давлатҳои узви СҲИР, категорияҳои зерини андозҳо нақши намоёнро доранд: андоз аз даромад, фоида ва афзоиши сармояи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ (taxes on income, profits and capital gains); пардохтҳои суғуртаи иҷтимоӣ (social security contributions); андоз аз фонди музди меҳнат ва қувваи корӣ (taxes on payroll and workforce); андози амвол (taxes on property); андоз аз мол ва хизматрасонӣ (taxes on goods and services), инчунин дигар андозҳое, ки тасниф нашудаанд». [93]

Афзудани ҳаҷми даромадҳои андозӣ дар ММД ифодакунандаи он аст, ки ба таври объективона меъёри андоз баланд гаштааст ва ё номгӯи андозҳо зиёд гардидаанд. Аз ин лиҳоз, таваҷҷуҳи худро равона месозем ба ҳаҷми воридотҳои андозӣ дар баъзе аз даромадҳои буҷети давлатҳои ҷаҳон (Дар мисоли давлатҳои СҲИР).

**Ҷадвали 1.3.2. – Сохтори низоми андоз дар кишварҳои СҲИР дар солҳои 2019/2020, бо фоиз аз ҳаҷми умумии воридотҳои андозӣ***

| Давлатҳо | Андоз аз даромад, фоизи даромад | Меъёри андоз, фоизи фоида | Вақти ҳисобкунии андоз, бо соат | Шумораи андозҳое, ки аз ҷониби корхонаҳо | Андоз аз молу хизмат, фоизи даромади умумӣ | Андозҳо аз савдои байналмилалӣ, фоизи даромади |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **1** | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 |
| **ИМА** | 51,36 | 36,6 | 175 | 11 | 2,42 | 1,86 |
| **Туркия** | 18,12 | 43,3 | 170 | 10 | 36,3 | 1,74 |
| **Шветсия** | 14,67 | 49,1 | 122 | 6 | 38,27 | - |
| **Словения** | 11,67 | 31 | 233 | 10 | 32,2 | - |
| **Португалия** | 23,62 | 39,8 | 243 | 8 | 31,2 | - |

---

[92] Демин А.В. Доходы, вид деятельности, налоговое бремя как факторы, влияющие на налоговый комплайенс. / Демин А.В.//В сборнике: Правоприменение в публичном и частном праве. материалы Международной научной конференции. –Омск, 2022. – С. 28-34.

[93] Revenue Statistics 1965-2017. Annex A: The OECD Classification of Taxes and Interpretative Guide. Oecd. [Электронный ресурс]. URL: https://www.oecd.org/tax/tax-policy/

| **Давоми ҷадвали 1.3.2.** | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **1** | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 |
| **Норвегия** | 18,31 | 36,2 | 79 | 5 | 28,1 | 0,24 |
| **Нидерландия** | 30,57 | 41,2 | 119 | 9 | 27,64 | - |
| **Люксембург** | 32,07 | 20,4 | 55 | 23 | 26,3 | - |
| **Латвия** | 6,13 | 38,1 | 169 | 7 | 42,99 | - |
| **Ҷопон** | - | 46,7 | 129 | 19 | - | - |
| **Исроил** | 32,06 | 25,3 | 234 | 6 | 33,12 | 0,64 |
| **Исландия** | 45,12 | 26,1 | 82 | 9 | 27,74 | - |
| **Гретсия** | 16,75 | 51,9 | 193 | 8 | 31,49 | - |
| **Франсия** | 28,68 | 60,7 | 139 | 9 | 23,21 | - |
| **Эстония** | 20,65 | 47,8 | 50 | 8 | 35,18 | - |
| **Чехия** | 16,63 | 46,1 | 230 | 8 | 26,95 | - |
| **Чили** | 18,49 | 34 | 296 | 7 | 49,12 | 0,64 |
| **Белгия** | 37,12 | 55,4 | 136 | 11 | 26,35 | - |
| **Австралия** | 64,5 | 47,4 | 105 | 11 | 19,33 | 3,83 |

***Сарчашма:** Ҷадвал аз ҷониби муаллиф таҳия гардидааст бо истифода аз маълумотҳои омории Бонки ҷаҳонӣ. Манбаъ: The World Bank (https://ru.theglobaleconomy.com)

Ба вуҷуд овардани захираҳо, боз як роҳи самарабахши коҳиш додани гаронии андоз дар корхона мебошад[94].

Албатта, шумораи андозҳое, ки корхонаҳо пардохт менамоянд, метавонад ба сатҳи гаронии андозии субъектони хоҷагидор таъсирбахш бошад. Низоми андози давлатҳои ҷаҳон яксон нестанд ва хусусиятҳои фарққунандаи хоси миллии худро доранд.

Гаронии андозро тамоми субъектҳои хоҷагидорӣ дар саросари ҷаҳон ба дӯш мегиранд[95]. Зеро бе пардохти андозҳо мавҷудияти он соҳаҳое, ки аз буҷет маблағгузорӣ мешаванд, ғайриимкон аст. Омили муҳим ҳангоми муқаррар намудани меъёри андоз ва қоидаҳои пардохти андоз, ин мувозинати байни гаронии андоз ва имконияти мавҷудияти ташкилотҳои тиҷоратӣ ба шумор меравад.

---

[94]Калимбет Д.В. Оптимизация налоговой нагрузки на предприятие. / Калимбет Д.В. //В сборнике: финансы, экономика и управление: проблемы, тенденции и перспективы развития в условиях нестабильности. Материалы ежегодной межвузовской региональной научно-практической конференции студентов, магистрантов и аспирантов, в рамках VIII Международного научного студенческого конгресса «Россия: от кризиса к устойчивому развитию: ресурсы, ограничения, риски». 2017. – С. 150-152.

[95]Резвушкин С.В. Налоговое бремя и налоговая нагрузка. / Резвушкин С.В.//Инновационная наука. 2016. № 12-1. – С. 174-175.

Аз таҷрибаҳои ҷаҳонӣ маъмул аст, ки «...гарони баланди андоз ба рушди соҳибкорӣ, динамика ва сохтори истеҳсолоти ҷамъиятӣ таъсири манфӣ мерасонад».[96]

Чунин ба назар мерасад, ки аз се ду ҳиссаиислоҳоти андозӣ дар ҷаҳон аз тағйирот ба манбаи андоз иборат аст. Ин ҳолат ифодагари он мебошад, ки тағйирёбии меъёри андоз ба даромад бидуни ба назар гирифтани тағйирот дар манба арзёбӣ мегардад ва эҳтимол дорад, ки хатогиҳои ҷиддӣ дошта бошанд.

Бисёре аз иқтисоддонҳо андозҳои ғайримустақимро яке аз самтҳои муассиртарин барои пешбурди сиёсати иқтисодии давлат медонанд[97]. Аммо таъсири он ба нархи молу маҳсулот ва дар ниҳояти кор ба истеъмолкунанда меафтад.

Тибқи таҳлилҳо меъёрҳои андоз аз даромад дар кишварҳои пешрафта ва дар ҳоли рушд қарор гирифта ба ҳисоби миёна ҳудудан аз 70% то 60% ва 44% то 36% дар ҳамин давра коҳиш ёфтанд. Мутаасифона баръаси он дар андолзҳои ғайримустақим, аз он ҷумла андоз аз арзиши иловашуда дар ҳамин давра мутаносибан аз 14 фоиз ба 18 фоиз ва аз 13 фоиз то 16 фоиз зиёд гардидааст.[98]

Коҳиши гаронии андоз барои ҳамаи кишварҳои интихобшуда яксон аст. Аммо дар баъзе кишварҳо зиёд ё кам шудани уҳдадориҳои андоз дида мешавад, ки ду ҳолат як вақт нест. Дар андози амвол бошад, шумораи кишварҳое, ки танҳо як намуди ислоҳотро амалӣ кардаанд (масалан, зиёд ё кам кардани уҳдадориҳои андоз), хеле зиёд аст.

---

[96] Раджабов, Т. – С. Налоговая бремя в рыночной экономике/ / Раджабов Т. – С.В сборнике: Национальные экономические системы в контексте формирования глобального экономического пространства. Сборник научных трудов. Под общей редакцией З.О. Адамановой. Симферополь, 2021. – С. 567-569.

[97] Томина Н.М. Налоговое бремя населения. Томина Н.М. //В сборнике: Экономика и управление народным хозяйством: генезис, современное состояние и перспективы развития. Материалы II Международной научно-практической конференции. В 2-х частях. 2018. – С. 40-50.

[98] Дар ҳаминҷо.

Аз ин лиҳоз, бо маълумотҳои дар боло оварда шуда қайд намудан мумкин аст, ки ислоҳоти низоми андози кишварҳои хориҷӣ дар тӯли 30 соли охир ифодагари он аст, ки тақрибан 80% тағйироти умумии андозҳои асосиро, тағйироти андоз аз даромади шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, инчунин андоз аз арзиши иловашуда ташкил медиҳад, ки бо ҳисоби миёна, меъёрҳои андози шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар иқтисодиёти бозории пешрафта ва рушдёбанда пойин рафта истодаанд.

Равандҳои ҷаҳонишавӣ, ки «...дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ ба амал меоянд, боиси афзоиши нақши корпоратсияҳои трансмиллӣ дар иқтисодиёти кишварҳои рӯ ба тараққӣ мегардад. Чунин дигаргуниҳо дар ҷаҳон низ боиси характери ислоҳоти андоз низ мегардад».[99] Яъне баланд будани гаронии андоз фаъолияти соҳибкориро дар кишвар коҳиш медиҳад ва соҳибкоронро водор мекунад, ки роҳҳои фирор аз андозро ҷустуҷӯ кунанд.

Аз таҷрибаи танзими гаронии андоз дар мамолики ҷаҳон ба хулоса омадем, ки низоми андози Ҷумҳурии Федеративии Олмон яке аз низомҳои пешрафтатарини андоз маҳсуб гардида аз таҷрибаи ин кишвар, бахусус дар самти соддагардонии расмиёти риояи андоз ва баланд бардоштани масъулияти мақомоти андоз истифода намудан судманд аст. Дар таҷрибаи ИМА бошад, сатҳи маърифати баланди андозӣ мушоҳида мегардад, ки пардохти андозро шаҳрвандон ҳамчун вазифаи инфиродӣ ва қарзи давлатӣ ҳисобида, сари вақт пардохт мекунанд.

Зимни муқоисаи гарониии андоз ва истифодаи таҷрибаҳои давлатҳои хориҷӣ дар самти коҳиш додани сатҳи гаронии андоз ба чунин хулосае омадем, ки:

1. Бахри ба эътидол даровардани сатҳи гаронии андоз истифодаи таҷрибаҳои хориҷа ба марид аст. Зеро омӯхтан, дуруст истифода намудан ва

---

[99] Раздерищенко И., Кривошеина Ю. Налоговая оптимизация как инструмент налоговой политики: материалы XV международного научно-исследовательского конкурса. Пенза: Наука и просвещение, 2018. – С. 103–107.

муносиб гардонидани он ба низоми милли андоз бо дарназардошти шарту шароит, метавонад таъсирбахш бошад ба сатҳи коҳиш додани гаронии андоз;

2. Истифодаи таҷрибаҳои давлатҳои хориҷа дар раванди танзими гаронии андоз дар мамлакат ба маврид буда, метавонад, нақши босазое гузорад;

3. Дар ҷаҳон тақрибан аз се ду ҳиссаи ислоҳоти андозии андозбандии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ аз тағйирот ба манбаи андоз иборат аст. Ин шаҳодат аз он медиҳад, ки ҳама гуна таҳлиле, ки таъсири иқтисодии тағйирёбии меъёри андозро ба даромади шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ бидуни ба назар гирифтани тағйирот дар манба арзёбӣ мекунад, эҳтимол дорад, ки хатогиҳои ҷиддӣ дошта бошанд.

Вобаста ба ҷамъбасти боби 1-ум, мо ба хулосае омадем, ки:

1. Гаронии андозро олимон ба таври гуногун иброз доштаанд ва аз ин лиҳоз, равиши ягонае доир ба он вуҷуд надорад. Аз ин рӯ чунин меҳисобем, ки гаронии андоз ин ифодагари ҳиссаи андозҳоро дар маҷмуи маҳсулои дохилӣ мебошад;

2. Дар пайи омӯзишҳо маълум гардид, ки гаронии андоз дар сатҳи субъектҳои хоҷагидор ҳамчун нишондиҳандаи нисбӣ фаҳмида мешавад, ки ҳиссаи андозҳои ҳисобшударо дар даромади умумӣ тавсиф мекунад;

3. Муайян намудани гаронии андози шахсони воқеӣ бо сабаби аҳолӣ пардохтпазирии ҳам андозҳои мустиақим ва ҳам ғайримустақим, ниҳоят душвор аст. Аз ин рӯ, истифодаи методологияҳо бояд бо арзёбии таъсири андозҳои ғайримустақим ҳамроҳ карда шавад;

4. Чунин мешуморанд, ки барои ба эътидол овардани сатҳи гаронии андоз аз таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ истифода бурдан ба мақсад мувофиқ аст, зеро онро дуруст омухтан ва эҷодкорона истифода бурдан, ба низоми андози миллӣ мутобиқ кардан, бо назардошти андозбандии андози ҷумхурӣ зарур аст ва шароиту шароитро ба назар гирифта метавонад самараи низоми андозро афзун гардонад.

# БОБИ II. ҲОЛАТИ МУОСИР ВА АСОСҲОИ ИНСТИТУТСИОНАЛИИ ТАНЗИМИ ГАРОНИИ АНДОЗ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 2.1. Ҳолати муосири танзми гаронии андоз

Дар айни замон рушди иқтисодии ҳар як кишвар бештар аз даромадҳои андозӣ ва ғайриандозии он вобастаги дорад. Аз ин рӯ, мо чунин мешуморем, ки давлатҳо бо мақсади баланд бардоштани даромаднокии буҷет манбаъҳои гуногуни даромадро ҷӯё мегарданд ва ба хазинаи давлат онҳоро тавассути сиёсати молиявии худ ҷамъ оварда, барои рушди минбаъдаи иқтисодиёти кишвари худ истифода мебаранд.

Муҳим аст, ки давлат маблағҳои аз андоз бадастовардаро ба соҳаи мудофиа, нигаҳдории тандурустӣ, маориф, рушди соҳаҳои ғайриистеҳсолии иқтисодиёти кишвар ва таъмини иҷтимоии аъзоёни ҷомеа ҷудо намояд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди ба даст овардани истиқлолият, барои рушди иқтисодиёти кишвар ва дастгирии истеҳсолкунандагон тадбирҳо андешидааст[100]. Яъне раванди коҳишдиҳии сатҳи гаронии андоз дар бахшҳои гуногуни фаъолияти молиявию хоҷагидории кишвар сурат гирифта итодааст.

Муносибкунонии гаронии андоз дар шароити муосир на муқовимат ба низоми фискалии давлат, ки боиси амали гардидани муҷозоти андоз ё чораҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ мегардад, балки озодии ҳуқуқии дороиҳо барои истифодаи минбаъдаи онҳо дар фаъолияти иқтисодӣ мебошад, ки ба андозсупоранда имкон медиҳад, ки пардохтҳои ҳатмии худро кам кунад.[101].

Дар воқеъ андозҳое, ки барои тақсимоти маблағ дар амалиётҳои молиявии давлатӣ заруранд, таҳрифҳоро ҳангоми қабули қарорҳои агентҳои иқтисодӣ ба вуҷуд меоранд, ки ба ҳолати ҳавасмандгардонии истеҳсол ва истеъмол таъсир мерасонад. Аз ин рӯ, чунин меҳисобем, ки раванди

---

[100] Улугходжаева Х. Р. Налоги и налогообложение. «Ирфон» Душанбе 2010г. – С. 280-285.

[101] Минкина М.В. Оптимизация налогового бремени малого бизнеса как актуальное направление налоговой политики государства. Минкина М.В.//В сборнике: Экономика, управление и право: инновационное решение проблем. сборник статей XV Международной научно-практической конференции. 2018. – С. 76-79.

андозбандӣ ҳолти даромад ва таъсири ивазкунандаро ба вуҷуд оварда, самаранокии низоми андозро кам менамояд. Низоми андоз дар ҳоле самаранок ҳисобидан мумкин, агар он ба ҳадафҳои даромад дар иқтисодиёт таъсири манфӣ расонад.

Аз ин рӯ, гаронии андозро метавон ба «...категорияи умумии иқтисодӣ мансуб намоем, зеро ки таъсири андозҳо ва дигар пардохтҳоро ба андозсупоранда тавсиф мекунад».[102] Воқеан, гаронии андоз аз ҷониби давлатҳо, ҳиссаи маблағи умумии пардохтҳои андозӣ дар маҷмуи маҳсулоти дохилии кишвар барои ҳар як сол муайян мегардад ва он қонуну қарорҳое дар сатҳи давлат қабул менамоянд, баислоҳоти андозӣ оварда мерасонад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон давоми сӣ сол дигаргунсозии иқтисодӣ ва амалӣ намудани тағйироти бозорӣ бо истифода аз таҷрибаи муайяни истифодаи воситаҳои бозорӣ ҷиҳати татбиқи танзими давлатии иқтисодиёт амалӣ гаштааст. Ташаккули низоми андоз дар шароити дигаргунсозии куллии иқтисодӣ, тавасути озмоиш ва аксаран ба таври механикӣ ворид гардидани баъзе хусусиятҳои низоми андози муосири Ғарб ба сарзамини тоҷикон бидуни ба инобат гирифтани вижагиҳо ва рушди иқтисоди миллӣ ба вуҷуд омадааст, ки ин тазоҳурот ба исёни андозсупорандагон бархӯрдааст.

Бо дарназардошти ҳолатҳо ва имкониятҳои ҷойдоштаи низоми буҷет Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади зиёд гардонмидани даромадҳои буҷетӣ сиёсати андозию буҷетиро пеша намуд. Дар ин давра яқатор санадҳои меъёрӣ – ҳуқуқии танзимкунандаи муносибатҳои ҳуқуқии андозбандӣ аз соли 1992 қабул гардид, ки ҳолати гаронии андозро вуҷуд овард.

Махсусан, сол ва сол зиёд гардидани андозҳо аз манбаъҳои гуногуни андозбандии фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ ва баланд гардидани меъёрҳои андоз, ки ба дарк ва фаҳмиши андозсупорандагон дар таъмини

---

[102] Бирюков В.В. Корпоративный налоговый менеджмент в управлении налоговым бременем предприятия./ Бирюков В.В., Дергунов Д.//Научная перспектива. 2016. № 4. – С. 9-10

риояи қонунгузории андоз мушкилотҳои пардохти андозро ба вуҷуд меовард, ба назар мерасид.




***Сарчашма**: Таҳияи муаллиф

**Расми 2.1.1. – Омилҳое, ки ба нишондиҳандаи гаронии андоз таъсир мерасонанд**

Чунин меҳисобем, ки ислоҳоти куллии иқтисодӣ ба хусус дар низоми андоз, ки тайи солҳои охир дар кишвар гузаронида шуда истодааст, ин бевосита гузаштан ба муносибатҳои бозорӣ ва рушди иқтисоди миллӣ мебошад.

Ислоҳоти андоз бо мақсади ташкили низоми нави андоз ба хусусиятҳо ва талаботи фаъолияти иқтисодиёти муосир ҷавобгӯ дар замони истиқлолият гузаронида шудааст ва аз сабаби низоми иқтисоди кишвар дар соли 1991 хароб шуда буд, то ҳол ислоҳот дар ин бахш хеле зуд сурат мегирад. Яъне раванди ислоҳоти низоми андоз, вақтро талаб мекунад.

Раванди азнавсозиҳои иқтисодӣ дар солҳои аввали истиқлолияти давлатӣ ба амал омада, татбиқи сиёсати андозбандӣ дар шароити ниҳоят душвор чунин чорабиниҳо паси сар намуд:




*** Сарчашма**: Таҳияи муалиф

**Расми 2.1.2. – Маҷмуи чорабиниҳое, ки дар татбиқи сиёсати андоз ба вуҷуд омадааснд.**

Муҳимтарин қадам дар бунёди низоми муосири андоз ин қабули Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 1998, ки вобаста ба таҷрибаи кишварҳои пешрафта таҳия шуда буд, мебошад. Назария ва амалияи андозбандӣ ба ислоҳоти низоми мавҷудаи андоз ва бартараф намудани зиддиятҳои байни қонунҳои ҷудогонаи андоз оварда расонидааст, ки инро қадами устувор дар бунёди асосҳои институтсионалӣ метавон номид.

Дар баробари ин сиёсати фискалӣ, афзоиши мунтазами манбаъҳои даромадро аз ҳисоби афзоиши даромадҳои андоз талаб мекунад, ки ин ҳам зарурат ва ҳам мушкилии асосиро дар муқаррар намудани меъёрҳои мувофиқи андоз ба вуҷуд меорад.Аммо дар айни замон чи дар мамлакати мо ва чӣ дар хориҷа ҷиҳати муайян кардани гаронии андоз ва методологияи ҳисобкунии ин нишондиҳанда равиши ягонаи аз ҷиҳати илмӣ асосноки методологи вуҷуд надорад.

Бори аввал дар асри XVIII масъалаи вазнинии гаронии андоз ва фишори он ба иқтисодиёт ба миён гузошта шуда буд. Частӣ ва Бифелд, ки аввалин шуда ин падидаро омӯхтаанд, фишорро ба иқтисодиёт ҳамчун таносуби байни даромади буҷет буҷет ва даромади миллӣ муайян карданд. Юсти тахмин мекард, ки хароҷоти буҷет 1/6 кисми даромади миллиро

ташкил диҳад, ҳолати гарони муътадил мешавад[103]. Воқеан, ба инобат гирифтани сатҳи гаронии андоз, метавонад, ҳавасмандгардониҳоро дар фаъолияти субъектон ба вуҷуд орад, ки рушду нумӯи соҳаҳо аз татбиқи дурусти сиёсати фискалии давлат аз он вобастагии калон дорад.

Бифелд чунин мешуморад: «...Сиёсати оқилона дар пардохти андозҳо набояд аз 25 фоизи даромади ҳар кас зиёд набошад».[104] Агар аз ин зиёд ҷамъоварӣ гардад, шумораи андозсупорандагон кам мегардад ва агар шумораи андозсупорандагон кам бошад, ба тамоми хароҷоти давлат намерасад. Бинобар ин, баҳри муайян кардани гаронии андоз қисми даромадҳои андозии буҷетро бо маҷмуи маҳсулоти дохилӣ муқоиса мекунанд, яъне таносуби қисми даромади андозӣ дар буҷет ва маҷмуи маҳсулоти дохилӣ, гаронии андоз мебошад.

Ба ақидаи Султонов, З.С. «...андозҳои зиёд боиси коҳиши тавлидот, коҳиши фаъолияти иқтисодӣ, коҳиши фазои сармоягузорӣ ва шояд бархе аз соҳибкорон дар пайи пинҳон кардани даромади худ шаванд».[105]

Ҳамзамон, дар ҳоле, ки шахс соҳиби даромад мегардад ва зиёдар 25% даромади гирифтаашро ҳамчун андоз ба буҷет пардохт намояд, ба ақидаи мо, ин аллакай ҳолати гаронии андозбандиро нишон медиҳад.

Вазъи кунунии низоми андози миллӣ таҳлили пурраро тақозо мекунад, аз ҷумлаи он масъалаҳое, ки зери назорати таъсири андозҳои баланд ба равандҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвари мо нигоҳ дошта шава, зеро сатҳи аз ҳад зиёди андозҳо падидаи манфӣ буда, боиси пастравии истеҳсолот, ҷамъ шудани пасандозҳо, суст шудани самараи меҳнатӣ ва сармоягузорӣ, инчунин ҳолати пинҳон доштани даромад аз ҷониби соҳибкорон ва аҳолӣ ба пинҳон ба афзудани шиддати иҷтимоӣ ва раванди беқурбшавӣ мегардад.

---

[103]Пушкарева В. М. История финансовой мысли и политики налогов. – Москва, 1996. – С. 183-187.

[104]Соловей Г.Г. Государственные бюджеты. – Москва – Ленинград, 1928. – С. 5-9.

[105]Султанов, З. – С. Налоговые механизмы поддержки социально - экономических систем в условиях перехода к цифровой экономике//З.–С.Султанов,М.А. Махмадмуродова // Государственное управление. – 2020. – № 4-1(48). – С. 83-86.

Низоми муосири андозбандӣ дар ҷараёни ислоҳоти куллӣ баҳри сода ва шаффоф гардонидани муносибатҳои ҳуқуқии андозӣ, ки қарор дорад аз як ҷониб захираҳои молиявии давлатро таъмин намояд, аз ҷониби дигар ба фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ шароит муҳайё менамояд.

Мақсади асосии давлат дар самти андозбандӣ, аз як тараф ба ҷамъоварии маблағҳои зарурии андозӣ, баҳори иҷрои уҳдадориҳои худ – вазифаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ бошад, аз тарафи дигар ба вуҷуд наовардани монеаҳо аз ҷумла ба таври объективона баланд намудани сатҳи гаронии андоз дар фаъолияти хоҷагидорӣ, ки боси мушкилотҳои фаъолияти соҳибкорӣ, ташкили корхонаҳои нав, ки дар пайи он ташкили ҷойҳои нави корӣ, рушди иқтисодиёти кишвар ба вуҷуд меояд. Ҳамзамон раванди татбиқи сиёсати андозӣ давлат ба он равона гардад, ки имкониятҳои беҳтаргардонии вазъи буҷети давлатро ба инобат гирифта шуда, суботи иҷтимоӣ ва иқтисодии кишварро амалӣ гардонад.

Қобили зикр аст, ки «...дар давоми бист соли охир (солҳои 2000-2021) рушди иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоби миёна ба 7,5 фоиз ноил гардида, маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (ММД) аз 1,8 миллиард сомонӣ дар соли 2000 то ба 95 миллиард сомонӣ дар соли 2021 ва даромади буҷети давлатӣ аз 252 миллион сомонӣ (соли 2000) дар соли 2021 ба беш аз 28 миллиард сомонӣ афзоиш ёфт. Яъне дар ин давра 53 баробар маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ, 11 баробар даромади буҷети давлатӣ ва маҷмӯи маҳсулотии дохилӣ ба ҳар сари аҳолӣ бештар аз 30 баробар афзуд. Гузашта аз ин, дар ин давра дар кишвар беш аз 2000 корхонаи истеҳсолӣ бунёд гардида, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ нисбат ба солҳои аввали истиқлолият қариб чор баробар афзуд».[106]

---

[106]Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ». URL [Режим доступа]:. http://prezident.tj/node/27417. 21.12.2021, шаҳри Душанбе, Санаи муроҷиат 05.05.2023.

Татбиқи сиёсати дурусти молиявии давлат, ҷиҳати таъмини суботи иқтисодии кишавар ва такмили низоми андозбандӣ дар солҳои истиқлолияти давлатӣ, ҳаҷми даромади буҷетро, сол аз сол баланд намудааст.

**Диаграммаи 2.1.1. – Сатҳи гаронии андоз ва афзоиши ММД-и Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2022.**




***Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси нишондиҳандаҳои оморӣ: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2022. – С. 380-388; Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2023.С-390.

Пандемияи COVID-19 ба тамоми бахши иқтисоди Тоҷикистон таъсири хеле ҷиддӣ расонд, яъне сарфи назар аз афзоиши истеҳсоли маҳсулот хавфи нарасидани озукаро зиёд кард. Коҳиши даромади хонаводаҳо бар асари аҳоли зиёд гардида, хатари аз даст додани ҷойҳои корӣ, коҳиши интиқоли пул ва баста шудани корхонаҳо истеъмоли ғизоро дар шароити гаронии нархҳои истеъмолӣ муваққатан ё ба таври доимӣ коҳиш додааст. Суръати афзоиши ММД дар солҳои минбаъда хуб гардида дар соли 2021 17,8 фоизро баробар гардида, нисбат ба соли гузашта 11,7 фоиз афзудааст. Аз ин ҷост, ки иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз пандемияи соли 2020 бомуваффақият барқарор гардида истодааст.

Сабаби қабул гардидани Кодекси андоз бори сеюм дар он буд, ки муносибатҳои андозӣ дар ҷумҳурӣ такмили ҷиддиро талаб мекард, чунки он ҷавобгӯи талаботи замон набуд.

Бо баробари қабул гардидани Кодекси андоз меъёрҳои андоз нисбатан паст гардида, низоми андоз такмил дода шуд ва ин тағйиротҳои нишондиҳандаҳоро мо метавонем ҳамчун ҳиссаи воридотҳои андозӣ дар буҷети давлат тайи солҳои 2013-2022 муқоиса намоем (Нигаред ба ҷадвали 2.1.1.).

Дар ин давра хизматрасониҳои нав ба нав ба вуҷуд омада, дар такони рушди иқтисодиёт, саҳми босазое гузоштааст. Нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, хусусан маҷмуи маҳсулоти дохилӣ (ММД) дар ин давраҳо баланд гардида, аз 40525,5 млн. сомонӣ ба 115739,4 млн. сомонӣ дар соли 2022 баробар гардид. Муносибатҳои ҳуқуқии андозӣ мукамал гардида, ҳавасмандгардониҳо дар бахшҳои дорои аҳаммияти стратегидошта ба амал баровардa шуд. Новобаста аз он ки шумораи андозҳо ва меъёри онҳо бо мақсади коҳиш додани сатҳи гаронии андоз кам гардида буд, вале ин боиси кам гардидани воридотҳои андози дар низоми буҷет нагардид.

Ҳаҷми воридотҳои андози дар соли 2014 нисбат ба соли пешин 21,93% афзун гардид, ки 63,9%-и даромадҳои буҷетро ташкил медод. Солҳои 2015, 2016 нисбат ба соли 2014 воридотҳои андозӣ дар буҷети давлатӣ нисбатан кам ворид гардида, ҳудуди 5,4% зиёд гардидааст. Нисбати солҳои қаблӣ, зиёд гардидани воридотҳои андозиро дар солҳои 2017- 2022 мушоҳида намудан мумкин, зеро дар ин давра аз 13099,6 млн. сомонӣ ба 21824,2 млн. сомонӣ баробар гаштааст, ки 60% зиёд гардидааст. Ҳиссаи андозҳо дар буҷаи давлатӣ бевосита аз сатҳи рушди иқтисодиёт, алалхусус даромади устувори аҳолӣ вобастагӣ дорад[107]. Аммо зиёд будани номгӯи андозҳо ва баланд буддани ҳиссаи он дар буҷети давлатӣ, бори андозро ба вуҷуд меорад.

---

[107]Ризоқулов, Т.Р. Андоз аз даромади шахсони воқеӣ ва нақши он дар ғанӣ гардонидани буҷети давлатӣ / Т. Р. Ризоқулов // Паёми молия ва иқтисод. – 2021. – №1(25). – С. 15-20.

**Чадвали 2.1.1. – Ҳиссаи воридотҳои андози дар ММД, солҳои 2013-2022 (млн.сомонӣ)***

| № | Солҳо / Нишондиҳандаҳо | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2022/ 2013 (+,-) | 2022/ 2013 маротиба |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | | | | | | | | | | | | | |
| 2 | **Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ (ММД)** | **40525,5** | **45606,6** | **50977,8** | **54790,3** | **64434,3** | **71059,2** | **79109,8** | **83958,3** | **98910,7** | **115739,4** | **75213,9** | **2,8** |
| 3 | **Ҳаҷми умумии буҷети давлатӣ** | **12276,6** | **14427,3** | **16586,4** | **18405,1** | **19955,4** | **23925,5** | **23469,4** | **25065,0** | **30053,8** | **36056,8** | **23780,2** | **2,9** |
| 4 | **Воридоти андозҳо** | **8502,9** | **10366,7** | **10613,3** | **11188,4** | **13099,6** | **14564,9** | **15775,4** | **15366,5** | **19669,5** | **21824,2** | **13321,3** | **2,5** |
| 5 | **Аз он ҷумла:** | | | | | | | | | | | | |
| 6 | Андоз аз даромад ва андоз аз фоида | 1584,9 | 1912,2 | 2295,2 | 2384,5 | 3071,6 | 3434,8 | 3813,6 | 3575,7 | 4712,7 | 5906,1 | 4321,2 | 3,7 |
| 7 | Пардохтҳои иҷтимоӣ | 1177,4 | 1432,2 | 1575,5 | 1326,7 | 1489,3 | 1638,0 | 1706,2 | 1686,9 | 2037,2 | 2001,0 | 823,6 | 1,7 |
| 8 | Андози моликият ва андози замин | 153,4 | 177,5 | 199,9 | 241,9 | 300,5 | 357,6 | 371,0 | 374,3 | 456,9 | 752,5 | 599,1 | 4,9 |
| 9 | Андоз аз фурӯш, аз арзиши иловашуда ва аз гардиш | 4485,7 | 5451,2 | 5908,9 | 5346,3 | 5960,8 | 5959,5 | 6429,0 | 6395,5 | 8228,1 | 8940,0 | 4454,3 | 2,0 |
| 10 | Аксизҳо | 345,7 | 302,2 | 362,8 | 338,9 | 390,1 | 425,3 | 593,4 | 621 | 745,1 | 901,9 | 556,2 | 2,6 |
| 11 | Андозҳои дигари берунӣ барои савдо ва амалиётҳо | 428,6 | 600,0 | 555,2 | 599,4 | 698,2 | 746,7 | 804,6 | 701,5 | 907,4 | 1092,9 | 664,3 | 2,5 |
| 12 | Андозҳои дигари дохилӣ аз молу хизматҳо | 327,0 | 399,8 | 431,4 | 215,5 | 308,7 | 320,9 | 351,1 | 331,6 | 389,5 | 188,0 | -139 | 0,6 |
| 13 | **Воридоти ғайриандозӣ** | **813,5** | **876,0** | **1018,5** | **1447,9** | **1425,6** | **2019,2** | **2025,4** | **1895,4** | **1601,2** | **2418,5** | **1605** | **3,0** |
| 14 | **Ҳиссаи андозҳо дар даромади буҷет %** | **69,2** | **71,8** | **63,9** | **60,7** | **65,6** | **60,8** | **67,2** | **61,3** | **65,4** | **60,5** | **-8,7** | **0,9** |
| 15 | **Гарони андоз** | **20,9** | **22,7** | **20,8** | **20,4** | **20,3** | **20,4** | **19,9** | **18,3** | **19,8** | **18,8** | **-2,1** | **0,9** |

***Сарчашма:** Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2020. – С. 452-465; Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2022. – С. 380-388; Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2023.С-390.

Имрӯзҳо дар раванди татбиқи сиёсати андозию буҷетӣ, самтҳои навӣ даромадро дар низоми буҷет ҷустуҷӯ ва пайгирӣ менамоянд. Аз ин лиҳоз, сол аз сол коҳишёбии дарормадҳои андозиро дар даромадҳои буҷет дида метавонем. Масалан, аз лаҳзаи қабули Кодекси андоз бори сеюм, сатҳи воридотҳо 69,2% ро ташкил намуда дар соли 2022 ба 60,5% расид, ки вобастагии буҷетро аз воридотҳои андози то ҳаде кам намуд. Сабаби асосии кам шудани меъёри даромади андоз ба буҷети давлатӣ, аз як тараф, ҷустуҷӯи манбаъҳои нави даромаднокӣ дар низоми буҷетӣ бошад, аз тарафи дигар, кам кардани баъзе рӯйхатҳои андоз ва кам кардани ҳаҷми андозҳо мебошад. Ҳадафи татбиқи ин сиёсат ба паст кардани сатҳи бори андоз нигаронида шудааст.

Бояд қайд кард, ки вазифаи баланд бардоштани фаъолияти сармоягузории субъектҳои хоҷагидор, зарурати таҳияи воситаҳои самараноки танзими андоз ва ҳавасмандкуниро ба миён меорад. Яке аз ин воситаҳо аз ибтидои дигаргунсозиҳои иқтисодӣ дар мамлакати мо ин имтиёзҳои андоз мебошад.

Шералиев Э. Н. ва Шомуродов А. М. ба он назаранд, ки «...самаранокии низоми андозӣ низ ба ҳавасмандгардонии молиявию иқтисодӣ, ба хусус имтиёзҳои андозӣ вобастагии амиқ дошта, дар раванди истеҳсолот ва кору хизматрасониҳо нақши муҳим дорад».[108]

Дар ҳолати татбиқи имтиёзҳои тасдиқгардида раванди ҳавасмандгардонӣ афзун мегардад. Вале бояд қайд намуд, ки ба таври якбора зиёд бароҳ мондани имтиёзҳои андозӣ метавонад ба  коҳишёбии даромадҳои буҷети давлатӣ таъсир расонад.

Ба ақидаи Қурбонов А. К. имтиёзҳои андозӣ як ҷузъи таркибӣ ва муҳимми қонунгузории андоз ба шумор мераванд, ки «...ба дастгирии

---

[108] Шералиев, Э. Н. Ҷанбаҳои назариявии аҳаммияти имтиёзҳои андозӣ дар рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон / Э. Н. Шералиев, А. М. Шомуродов // Идоракунии давлатӣ. – 2023. – №2(61). – С. 25-31.

соҳибкорӣ, ҷалби сармоягузорӣ ва таъмини рушди минбаъдаи иқтисодиёти кишвар равона карда шудаанд».[109]

Аз ин рӯ, натиҷаи таъсири татбиқи имтиёзҳоро мо метавонем дар рушди ин ё он соҳаи иқтисодиёти кишварамон мушоҳида намоем, ки ин амал метавонад дар бахшҳои гуногуни иқтисодиёти кишвар, сармоягузриҳоро ба вуҷуд орад.

Қонунгузории андози Ҷумҳурии Тоҷикистон имтиёзҳои андозро ҳамчун бартариятҳое тавсиф мекунад, ки дар он категорияҳои алоҳидаи андозсупорандагон дар муқоиса бо дигар андозсупорандагон пардохи андозро қисман ё умуман пардохт намекунад.

**Ҷадвали 2.1.2. – Ҳаҷми маблағи имтиёзҳои андозӣ дар миқёси ҷумҳурӣ барои солҳои 2015-2022 (млн. сомонӣ)***

| Солҳо | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Манбаи андоз** | 12164,78 | 13119,61 | 17431,05 | 25719,35 | 25919,93 | 29544,10 | 34142,47 | 51257,83 |
| **Маблағи имтиёз** | 2148,04 | 2240,29 | 2801,11 | 3835,68 | 4435,65 | 4666,89 | 5567,71 | 7104,86 |
| **Ҳиссаи имтиёзҳо дар манбаъҳои андоз (%)** | 17,66 | 17,08 | 16,07 | 14,91 | 17,11 | 15,80 | 16,31 | 13,86 |
| **Суръати рушди имтиёзҳо нисбат ба солҳо (%)** | 100 | 104,29 | 125,03 | 136,93 | 115,64 | 105,21 | 119,30 | 127,61 |

***Сарчашма:** Таҳияи муаллиф бо истифода аз махзани электронӣ: URL:. https://andoz.tj/docs/Deytelnost/AzRuiAndozVaBurishSH_N_TJ.pdf. Санаи муроҷиат: 20.02.2023.

Имтиёзҳо барои ҳавасмандгардонии иқтисодӣ пешбинӣ шудаанд. Ҳавасмандгардонии иқтисодӣ дар бахши андоз таввасути додани имтиёзҳо сол аз сол дар қаламравӣ ҷумҳурӣ афзудааст, ки мо онро дар ҷадвали боло овардаем. Маълум мешавад, ки дар солҳои 2015-2022 ҳиссаи имтиёзҳои

---

[109] Қурбонов, А. К. Нақши имтиёзҳои андоз дар соҳаи сайёҳӣ ва таъсири он ба рушди иқтисоди Миллӣ / А. К. Қурбонов, Н. И. Назирзода // Иқтисодиёти Тоҷикистон. – 2020. – №S4-1. – С. 134-139.

андоз 3,3 маротиба, яъне аз 2148,0 млн.сомонӣ дар соли 2015 ба 7104,86 млн. сомонӣ ба соли 2022 расид.

Аз ин рӯ, «...дараҷаи устувории низоми андоз, натиҷаи муқовимати умумӣ ба зарбаҳои берунии иқтисодиёт - сохтори соҳавӣ, хусусиятҳои минтақавӣ, дараҷаи ҳамгирой ба равандҳои иқтисодии ҷаҳонӣ ва дараҷаи ошкорбаёнии он мебошад».[110]

Мавриди қайд аст, ки устувории низоми андоз ин мувофиқ кардани он ба шарту шароит, ҳамбастагӣ дорад. Аз ин лиҳоз, рушд ва тағйирёбии шакли сохтори давлатӣ ҳамеша бо азнавташкилшавии низоми андоз вобастагӣ дорад.

Дар айни замон мо чунин мешуморем, ки андозҳо шакли асосии даромаднокии давлат ҳисобида мешавад. Яъне онҳо на танҳо барои хароҷоти давлатӣ захираҳои молиявӣ таъмин мекунанд, ҳамчунин механизми идоракунии муносибатҳои ҷамъиятӣ истифода мешаванд.

Қабули Кодекси андоз бо мақсади беҳтар намудани низоми андоз, паст гардонидани сатҳи гаронии андоз, таъмини рушди иқтисоди кишвар бо мақсади ҷалби сармоягузориҳо, ҳавасмандгардонии рушди фаъолияти соҳибкорӣ, ташкили ҷойҳои нави корӣ, баланд бардоштани иқтидори саноат ва содиротии мол, ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ, таъмини воридоти андозҳо ва пардохтҳои ҳатмӣ дигар ба буҷети давлатӣ таҳия гардидааст.

Ҳамзамон, дар ин раванди ислоҳот, дар низоми андоз як қатор андозҳо хориҷ ва ихтисор гардиданд, ки онро дар расми 2.2.3. мушоҳида намуда метавонем.

---

[110]Александрова Ж.П. Налоговое бремя, сравнение в России и за рубежом. /Александрова Ж.П., Мариненко А. – С. //Бенефициар. 2018. № 23. – С. 22-25.




*** Сарчашма:** Таҳияи муаллиф бо истифода аз Кодексҳои андоз

**Расми 2.1.3. – Тафовути андозҳои амалкунандаи Кодекси андоз дар таҳрири нав аз кодекси қаблӣ.**

Маврид ба қайд аст, ки тағйиротҳое, ки тули солҳои охир дар низоми андоз ба вуҷуд омадааст, то дараҷае сатҳи гаронии андозро паст намудааст. Аз он ҷумла, дар бахши субъекти фаъолияти соҳибкорӣ, ки фаъолияташонро метавонанд, тариқи патент, шаҳодатнома бо шартҳои махсус ва шаҳодатномаи умум истифода намуда дар низоми махсус фаъолият менамоянд.

Таъиноти ба роҳ мондани низоми махсус ин ба осон гардонидании равандии бақайдгирӣ ва сода гардонидани тартиби пардохти андозҳо дар муносибатҳои андозӣ нигаронида шудааст. Шахсоне, ки дар ин низом фаъолият мекунанд пардохти андозро аз рӯйи даромади худ бо меъёри 6% (ба истиснои андози ягона) пардохт мекунанд. Ҳамзамон, андозсупорандагон

ҳуқуқ доранд, ки истифода баранд аз меъёрҳои фарқияти даромаду хароҷот. Дар чунин ҳолат меъёри андоз тағйир меёбад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми андозбандӣ ба «...сатҳи баланди марказонидашуда асос ёфтааст, ки даромадҳо ба ғайр аз андозҳои маҳаллӣ дар сатҳи умумидавлатӣ идора карда мешаванд».[111]

Қобили зикр аст, ки дар шароити давраи гузариши иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳалли масъалаҳои бунёди низоми муосири андоз муносибати маҷмуӣ ва ҳамгироии ташкилӣ, пеш аз ҳама, кӯшишҳои тамоми мутахассисони сатҳи давлатиро тақозо мекунад ва барои коркарди консепсияҳои мавҷудаи ислоҳоти андоз пешниҳодоти иштирокчиёни муносибатҳои андозӣ ба инобат гирифта мешавад. Аз ин рӯ, танзими гаронии андоз ҳамчун меъёри асосии самаранокии сиёсати андоз дар Стратегияи миллии рушд аҳамият дошта, механизми банақшагирӣ ва пешгӯии гаронии андозро нишон медиҳад.

Бо такя аз усулҳои ҳисоб намудани гаронии андоз, ки дар боби якум, овардаем, ҳолати воқеии сатҳи гаронии андозро дар давоми солҳои 2015-2021 нишон медиҳем.

**Ҷадвали 2.1.3. – Ҳолати воқеии сатҳи гаронии андозро дар давоми солҳои 2015-2021 ***

| № | Мазмуни амалиёт | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2021\2015 (+,-) | 2021\2015 (маротиба) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 10 | 11 |
| 1 | Шумораи аҳолии доим (ҳазор нафар) | 8551,2 | 8742,8 | 8931,2 | 9126,6 | 9313,8 | 9506,3 | 9886,8 | 1335,6 | 1,15 |
| 2 | Шумораи умумии андозсупорандагон | 40776 | 42575 | 43729 | 47399 | 51009 | 50893 | 51651 | 10875 | 1,26 |

[111]Саидмуродов, Л.Х.Налоговый потенциал региона и региональная система налогового администрирования: механизмы и инструменты управления / Л. Х. Саидмуродов, В. Д. Сабуров. – Душанбе : ООО «Матбуоти Уротеппа», 2020. – С.176-184. – ISBN 978-99975-384-6-8.

**Давоми ҷадвали 2.1.3.**

| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 10 | 11 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 3 | Шахсони ҳуқуқӣ | 100 71 | 1057 4 | 1163 2 | 1279 5 | 1374 5 | 1425 8 | 1590 2 | 5831 | 1,57 |
| 4 | Соҳибкорони инфиродӣ | 307 05 | 3200 1 | 3209 7 | 3460 4 | 3726 4 | 3663 5 | 3574 9 | 5044 | 1,16 |
| 5 | Воридотҳои андозӣ (млн.сомонӣ) | 106 13 | 1118 8 | 1310 0 | 1456 5 | 1577 5 | 1535 7 | 1967 0 | 9057 | 1,85 |
| 6 | Ҳиссаи воридотҳои андози дар ММД % | 20,8 | 20,4 | 20,3 | 20,4 | 19,9 | 18,2 | 19,8 | -1 | 0,95 |
| 7 | Вазнинии андоз нисбат ба шумораи аҳолӣ (нафар) | 1 241 | 1 280 | 1 467 | 1 596 | 1 694 | 1 615 | 1 98 9 | 748 | 1,6 |
| 8 | Даромади пулии аҳолӣ, (млн. сомонӣ) | 255 69,8 | 3137 3,0 | 3724 7,5 | 4108 3,9 | 4798 6,3 | 6534 7,0 | 8050 8,8 | 54939 | 3,14 |
| 9 | Даромад ба сари аҳолӣ. (нафар) | 299 0,2 | 3588 ,4 | 4170 ,4 | 4501 ,5 | 5152 ,1 | 6874 | 8143 | 5152, 8 | 2,7 |
| 1 0 | Гаронии андоз ба даромади аҳолӣ % | 42 | 36 | 35 | 35 | 33 | 24 | 24 | -18 | 0,57 |

***Сарчашма:** Таҳияи муаллиф бо истифода аз Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2022. – С. 10-13; омори Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. https://moliya.tj/.

Маълум мегардад, ки рушди нишондиҳандаҳои овардашуда, сол аз сол натиҷаҳои судманд ба миён овардааст, ки ифодагари суботи иқтисодӣ дар кишвар мебошад. Масалан, шумораи андозсупорандагон дар соли 2015 ба 40776 нафар баробар буда, дар соли 2021 ба 51651 баробар гардидааст. Аз ин бармеояд, ки фазои муътадил баҳри фаъолият кардан дар қаламрави ҷумҳурӣ ба миён омадааст. Ҳамзамон, сатҳи гаронии андоз ба даромади аҳолӣ дар ин давраҳо 18 фоиз коҳиш ёфтааст, ки тули солҳои охир ҳудуди 24 %-ро дар бар гирифтааст. Инчунин, даромади пулии аҳолӣ мутаносибан афзун гардида, шуруъ аз соли 2015, ки 25569,8 млн. сомониро ташкил медод то соли 2021 ба андозаи 3,14 маротиба афзун гардидааст.

Чунин мешуморем, ки аз як тараф, аз рӯи таҷрибаи ҷаҳонӣ коҳиши саҳми даромадҳои андоз дар ММД мусбат арзёбӣ мешавад ва аз тарафи дигар, ин боиси бад шудани вазъи иқтисодии андозсупорандагон мегардад. Кишварҳои ҷаҳон барои истифода аз бахшҳои афзалиятноки соҳибкории

давлатӣ ва аз ин рӯ пур кардани даромади буҷет барои рушди соҳибкорӣ ҳарчи бештар кӯшиш ба харҷ медиҳанд.

Дар сурати кам шудани даромади андоз давлат бояд манбаъҳои даромади ғайриандозиро мунтазам ҷустуҷу, ба ҳисоб гирад ва пайдо кунад. Аз вазъи кунунии манбаъҳои ғайриандозии даромади буҷет бармеояд, саҳми онҳо дар ғанӣ гардонидани буҷети давлатӣ ва ММД хеле кам аст.

**Ҷадвали 2.1.4. – Ҳиссаи воридотҳои ғайриандозӣ дар буҷети давлат дар солҳои 2018 - 2022 (млн.сомонӣ).**

| № | Нишондиҳандаҳо | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2022/2018 (+,-) | 2022/2018 % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Даромади буҷети давлатӣ | 24097,2 | 23490,4 | 25065,0 | 30053,8 | 36056,8 | 11959,6 | 149,63 |
| 2 | Воридоти ғайриандозӣ | 1818,1 | 2005,6 | 1,89 | 1601,2 | 2418,5 | 600,4 | 133,02 |
| 3 | Воридот аз моликият ва фаъолияти соҳибкорӣ | 1093,8 | 355,9 | 0,297 | 285,2 | 477,9 | -615,9 | 43,69 |
| 4 | Дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет | - | 205,9 | 0,237 | 310,2 | 421,1 | 215,2 | 204,52 |
| 5 | Ҷаримаҳо ва муҷозотҳо | 389,8 | 399,2 | 0,21 | 278,0 | 304,0 | -85,8 | 77,99 |
| 6 | Воридоти дигари ғайриандозӣ ва пардохтҳои маъмурӣ | 334,6 | 430,1 | 0,459 | 628,1 | 648,2 | 313,6 | 193,72 |
| 7 | Даромад аз сармоя | - | 614,5 | 0,69 | 68,47 | 567,1 | -47,4 | 92,29 |
| 8 | Грантҳо | 100,7 | 1694,8 | 1,1507 | 237,2 | 1020,9 | 920,2 | 252,07 |
| 9 | **Ҳиссаи даромадҳои ғайриандозӣ дар буҷети давлат** | **7,54** | **8,54** | **0,01** | **5,33** | **6,71** | **5,02** | **88,90** |

***Сарчашма**: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2023. – С. 357-361.

Таҳлили муқоисавии гаронии андоз ва меъёрҳои андози ҳамоякишварҳои ҷумҳурӣ зарурати баррасӣ ва муқоисаи онҳоро ба миён меорад.

**Ҷадвали 2.1.5. – Нишондиҳандаҳои андозии давлатҳои Осиёи Марказӣ дар баҳодиҳии "Пешбурди соҳибкорӣ»-и Бонки Ҷаҳонӣ***

| № | Нишондиҳандаи «Андозбандӣ» | Тоҷикистон | Ӯзбекистон | Қирғизистон | Қазоқистон |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Аз рӯйи таҷрибаи пешқадами ҷаҳонӣ | 62,27 | 76,92 | 56,55 | 76,28 |
| 2 | Мавқеъ аз рӯйи нишондиҳандаҳои андозбандӣ | 136 | 64 | 151 | 56 |
| 3 | Пардохтҳои андозӣ (шумора дар як сол) | 7 | 10 | 51,0 | 7 |
| 4 | Соат (соат да як сол) | 224,0 | 181,0 | 225,0 | 182 |
| 5 | Вазнинии умумии андозӣ (% аз даромад) | 65,2 | 32,1 | 29,0 | 29,4 |

***Сарчашма:** «Таҳлили низоми андозбандию гумрукӣ ва самаранокии имтиёзҳои пешниҳодшаванда», Душанбе, 2019. Саҳ. 32.

Тибқи методологияи Бонки Ҷаҳонӣ ҳангоми баҳогузории индикатори «Андозбандӣ», барои муайян намудани фоидаи тиҷоратии корхонаҳои истеҳсолӣ ҷиҳати ҳисоб намудани гаронии андоз, онҳо маҷмуи даромади миллӣ ба ҳар нафар аҳолӣ ба инобат гирифта мешавад. Мутахассисони Бонки Ҷаҳонӣ фоидаи тиҷоратии корхонаҳои истеҳсолиро бо роҳи зарби коэффитсиенти аз ҷониби Бонки Ҷаҳонӣ муайяншудаи 59,4 ба ҳаҷми маҷмуи даромади миллӣ ба ҳар нафар аҳолӣ, ҳисоб менамоянд.

Аз ин рӯ, новобаста аз он ки Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Қазоқистон меъёрҳои андоз аз фоидаи корхонаҳо нисбат ба Тоҷикистон баландтар бошад ҳам, аз ҳисоби он, ки маҷмуи даромади миллӣ дар ин давлатҳо мутаносибан ба 10230 доллари ИМА ва ба 7830 доллари ИМА баробар аст, тибқи ҳисоботи «Пешбурди соҳибкорӣ - 2020» гаронии андоз нисбат ба фоидаи тиҷоратии корхонаи истеҳсолӣ дар Федератсияи Россия дар маҷмуъ ба 46,2 фоиз ва дар Ҷумҳурии Қазоқистон ба 28,4 фоиз баробар дониста шудааст.

Мувофиқ ба таҳлили таҷрибавии ҷаҳонӣ сатҳи гаронии мусоиди андозбандӣ барои таъмини рушди соҳибкорӣ тақрибан 35-40%-ро дар бар мегирад.

Аз ин рӯ чунин меҳисобем, ки тағйир ёфтани мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳисоботи «Пешбурди соҳибкорӣ» аз рӯйи нишондиҳандаи «Андозбандӣ» ин дар давраи ҳисоботӣ аз ҷониби корхонаҳо рӯйпӯш намудани даромад (аз ҷумла аз ҳисоби зиёд нишон додани хароҷотҳои беасос) ва ҳамчунин кам нишон додани фоида (бо зарар ҷамъбаст намудани фаъолияти соҳибкорӣ) мебошад. Инчунин, таҳлилҳо нишон медиҳад, ки ҳангоми омода намудани он на ҳамаи ислоҳотҳои дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти андозбандӣ гузаронидашуда пурра ба инобат гирифта шудаанд. Аз ҷумла, тибқи муқаррароти моддаи 109 Кодекси андоз (Кодекси андози соли 2013) меъёри андоз аз фоида ба фаъолияти истеҳсоли молҳо аз январи соли 2017 - 13 фоиз муқаррар шудааст. Аммо, тибқи ҳисоботи Бонки Ҷаҳонӣ ҳангоми ҳисоб намудани гаронии андоз, меъёри андоз аз фоида 14 фоиз ба инобат гирифта шудааст, ки яке аз сабабҳои коҳиш ёфтани мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисобида мешавад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон паст кардани меъёрҳои андоз ва додани имтиёзҳои андоз яке аз воситаҳои асосии ҳавасмандгардонии сармоягузориҳо ба ҳисоб меравад, дар баробари ин дар низоми андоз мушкилоте мавҷуд аст, ки асосан ба ҷамъоварӣ ва бақайдгирии андозҳо алоқаманданд, ки меъёрҳои андозро вайрон мекунанд.

Ҳамзамон, бояд қайд намуд, ки бо мақсади ба роҳ мондани корҳои ташкилию назоратии мақомоти андоз, аз ҷумла ҳангоми банақшагирӣ ва гузаронидани санҷишҳои ҳуҷҷатии андоз, баланд бардоштани сифати гузаронидани санҷишҳо, назорати камералӣ ва дигар шаклҳои назорати андоз, инчунин масъулияти кормандони мақомоти андоз ва андозсупорандагонро баланд намудан, Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳадди миёнаи сатҳи гаронии андозро дар соҳаҳои фаъолият муайян намудааст.

**Ҷадвали 2.1.6. – Ҳадди миёнаи гарони андоз дар соҳаи фаъолият (бо ҳисоби на кам аз _%)***

| № | Соҳаи фаъолият | Меъёри ҳадди миёнаи гаронии андоз (%) |
|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 |
| 1 | Хизматрасонӣ | |
| | Фаъолияти алоқа | 40 |
| | Бонк:<br>-бонкҳо<br>-ташкилотҳои амонатии қарзии хурд | <br>12<br>10 |
| | Нақлиёт: заминӣ, ҳавоӣ | 10<br>15 |
| | - меҳмонхонаҳо<br>-чиптафурӯшӣ | 15<br>10 |
| | Соҳаи савдо (хариду фурӯш) | 4,0 |
| | Дигар намудҳои хизматрасонӣ, | 10 |
| 2 | Саноат | |
| | Истеҳсоли молҳои зераксизӣ | 26 |
| | Истихроҷи канданиҳои фоиданок | 22 |
| | Дигар намудҳои фаъолияти истеҳсолӣ | 10 |
| 3 | Энергетика | 22 |
| 4 | Сохтмон | 12 |
| 5 | Ҳангоми фаъолият дар низоми содакардашудаи андозбандӣ | 7 |

***Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси фармоиши раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «20» апрели соли 2016, №126

Дар асоси ҷадвали 2.1.6. Раёсати санҷиши андозҳо ва мақомоти ҳудудии андоз ҳангоми гузаронидани корҳои назоратӣ ва банақшагирии санҷишҳои ҳуҷҷатии андоз, нишондоди ҳадди миёнаи гаронии андоз дар соҳаи фаъолиятро ҳамчун критерияи асосӣ барои баҳодиҳии сатҳи хавфи қонунвайронкуниҳои андоз дар фаъолияти андозсупорандагон, дар мадди аввал ба инобат мегиранд.

Тибқи ин фармоиш, сатҳи гаронии андоз тавасути таносуби ҷамъи андозҳои ҳисобнамудаи андозсупоранда нисбат ба даромади бадастомада дар соли андоз муайян карда мешавад:

$$\textbf{ГА =(АХ/ДУ) x 100\%}^{112}\textbf{, (2.1)}$$

Дар ин ҷо:

**ГА** – гаронии андоз;

**АХ** – андозҳои ҳисобнамудаи андозсупоранда;

[112] Дар ҳамонҷо

**ДУ** – даромади умумии андозсупоранда.

Мувофиқи фармоиши мазкур ҳангоми ҳисоб намудани ҳадди миёнаи гаронӣ андозҳои зерин ба инобат гирифта намешаванд:

– андоз аз арзиши иловашудаи ҳангоми ба рисмаятдарории гумрукии молҳо пардохтнамудаи андозсупоранда, ки баъдан дар таҳвили минбаъда баҳисоб гирифта мешавад ва ё ба таркиби хароҷот дохил карда мешавад;

– андозҳое, ки андозсупоранда ҳамчун агенти андоз аз манбаи пардохт нигоҳдошта ба буҷет пардохт менамояд (андоз аз даромади шахсони воқеии кироякор, андоз аз арзиши иловашуда ва андоз аз даромади ғайрирезидентҳо, суди саҳмияҳо, фоизҳо ва ғайра). [113]

Дар сурати аз имтиёзҳои андозӣ истифода намудани андозсупоранда, асоснокии он баррасӣ гардида, нусхаи маълумотномаи имтиёзҳои андозӣ ба санад (маълумотнома) аз натиҷаи корҳои назоратӣ замима мегардад.

Мусалам аст, ки солҳои охир дар ҷумҳурӣ, навъҳои гуногуни стратегияи идоракунӣ озмуда ва қабул гардиданд ва тавасути ин барномаҳо низоми андозе, ки имрӯз мо дорем, ташаккул ёфтааст.

Чунин меҳисобем, ки тадбирҳои ворид намудани тағйиротҳоро ба қонунгузории андоз, омили коҳиш додани сатҳи гаронии андоз шудаанд ва ин тағйиротҳо бояд ҳадди аксар таъмин намудани суръати баланди рушди иқтисод ва афзоиши фаъолияти сармоягузориро таъмин намоянд.

Ҳамзамон, Ҳукумати мамлакат оид роҳҳои коҳиш додани гаронии андоз ба иқтисодиёти миллӣ як қатор масъалаҳое ба миён гузоштааст, ки иҷроиши он баҳодиҳии рушди низоми андозро муайян мекунад, ки ба таҳкими андозбандӣ оварда мерасонад.

Зимни баррасии ҳолати муосири идранамоии сатҳи гаронии андоз ба чунин хулоса омадем, ки:

---

[113] Фармоиши раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «20» апрели соли 2016, №126

1. Низоми самарабахши андоз ба мақомоти кишвар шароит фароҳм меоварад, ки сиёсати андозро ба таври дуруст амалӣ гардонад. Хусусиятҳои асосии он имкониятҳои мувофиқи даромаднокӣ, адолат, муносибкунонии андозҳо, танзими андоз, сатҳи муътадили гаронии андоз ва шаффофияти муносибатҳо мебошанд;

2. Андозбандӣ метавонад даромад ва таъсири ивазкунандаро ба вуҷуд оварда, самаранокии низоми андозро кам намояд. Низоми андоз дар ҳоле самаранок ҳисобидан мумкин агар онҳо ба ҳадафҳои даромад бо таъсири манфӣ дар иқтисодиёт расонад;

3. Маълум шуд, ки раванди камшавии даромади андоз аз як тараф ба паст шудани вазъи иқтисодии андозсупорандаро нишон дода бошад, аз тарафи дигар камшавии хиссаи даромадхои андоз дар ММД баҳои мусбат дода мешавад;

4. Чунин меҳисобем, ки ҳиссаи андозҳо дар даромадҳои буҷети давлатӣ нақши намоёнро дошта, зиёд будани он, бори андозро ба вуҷуд меорад.

## 2.2. Асосҳои иститутсионалии танзими гаронии андоз

Мактаби иқтисодиёти институтсионалӣ дар аввали асри XX ба вуҷуд омад, ки асосгузори он Й. Шумпетер ба ҳисоб рафта аз ҷониби Оливер Уилямс дар илм ворид гардидааст.

Мақсади асосии ин мактаб, на танҳо раванди иқтисодиётро мавриди баррасӣ қарор медиҳад, инчунин ҳангоми таҳлил омилҳои ғайримоддӣ ба инобат гирифта мешавад. Дар ҳоли ба инобат нагирифтани он, сабаби паст рафтани сатҳи иқтисодиёти кишвар мегардад.

Чунин мешуморем, ки Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун асосҳои институтсионалии андозҳо, дар замони имрӯз баромад менамоянд, зеро яке аз унсури таркибии муҳимми ҳисобнамоии андозҳо ин меъёри андоз ба ҳисоб рафта, барои муайяннамоии маблағи андоз, истифода мегарда.

Ҳамзамон, меъёри баланди андоз метавонад ба таври объективона сатҳи гаронии андозро баланд намояд.

Грабова О.Н. қайд менамояд, ки «…донистани сатҳи гаронии андоз барои ҳалли вазифаҳои таҳқиқӣ ва стратегии рушди иқтисоди миллӣ, пешбурди сиёсати андоз дар ҳамбастагӣ бо таҳавуллоти қувваҳои истеҳсолкунандаи миллӣ ва муносибатҳои иқтисодӣ, технологияи иттилоотӣ ва динамикаи муносибатҳои байналхалқии сиёсию иқтисодӣ зарур аст».[114]

Такмили қонунгузорӣ дар соҳаи андоз, омили такмили танзими давлатӣ мебошад. Дар кишварҳои дорои иқтисодашон пешрафта ба таҷрибаҳои дохилӣ дар такмили қонунгузорӣ қаноатманд нагардида аз таҷрибаи кишварҳои хориҷа истифода мебаранд.

Ба гуфтаи М.З.Раҳимов, «...ҷаҳонишавии иқтисод, бӯҳронҳои молиявӣ, мубориза бо падидаҳои номатлуб, ки ба инсоният таҳдид мекунанд ва ғайра омилҳое мебошанд, ки аз таъсири ташаккули низоми ҳуқуқӣ, аз ҷумла ҳуқуқи андоз бетаъсир намемонанд».[115]

Дар ғанигардонии буҷети давлатӣ нақши андозро ҳадафҳои он дар сиёсати давлатӣ, аз қабили таъмини имтиёзҳо ба андозсупорандагон, фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди иқтисоди миллӣ ва ба эътидол овардани сатҳи бори андоз дар кишварҳои муосири ҷаҳон муайян мекунад ва бояд бодиққат омухта, таҳлил ва тафтиш карда шавад. Албатта, дар ин равандҳо ва бахусус ҳавасмандгардонӣ, ки тавассути додани имтиёзҳо сурат мегирад, ба ташаккули низоми ҳуқуқии андоз таъсир мерасонад. Аммо дуруст аст, ки истифодаи бесамари низоми андоз на танҳо ба қишрҳои алоҳида, масалан, корхонаҳои хурд, балки умуман ба тамоми ҷамъият таъсир мерасонад.

---

[114]Грабова О.Н.Исследование налоговой нагрузки в условиях цифровизации экономики //О. Н. Грабова, А. Е. Суглобов // Налоги и Налогообложение. 2018. № 4. – С. 141–151.

[115]Раҳимов М.З. Конечный результат предпринимательской деятельности: теория и правовое регулирование / М.З.Раҳимов//Избранные труды по гражданскому и предпринимательскому праву, Душанбе, 2014. С-278-285.

Омӯзиши таҷрибаи ҷаҳонӣ оид ба танзими гаронии андоз ва эҷодкорона истифода бурдани он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон ба вуҷуд меорад, ки на танҳо ба қонунгузории амалкунанда дар соҳаи андоз ва низоми андозбандӣ баҳо дода шавад, балки самтҳои имконпазири рушди минбаъдаи он муайян мегардад. Аз истифодаи таҷрибаи хориҷӣ дар танзими конститутсионии асосҳои муносибатҳои молиявию андоз хеле муҳим мешуморем, зеро таҷрибаи давлатҳои ҷаҳон нишон медиҳад, ки асосҳои фаъолияти молиявию андоз объекти асосии танзими конститутсионӣ мебошанд.

Андраш Шайо қайд менамояд, ки «...асосҳои буҷет ва андозбандӣ, бе чуну чаро бояд ба матни конститутсияи кишвар ворид карда шаванд».[116] Аз ин бар меояд, ки рушди иқтисодиёти миллии ҳар як давлат дар муқаррароти конститутсионии он вобаста ба буҷет ва меъёрҳои андозу пардохтҳо байён мегардад.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бори аввал дар замони истиқлолияти давлатӣ, 06-уми ноябри соли 1994 қабул гардида буд, аз муқаррарнамоии танзими муносибатҳои андозу молия дар канор намондааст, зеро дар он як қатор меъёрҳо, бобҳо ба танзими ин ё он муносибатҳои муҳимтарини андозбандию молиявӣ бахшида шудааст. Масалан, тибқи муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон «...супоридани андоз ва пардохтҳое, ки қонун муайян кардааст, ҳатмист»[117].

Ҳамин тавр, Конститутсия дар шароити имрӯза Қонуни асосии ҳар як давлат ба ҳисоб рафта, дар муайян кардан ва инкишофи соҳаи қонунгузории андоз ҳамчун сарчашма баромад мекунад.

Муҳим аст, ки «...дар ҷаҳони муосир тамоюли мунтазам зиёд кардани андозҳо мушоҳида мешавад. Ин вазъ аз як сӯ ба иқтидори иқтисоди миллӣ рабт дорад, аз сӯи дигар ба афзоиши меъёри андоз ба тағйирёбии қурби

---

[116]Шайо. Самоограничение власти (краткий курс конституционализма)/ Перевод с венгерского. М.: Юрист, 2001. – С. 255-263.

[117]Конститутсияи Ҷумхурии Тоҷикистон (моддаи 45) / - Душанбе, 2016. – С. 10 – 15.

асъори хориҷӣ нисбат ба сомонӣ, дараҷаи таварум ва баланд шудани дараҷаи некуаҳволии халк ҳамчун падида вобастааст».[118]

Бинобар ин, дар марҳилаи имрӯзаи рушди бомароми иқтисодиёт, омӯзиши асосҳои институтсионалии сатҳи гаронии андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳим арзёбӣ мегардад.

Низоми андозбандии Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки ҳамчун як рукни асосии давлатдорӣ, баъди ба даст овардани истиқлолият дар шароити таъсири омилҳои сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ташаккул ёфтааст, мебояд муносиб гардонида шавад ба шарту фазои кунунӣ, зеро дар ҳолати зиёд будани номгӯи андозҳо ва меъёрҳои андозӣ, сабаб асосии афзудани сатҳи гаронии андоз дар кишвар мегардад.




*** Сарчашма:** Таҳияи муалиф

**Расми 2.2.1. – Ташаккулёбии низоми андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз соли 1991 то 2022).**

---

[118]Бобоев Ҷ.К. Таҳлили андозбандии соҳибкорони инфиродӣ тибқи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон/ Ҷ.К.Бобоев, И.М. Азизов// Қонунгузорӣ, №3, 2013. – С. 74-78.

Мақомоти андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳамчун мақоми ваколатдор бахри назорати воридотҳои андозӣ ба буҷет аз замони ба даст омадани истиқлолият то ба имрӯз якчанд марҳилаи инкишофро аз сар гузаронидааст ва тамоми он роҳу усулҳоеро пайгирӣ ва татбиқ менамояд, бахри саривақт ҷамъоварии андозҳо мусоидат намуда, ба ҳолати муътадил нигоҳ доштани сатҳи гаронии андоз низ оварда мерасонад.

Раванди институтсионалӣ, ин дар шароити ниҳоят мураккаби сиёсию иқтисодӣ, эҳёи давлатдории Ҷумҳурии Тоҷикистон, яъне баъд аз ба даст овардани истиқлолият ба вуқуъ омадааст. Маҳз дар ҳамин давраҳо санадҳои ҳуқуқӣ дар соҳаи андозбандӣ қабул карда шуданд, ки ба муайян намудани тартиб ва қоидаҳои андозбандӣ, ташаккули манбаъҳои даромади буҷети давлатӣ ва ташаккули мақомоти андоз нигаронида шудаанд, ки дар танзими гаронии андоз қадамҳои аввалин мебошанд.

**Ҷадвали 2.2.1. – Санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи муносибатҳои андозӣ***

| № | Номгӯи қонунгузориҳо | Соли қабул гардидан |
|---|---|---|
| **1** | Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъсиси фонди рушд ва ҳавасмандгардонии моддӣ барои мақомоти андози давлатӣ» | аз 25.11.1992 № 727 |
| **2** | Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муфлисшавӣ» | аз 6.10.2008 № 432,<br>аз 19.05.2009 № 509 |
| **3** | Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)» | аз 03.03.2016, № 186 |
| **4** | Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи имзои электронии рақамӣ» | аз 25.03.2011 № 699 |
| **5** | Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет» | аз 23.11.2015 № 1250 |
| **6** | Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» | аз 02.01.2020 №1681 |
| **7** | Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мораторияи санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ» | аз 18.03.2015 № 1192 |
| **8** | Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон | аз 2.01.2020 № 1659 |
| **9** | Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон | аз 2.01.2020 № 1661, № 1662 |
| **10** | Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон | аз 15.03.2016 № 1298 |
| **11** | Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон | аз 23.12.2021 №1844 |

***Сарчашма:** Маҳзани электронӣ: URL:. https://mmk.tj

Дар заминаи Раёсати даромадҳои давлатӣ ва андозҳои Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, моҳи январи соли 1992, Сарраёсати андози Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд.

Маврид ба қайд аст, ки дар ин давра дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 24 намуд андозҳо ва 11 намуд пардохтҳои ҷумҳуриявӣ ва 12 намуд андозҳо ва пардохтҳои маҳаллӣ амал мекард ва ҳамаи ин намуди андозҳо ва пардохтҳо дар асоси қонунҳои алоҳида ҷамъоварӣ карда мешуд, ки ин албата душвориҳоро ва гарониро дар байни тарафҳои иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқии андозӣ ба вуҷуд оварда буд.

Қадами дигар дар роҳи танзими гаронии андоз ин қабул гардидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти давлатии андоз» дар моҳи марти соли 1992 буд, ба ҳисоб меравад.

Баъд аз қабул гардидани ин қонун, низоми андози Ҷумҳурии Тоҷикистонро то дараҷае ба эътидол даровард, аммо баъзе аз масъалаҳо норавшан монд аз қабили шаклҳои андоз ва дигар пардохтҳо хело зиёд буданд, ки ин боиси афзун гардидани сатҳи гаронии андоз гардид, дар ҳоле ки меъёри андозҳо баланд буд ва ҳамин сабаби он гашт, ки саркашӣ аз андоз ба вуҷуд меомад. Масалан, меъёри андоз аз фоидаи бонкҳо то 55 фоиз расида, барои корхонаҳо 40 фоиз ва меъёри андози даромад аз 10 то 40 фоизро ташкил медод.

Албатта, бо дарназардошти дастовардҳои танзими гаронии андоз дар низоми андози тозабунёди миллӣ дар ин давраи ҳассос, яъне гузариш ба иқтисодиёти бозоргонӣ аз мушкилотҳо ва норасогиҳо дар низоми андоз холи набуда, рушди иқтисодиро то андозае халалдор менамуд ва бо мақсади таҳкими сохтории ташкили назорати андоз 4 майи соли 1995 Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфт.

Ташаккул ёфтани низоми андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба эътидол омадани вазъи сиёсӣ ва иқтисодии кишвар дар таъмини рушди устувори иҷтимоию иқтисодӣ, зарурати қабул гардидани Кодекси андозро ба миён овард.

Бояд қайд намуд, ки ташкили низоми андози тозабунёд дар давраи раванди мураккаби вазъи иҷтимоию иқтисодии мамлакат ба вуқуъ пайваста, ҳамзамон дар ин марҳила, шаклҳои нави муносибатҳои хоҷагидорӣ бавуҷуд омад ва мутобиқ гардонидани ин муносибатҳо ба низоми андоз идома дошт.

Ба ақидаи Ғаюров С. «...таҷрибаи таърихии давлатдорӣ дар Тоҷикистон, нишон медиҳад, ки зарурати ба миён омадани кодификатсияи қонун дар рушди иқтисодию сиёсии кишвар ба вуҷуд омадааст. ҳаминтавр Ҷумҳурии Тоҷикистон аз гузариш ба иқтисодиёти бозаргонӣ (соли 1988), ки дар ИҶШС эълом гардида буд, оғоз гардид ва раванди навсозии иқтисодӣ ва сиёсиро паси сар мекунад, ки марҳилаи ибтидоии он ин қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (1994, 1999, 2003 ва 2016) мебошад».[119] Қабулиин санадҳои ҳуқуқӣ, ҳолатҳоеро ба вуҷуд овардааст, ки ҳадафҳои асосии онро тағйироти қонунгузории андози Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян карданд.

Бо ба эътидол омадани вазъи сиёсӣ ва иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар ин раванд доир ба такмили қонунгузории андоз корҳои зиёде амалӣ гаштанд. Аз ҷумла, қабули Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳи ноябри соли 1998 ва 1 январи соли 1999 мавриди амал қарор гирифт, ки он қонунгузории андозро дар як санади меъёрии ҳуқуқӣ муттаҳид намуда, номгӯи андозҳо маълум гардида, механизмҳои ситонидани андозҳоро муайян намуд, ки ин қадами устувор дар самти танзими муносибатҳои андозӣ ва бар ин васила то ба андозае ба эътидол даровардани сатҳи гаронии андоз мебошад.

Қабул гардидани Кодекси андоз ҳамчун санади танзимккунандаи муносибатҳои андозӣ мебошад дар он шаклҳои андоз ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амал менамуданд, дарҷ гардида буд. Ҳамзамон бо қабул гардидани нахустин Кодекс ҷиҳати ба сифати

---

[119]Ғаюров С. Анализ Налогового кодекса Республики Таджикистан / С. Ғаюров// подготовлен исследовательской группой ТФ ИОО-ФС в рамках Программы экономического развития и предпринимательства. – Душанбе, 2003. – С. 111-119.

андозсупорандагон эътироф намудани субъектҳо ва ба низом даровардани маълумот дар бораи онҳо дар низоми ягонаи иттилоотии мақомоти бақайдгирӣ, нахустин бор ба андозсупорандагон рақами мушаххаси андозсупоранда (РМА) дода шуд. Ҳамчунин шумораи андозҳо ва пардохтҳо кам гардид, ки ин дастовардҳо омили коҳиши гаронии андоз дар низоми андози модели миллидошта мебошад.

Ҳамзамон, моҳи январи соли 2002 баҳри такмили низоми идораи давлатӣ ва натиҷаҳои фаъолияти мақомоти ҷамъоварии даромадҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таъмини воридоти даромадҳо ва пардохтҳо ба буҷети мамлакат, Вазорати даромадҳо ва пардохтҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил гардид. Таъсиси Вазорати мазкур ду мақомотҳои асосии ситонидани андозҳо ва пардохтҳои ҳатмӣ, яъне Кумитаҳои андоз ва гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро муттаҳид намуд. Маблағҳои воридгардида дар буҷет аз ҳисоби ин ду мақомоти муттаҳидгардида, тақрибан 90 фоизи даромади буҷетро ташкил медоданд.

Мусаллам аст, ки бо зиёд будани номгӯи андозҳо ва меъёри онҳо дар сатҳи буҷет, ифодакунандаи сахтиҳо ва вазнини низоми андоз дар давраи муайян мебошад. Албатта бо гузашти замон ва дарёфти сарчашмаҳои нави даромадҳо дар низоми буҷетӣ, метавонад сатҳи гарониии андозро тавасути омилҳои таъсирбахш аз ҷумла: кам гардидани номгӯи андозҳо ва паст гардидани меъёри андозҳо ба вуҷуд орад, ки ин тағйиротҳоро мо метавонем дар низоми андози миллӣ бо ворид намудани тағйротҳо дар низоми қонунгузории андоз сол аз сол мушоҳида намоем.

Албатта, яке аз унсурҳои муайян намудани сатҳи гаронии андозро метавонем аз рӯйи сатҳу сифати хихматрасонии ашхоси масъул дар татбиқи ин ё он вазифаҳо ва уҳдадориҳои гузошташуда ба онҳо, ташбеҳ намоем. Зеро аксари андозсупорандагон ба сатҳу сифати хидматрасонии кормандони ин ниҳод таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд ва беамалии масъулин метавонад монеаҳои сунъӣ эҷод кунад, ки аксаран омили саргардонии андозсупорандагон мешавад.

Дастовардҳои дигар дар ин давра, баҳри баланд бардоштани сатҳу сифати хихматрасони ба андозсупорандагон ин ба вуҷуд омадани заминаҳои моддию техники мақомоти андозу гумрук мебошад, ки дар ин росто ҷараёни компютеркунонии комплексии низом оғоз гардид.

Новобаста аз нақшаҳои ҳарсолаи андозҳо, ки ҳадди зиёди он ба болоравии сатҳи гаронии андоз ва пардохтҳои ҳатмӣ оварда расонад, мақомоти андоз фаъолияти пурсамар намуда, дар ҳамаи давраҳо аз уҳдаи иҷрои вазифаҳои ба зиммаашон гузошташуда оид ба ҷамъоварии маблағҳои пешбинишуда мебаромад.

Аз ҷумла, дар солҳои 2003-2006 нақшаи андозҳо ва пардохтҳои ҳатмӣ мутаносибан ба андозаи 112,7, 108,3, 106,4 ва 107,9 фоиз таъмин карда шуда, афзоиши нақшаи андозҳо ва пардохтҳои ҳатмӣ бошад, дар ин солҳо ба ҳисоби миёна 134 фоизро ташкил дода буд[120].

Вобаста ба ин, фаъолияти мақомоти андозро дар ин марҳила, бо дарназардошти раванди ислоҳоти иқтисодӣ ва ҳамзамон бо қабул гаштани Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин тадриҷан вусъат ёфтани фазои фаъолияти соҳибкорӣ ба санадҳои меъёри ҳуқуқии танзимкунандаи муносибатҳои андозӣ тағйироту иловаҳои зиёде ворид карда шуданд, ки татбиқи амалишавии ин санандҳоро то андозае мураккаб гардид ва соҳибкорон эҳсоси вазнинии андозро ҳис мекарданд.

Дар раванди ташаккул ёфтани муносибатҳои андозӣ, баҳри танзими сатҳи гаронии андоз, ҳолати бастани созишномаҳоро бо дигар давлатҳо ба миён овард. Аз ҷумла, Созишнома «Дар бораи ҳамкорӣ ва ёрии мутақобила дар риояи қонунгузории андоз ва мубориза бар зидди вайронкунии қонунгузорӣ дар ин соҳа» аз 4 июни соли 1999 байни давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, сиёсати андоз барои татбиқи иқтисодиёт татбиқ карда шуда, ислоҳот дар соҳаи андозбандӣ, ки ҳамчун самти муҳими

---

[120]Мақомоти андоз дар давраи соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон/ АНДОЗ – БАҚОИ ДАВЛАТ/ Ба истиқболи бистумин солгарди истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. С.14-21.

ҳамкории байнидавлатӣ ҷиҳати муайян намудани масъалаҳои мутақобилаи андоз ва гумрук дар раванди андоз ва андозбандӣ, аз ҷумла ҳалли мушкилоти марбут ба канорагирӣ аз андозбандии дукарата хизмат кардааст. Мутаассифона, ин созишнома ба далели набуди робитаи байни кормандон ва мутахассисони мақомоти молия ва андози кишварҳои ИДМ пурра иҷро нашуд. Барои татбиқи ин созишнома қонунгузории молиявии кишварҳои ИДМ мувофиқат кардан лозим буд.

Дар ин бора Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 октябри соли 2000 № 153 «Дар бораи тасдиқи Созишномаи ҳамкорӣ байни давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил оид ба механизми андозбандӣ дар нақлиёти роҳи оҳан» дар соҳаи ягонакунии қонунгузории андоз қадами нахуст буд. Татбиқи созишнома механизми андозбандиро такмил дода, андозбандии дукарата дар нақлиёти роҳи оҳанро аз байн бурда ва фаъолияти соҳибкорӣ ва ҳамкориҳои кишварҳои ИДМ тақвият ёфт.

Дар баробари ин мо метавонем як қатор ташкилотҳои ҳамкории иқтисодии мамлакатҳои ИДМ-ро номбар кунем, ки ба инкишофи муносибатҳои байнидавлатии андоз мусоидат мекунанд, аз ҷумла Созмони ҳамкории Шанхай (СХА), Созмони ҳамкории Авруосиё (СҲШ) ва дигар иттиҳодияҳо.Боиси қайд аст, ки масъалаи паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар кишвар як қатор вазифаҳои таъхирнопазирро дар баробари фаъолияти қонунгузорӣ дар соҳаи андозбандӣ ба миён мегузоранд, ки муҳимтарини онҳо ба ақидаи мо ин масъалаи асосноккунии ҳуқуқии коҳиши гаронии андоз ба истеҳсолкунандагони ватанӣ мебошад.

Ба ақидаи Ш.М.Исмоилов «...Қонунгузории андози Ҷумҳурии Тоҷикистон – ин санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи муносибатҳои ҳуқуқии андозӣ ба ҳисоб рафта, рушд ёфтааст ва шароит ба миён меорад, ки

дар низоми қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар бораи соҳаи алоҳида ва мустақили қонунгузорӣ ҳарф занем».[121]

Ба андешаи О.В.Мандрошенко андоз ин «...пардохти ҳатмии ба буҷет мебошад, ки аз ҷониби давлату ҳукумат ва мақомоти маҳаллӣ бо мақсади иҷрои эҳтиёҷоти иҷтимоӣ - иқтисодӣ ситонида мешавад».[122] Аз ин бармеояд, ки муносибатҳои андозӣ вобаста ба қонунгузори бояд тавре сурат гирад, ки манфиатҳо баробарии ҳуқуқҳоро эҳсос намоянд.

Таҳрири Кодекси андоз дар таҳрири нав, дастур дода шуда, моҳи ноябри соли 2004 қабул ва аз 1 январи соли 2005 мавриди амал қарор гирифта, баҳри такмили қонунгузории андоз ва кам кардани андозҳо равона гардид.

Дар ин Кодекси дар таҳрири нав қабулгардида, андоз аз амволи корхонаҳо ва андоз аз амволи ғайриманқули шахсони воқеӣ бо як намуд андози маҳаллӣ-андоз аз амволи ғайриманқул иваз карда шуд.

Ҳамзамон бо ҷорӣ гардидани андози ягона, андозбандии соҳаи кишоварзӣ содда гардонида шуда аз низоми андоз баъзе андозҳо ихтисор гардиданд, аз ҷумла: андоз аз нақлиёти ҷамъиятии мусофиркаш ва андоз аз даромади фавқулодда аз низоми андоз бароварда шуд.

Мусаллам аст, ки бо кам гардидани номгӯи андозҳо дар низоми андоз, вобастагии воридотҳои буҷетро аз андоз то андозае кам гардонда, ҳамзамон дараҷаи ҳавасмандгардонии соҳибкоронро дар ташкили фаъолиятҳои мухталиф, зиёд мегардонад, ки ин раванд, сатҳи гаронии андоз коҳиш медиҳад.

Дар ин марҳила, меъёри як қатор андозҳо бо тадриҷ кам гардид, аз ҷумла меъёрҳои андози даромад ба ҳадди назаррас кам карда шуда, яъне ба ҷойи меъёрҳо – 10 ва 20 фоиз, даромади зиёда аз як нишондиҳанда барои

---

[121]Исмаилов Ш.М. Правовое регулирование предпринимательской и налоговой деятельности в Республике Таджикистан: монография. – Душанбе: Конуният, 1998. – С. 186-193.

[122]Мандрощенко О.В. Налоги и налогообложение: учебное пособие. – М.: Издательско-торговая корпорация «Дашков и К» , 2002. – С. 5-8.

ҳисобҳо то 100 сомонӣ бо меъёри 8 фоиз ва даромади аз 100 сомонӣ зиёд аз рӯйи меъёри 13 фоиз андозбандӣ карда мешуд. Ҳамчунин, дар ин раванд меъёри андози фоида аз 30 ба 25 фоиз кам гардид.

Бо кам гардидани меъёри андозҳо ва имконияти нишон додани баъзе аз хароҷотҳо дар муайянамоии манбаъи андозҳо, то андозае уҳдадории андозсупорандаро дар давраи андоз кам мегардонад ва шахс вазнинии андозро камтар эҳсос мекунад, ки ин ҳамчун омили рушди иқтисодиёти мамлакат буда метавонад.

Бояд қайд намуд, ки таҳрири нави Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, гаронии андозро барои соҳаи истеҳсолии иқтисодиёт зиёд нанамуда, онро дуруст намуд.

Бо қабул гардидани Қодекми андоз бори дуюм ва аз 01.01.2005 мавриди амал қарор гирифтани он, ҳиссаи андозҳо дар даромадҳои буҷет 84,3% - ро ташкил менамуд[123].

Рушди муносибатҳо, ба вуҷуд омадани шаклҳои гуногуни фаъолиятҳо, зарурияти ислоҳот даровардан ба қонунгузории андозро ба миён овард. Ин омилҳо боиси ислоҳоти Кодекси андоз гардид.

Раванди ислоҳоти Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав аз ҷониби Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ зикр гардид, ки «ба Ҳукумат супориш дода шуд, ки лоиҳаи Кодекси андозро дар таҳрири нав омода намояд». таҳрири нав то нимаи дуюми соли 2012 ва муҳокимаи он бояд доираи васеъи мутахассисону коршиносон, соҳибкорон ва дигар андозсупорандагон ҷалб карда шавад»[124] ва чунин дастур аз ҷониби Комиссия бо мақсади таъмини устувории даромадҳои буҷети давлатӣ дода шудааст. Ҳамзамон дастгирии фаъолияти хоҷагидории субъектҳои хоҷагидорӣ тавассути рафъи монеаҳои маъмурӣ ва таъмини шаффофияти андозбандӣ, соддагардонии баҳисобгирии пурраи

---

[123] Маҷмӯаи оморӣ /Тоҷикистон: 30 - соли истиқлолияти давлатӣ – С.643-675.

[124] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ. 20.04.2011 URL [Режим доступа]:. http://prezident.tj/node/193. Санаи муроҷиат 03.05.2023

манбаъҳои андозбандӣ, тартиби ҳисоб кардан ва пардохти андозҳо, пешгирии саркашӣ аз пардохти андозҳо ва ҳолатҳои саркашӣ аз андоз таҳия карда шуд.

Кодекси нави андоз аз ҷиҳати сохтор, ҳаҷм ва мундариҷа ба таври ҷиддӣ аз Кодексҳои андози пешина фарқ мекард. Вай аз ду қисм (умумӣ ва махсус), 18 фасл, 50 боб ва 329 модда иборат буд. Барои муқоиса метавон гуфт, ки Кодекси андози соли 1998 аз ду қисм, 17 фасл, 46 боб ва 229 модда ва Кодекси андози соли 2004 аз ду қисм (умумӣ ва махсус), 17 фасл, 48 боб ва 342 моддаро дар бар мегирифт.

Зарурати қабул гардидани Кодекси андоз дар таҳрири нав, бори сеюм дар он буд, ки муносибатҳои андозӣ, алалхусус сатҳи гаронии андоз дар ҷумҳурӣ такмили ҷиддиро талаб менамуд, чунки он ҷавобгӯи талаботи замон набуд.

Бояд гуфт, ки бо дарназардошти таҳрири нави таҳияи Кодекси андоз, меъёрҳои андоз дақиқтар гардида, низоми андози ҷумҳурӣ такмил дода шуд. Ҳамзамон барои ба буҷет сари вақт ва пурра ворид гардиани маблағҳои пешбинишудаи даромадҳои андозӣ, шароити мусоиди андозсупорӣ муҳайё карда мешавад. Инчунин қонунгузории андоз дар давраи гузариши ба муносибатҳои бозоргонӣ нисбатан устувор гардида, барои соҳибкории хурд, низоми махсуси андозбандӣ ҷорӣ гардад. Умуман, татбиқи санадҳои меъёриҳуқуқии танзимкунандаи муносибатҳои ҳуқуқии андозбандӣ фазои фаъолияти мақомоти андозро қавӣ гардонида, барои дурнамои маблағҳои андозӣ, таҳлили андозҳо, тартиби истифодаи имтиёзҳои андоз, муайяннамоии сатҳи гаронии андоз ва пешгирӣ намуданп саркашӣ ва канорагирии аз пардохти андозҳо ва пардохтҳо чораҳо меандешад.

Яке аз тафовутҳои аслии таҳрири нави Кодекси андоз аз таҳрири қаблии Кодекси андоз дар он аст, ки андоз аз тиҷорати чакана аз қонунгузории андоз комилан хориҷ карда шуда, андозҳои дахлдор ба низоми андоз муттаҳид карда шудаанд.

Нисбати андоз аз даромад ва андоз аз даромади корхонаҳо тағйироти зерин ворид карда шуданд:

1) аз 1 январи соли 2013 тибқи Кодекси андоз барои мақсадҳои андоз маблағи воқеии музди меҳнат пардохташуда ба инобат гирифта мешавад;

2) меъёри ҳадди ақали андоз аз даромад (8%) аз 100 сомонӣ ба 140 сомонӣ зиёд карда шуд;

3) татбиқи созишномаҳои андозбандии дукарата содда карда шудааст;

4) то 1-уми январи соли 2017 меъёри андоз аз даромад барои истеҳсолкунандагон аз 15 фоиз то 13 фоиз ва барои дигар фаъолият аз 25 фоиз то 23 фоиз муқаррар карда мешавад.

Ин тағйиротҳои низоми андозе, ки дар боло қайд намудем, ҷанбаҳои институтсионалиро дар худ дошта, фазои муносибатҳои ҳуқуқии андозро дуруст намуда дар коҳиш ёфтани сатҳи гаронии андоз заминагузоранд.

**Ҷадвали 2.2.2. – Ҳиссаи андозҳо дар даромадҳои буҷети давлат, барои солҳои 2013-2022 (млн.сомонӣ)***

| Нишондиҳандаҳои иқтисодӣ | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2022/ 2013 (+,-) | 2022/2013 (маротиба) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Буҷети давлат** | 12276,6 | 14427,3 | 16586,4 | 18405,1 | 23307,3 | 23925,5 | 23469,4 | 24325 | 30053,8 | 36056,8 | 23780,2 | 2,94 |
| **Воридотҳои андозӣ** | 8432,3 | 10366,7 | 10613,3 | 11188,4 | 13099,6 | 14564,9 | 15775,4 | 15356,6 | 19669,5 | 21824,2 | 13391,9 | 2,59 |
| **Воридотҳои ғайриандозӣ** | 805,3 | 1141,5 | 1492,4 | 1447,9 | 1538,9 | 2019,1 | 2025,4 | 1913,1 | 1601,2 | 2418,5 | 1613,2 | 3,00 |
| **Ҳиссаи андозҳо дар буҷети давлат (%)** | 68,6 | 71,8 | 63,9 | 60,7 | 56,2 | 60,8 | 67,2 | 63,1 | 65,4 | 60,5 | -8,1 | 0,88 |

***Сарчашма:** Таҳияи муаллиф бо истифода аз Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2022. – С. 380-388; Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2023.С-390.

Аз нишондиҳандаҳои мазкур бармеояд, ки нақшаи воридотҳои андозӣ дар тули ин солҳо зиёд гардида, яъне дар соли 2013 ки 8432,3 млн.сомонӣ дар бар мегирифт, он ба ҳолати соли 2022 ба 21824,2 млн.сомонӣ баробар гашт. Вале аз он ҳисоб, ки дар банақшагирии андоз сарчашмаҳои нав ба вуҷуд омаданду, номгӯи андозҳо кам гардид, ҳисссаи андозҳо дар даромадҳои

буҷет, мутаносибан кам гардида 68,68% ба 65,44% коҳиш ёфта, 0,95 маротиба кам гардидааст.[125]

Марҳилаи охирин дар тағйирёбии низоми андоз ин ҷараёни ислоҳоти Кодекси андоз дар соли 2021 мебошад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд кардаанд, ки «...ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон супориш дода шуд, ки Лоиҳаи Кодекси андоз дар таҳрири нав бо дарназардошти мусоидат ба фаъолияти соҳибкорӣ, бахусус, соҳибкории истеҳсолӣ бояд то моҳи март таҳия ва ба Ҳукумат пешниҳод карда шавад».[126]

Мутобиқи дастуру супориши сарвари давлат, комисссия бо мақсади таъмини воридоти даромадҳои буҷети давлатӣ, инчунин дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ ҷиҳати бартараф намудани монеаҳои маъмурӣ ва таъмини шаффофияти андозбандӣ, баҳисобгирии манбаҳои андозбандӣ ва ҳолатҳои пинҳонкунии андозҳо, оммафаҳм ва сода намудани тартиби ҳисоб ва пардохти андозҳо бо мақсади кам гардонидани сатҳи гаронии андоз ташкил гардид.

Бо вуҷуди ин, дар замони ҷаҳонишавӣ, дар равандҳои ислоҳоти иқтисодӣ, рӯз аз рӯз зарурати бештар мавриди амал қарор додани технологияи муосири иттилоотӣ дар муносибатҳои андозӣ, дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондани хизматрасонӣ ба андозсупорандагон ва коҳиш намудани номгӯи андозҳо, меъёрҳои андоз, зиёд гардонидани имтиёзҳои андозӣ, ки омили нисбатан паст намудани сатҳи гаронии андозро дар низоми андоз ба вуҷуд меорад, зарурати таҳияи таҳрири нави Кодекси андозро дар давраҳои гуногун ба вуҷуд овардааст.

---

[125] Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2023.-С.390.

[126] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ». URL [Режим доступа]:. http:// http://prezident.tj/node/25005. Санаи муроҷиат 05.05.2023.

## Ҷадвали 2.2.3. – Шумори номгӯи андозҳо дар пайи қабул гардидани Кодексҳои андоз*

| | Аз соли 1999 то 2004 | Аз соли 2005 то 2012 | Аз соли 2013 то 2021 | Аз соли 2022 |
|---|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
| **Андозҳои умумидавлатӣ** | | | | |
| 1 | Андози даромад ва шахсони воқеӣ | Андоз аз даромади шахсони воқеӣ | Андоз аз даромад | Андоз аз даромад (шахсони воқеӣ-ҳуқуқӣ) |
| 2 | Андози фоида ва шахсони ҳуқуқӣ | Андоз аз фоидаи шахсони ҳуқуқӣ | Андоз аз фоида | Андоз аз арзиши иловашуда |
| 3 | Андоз аз арзиши иловашуда | Андоз аз арзиши иловашуда | Андоз аз арзиши иловашуда | Аксизҳо |
| 4 | Аксизҳо | Аксизҳо | Аксизҳо | Андозҳо барои захираҳои табиӣ |
| 5 | Пардохтҳои иҷтимоӣ | Андози иҷтимоӣ | Андози иҷтимоӣ | Андози иҷтимоӣ |
| 6 | Андози замин | Андози замин | Андозҳо барои захираҳои табиӣ | Андоз аз фурӯш (алюминийи аввалия) |
| 7 | Андоз барои истифодаи захираҳои табиӣ | Андоз аз истифодабарандагони замин | Андоз аз истифодабарандаго ни роҳҳои автомобилгард | ----- |
| 8 | Андоз аз амволи корхонаҳо | Андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард | Андоз аз фурӯши алюминийи аввалия | ----- |
| 9 | Андоз аз соҳибони воситаҳои нақлиёт | Андозе, ки тибки низоми содакардашуда пардохта мешавад | ----- | ----- |
| 10 | Андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард | Андоз барои истсҳсолкупапдагопи маҳсулоти кишоварзӣ | ----- | ----- |
| 11 | Андозе, ки субъектҳои соҳибкории хурд аз рӯйи низоми содакардашуда мепардозанд | Боҷи гумрукӣ ва дигар пардохтҳои гумрукӣ | ----- | ----- |
| 12 | андоз аз фурӯш (пахтаю алюминий) | Боҷи давлатӣ | ----- | ----- |
| 13 | Боҷи гумрукӣ ва дигар пардохтҳои гумрукӣ | Андоз аз фурӯш (нахи пахта ва алюминийи аввалия) | ----- | ----- |
| 14 | Боҷи давлатӣ | Андози ҳадди ақал аз даромадҳо | ----- | ----- |

| **Давоми ҷадвали 2.2.3.** | | | | |
|---|---|---|---|---|
| **1** | **2** | **3** | **4** | **5** |
| **15** | Андози ягона барои хохагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) | Андоз аз маҳсулоти коркарди молҳо | ----- | ----- |
| **16** | ----- | Роялти ба ои об | ----- | ----- |
| **17** | ----- | Дигар пардохтҳои ҳатмии умумиҷумҳуриявӣ | ----- | ----- |
| | | **Андозҳои маҳаллӣ** | | |
| **1** | Андоз аз фурӯши чакана | Андоз аз амволи ғайриманқул | Андоз аз воситаҳои нақлиёт | Андоз аз молу мулк |
| **2** | Андоз аз амволи ғайриманқули шахсони воқеӣ | Андоз аз соҳибони воситаҳои нақлиёт | Андозҳо аз молу мулки ғайриманқул | ----- |
| **3** | Андоз барои нигоҳдории нақлиёти ҷамъиятии мусофиркаш. | Андоз аз фурӯши чакана | ----- | ----- |
| **4** | ----- | Дигар пардохтҳои ҳатмии маҳаллӣ | ----- | ----- |

***Сарчашма:** Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон// Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, № 665. 1998; №12. 2004; №09. 2012; №594. 2021.

Бояд қайд намуд, ки яке аз роҳҳои ҳавасмандгардони метавонад паст гардидани меъёри андоз бошад. Аз коҳиш додани меъёри андоз, алалхусус фаъолияти соҳибкори зиёдтар ҳавасманд гардида, кӯшиш менамоянд, ки шаклҳои нав ба нави фаъолиятро ба вуҷуд оварда фазои фаъолияти худро васеъ намоянд, ки ин ҳолат яке аз қадамҳои устувор дар роҳи баланд гардидани суботи иқтисодӣ хоҳад буд.

Дар таҳрири нави Кодекси андоз меёърҳои андози даромади шахсони воқеӣ – 8 ва 13 фоиз бо меъёри 12 фоиз иваз карда шуда (нигаред ба расми 2.2.2.), тарҳи шахсӣ (маблағи аз андозбандӣ озод) ба ҷойи як нишондиҳанда барои ҳисобҳо дар ҳаҷми ду нишондиҳанда пешбинӣ гардидааст. Меъёри андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ барои ташкилотҳои молиявию қарзӣ ва ширкатҳои мобилӣ ба андозаи 20 фоиз, яъне аз меъёри амалкунанда 3 фоиз камтар ва барои дигар намуди фаъолият меъёри 18 фоиз, яъне аз меъёри амалкунанда 5 фоиз камтар, пешбинӣ карда шудааст.




*** Сарчашма:** Таҳияи муалиф бо истифода аз Кодекси андоз

**Расми 2.2.2. – Тафовути меъёрҳои амалкунандаи андоз аз даромад дар таҳрири Кодекси нави андоз**

Аз ин бармеояд, ки таваҷҷуҳи давлату ҳукумат, баҳри суботи иқтисодиёт нигаронида шудааст ва бо гузашти замону дарёфти имкониятҳо, чунин тағйиротҳоро зуд – зуд ба миён меорад.

Ҳамзамон, бо қайд намуд, ки бо мақсади паст намудани сатҳи гаронии андози шахсони ҳуқуқӣ, ҳангоми истеҳсоли молу маҳсулот ва интиқоли он дар сарҳади гумрукӣ ва бар ин восита бароҳ мондани муносибатҳои иқтисодӣ бо кишварҳои ҷаҳон ва ҷустуҷӯи шарикони асосии соҳибкорӣ бо дарназардошти тартиботи дурусти андозбандӣ ба инобат гирифта шуда, ҳамакнун дар меъёрҳои андоз аз арзиши иловашуда нисбат ба солҳои қаблӣ тафовутҳо ба назар мерасад (нигаред ба расми 2.2.3.).

Чунин меҳисобем, ки сиёсати кишвар дар самти андозбандӣ, агар аз як ҷониб, ҷамъоварии андозҳо ҷиҳати иҷрои ухдадориҳои валатӣ - вазифаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ бошад, аз ҷониби дигар, эҷод нагардидани монеаҳо дар рушди соҳибкорӣ ва таъсиси корхонаҳои нав ва ташкили ҷойҳои нави корӣ, дар маҷмуъ рушди иқтисодиёти кишвар мегардад[127].

---

[127]Халифазода С. Такмили низоми маъмурикунонии андоз дар шароити муосир (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон) / дис. барои дарёфти унвони илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пул ва қарз Душанбе, 2022. с.192 – С-69,

Боиси қайд аст, ки баҳри дастгирии шахсони ҳуқуқие, ки фаъолияти истеҳсолиро ба роҳ мемонад, ҳангоми ворид намудани техникаю таҷҳизотҳо дар сарҳади гумрукӣ аз пардохтҳо озод мегарданд.




*** Сарчашма:** Таҳияи муаллиф

**Расми 2.2.3. – Фарқияти меъёри андоз аз арзиши иловашуда нисбат ба Кодекси андози қаблӣ**

Дар Кодекси андоз меъёрҳои андоз аз арзиши иловашуда 15 фоиз муқарар гардидааст, ки ин нишондиҳанда аз 1 январи соли 2022 то соли 2027 зина ба зина аз 15 то ба 13 фоиз паст мегардад.

Ҳамзамон, бо ҷиҳати таъмини шаффофияти баҳисобгирӣ, аз ҷониби субъектҳо аз музди миёнаи моҳона, меъёри андози иҷтимоии суғуртакунандагон аз 25 фоиз ба 20 фоиз паст карда шудааст.

Ҳамин тариқ, таҳлил нишон медиҳад, ки танзими андоз бо ҷабҳаҳои иқтисодиёт алоқаманд буда, ҳангоми баррасӣ татбиқи ин муносибатҳо нодида гирифтани сосҳои институтсионалӣ боиси қонуншиканӣ дар соҳаҳои дигар мегардад. Мо чунин меҳисобем, ки мақомотҳои ваколатдори давлатӣ бояд қонунҳои андози кишварро бознигарӣ ва ҳамоҳанг созанд, то ин ки афзалиятҳои кунунии рушдро инъикос кунанд. Ҳамчунин, баррасии минбаъда ва содагардонии сохтори мавҷудаи андозро барои аз байн бурдани андозҳои хурд (якҷоя бо ратсионализатсияи имтиёзҳои андоз) метавонад ҳам самаранокӣ ва ҳам адолатро дар фазои иқтисодиёт беҳтар намояд.

Зимни барасии асосҳои институсионалии танзими гаронии андоз ба чунин хулоса омадем, ки:

1. Татбиқи андоз барои рушди иқтисодиёти миллӣ, ғанӣ гардонидани буҷети давлатӣ, додани имтиёзҳо ба андозсупорандагон ва ба эътидол овардани сатҳи гаронии андоз дар ҷаҳон, махсусан дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки мавриди омӯзиш қарор дорад, бояд тасмим бигирад, ки таҳлил ва баррасии ҳамаҷониба анҷом диҳад;

2. Омӯзиши таҷрибаи кишварҳои ҷаҳон оид ба танзими гаронии андоз ва истифодаи эҷодкорона он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон медиҳад, ки самтҳои минбаъдаи он муайян карда шавад.

3. Муайян гардид, ки вобаста ба шароити имрӯз, Конститутсия, ҳамчун Қонуни асосии давлат дар самти инкишофи қонунгузории андоз ва такмили мунтазами соҳаи андоз ба таври кофӣ амалӣ гаштааст;

4. Масъалаҳои танзими гаронии андозро аз нуқтаи назари муносибатҳои институтсионалӣ муайян намудем ки мақомоти андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳамчун мақоми ваколатдор, баҳри назорати воридотҳои андозӣ ба буҷет ба ҳисоб меравад, якчанд маротибаислоҳотҳои андозиро баҳри коҳиш ва муътадил нигоҳ доштани гаронии андоз гузаронидааст.

### 2.3. Мушкилотҳои танзими гаронии андоз

Аҳаммияти андозбандӣ ва самти сиёсати андоз, омилҳои муайянкунандаи баҳодиҳии самараноки ҷараёни молиявии кишвар мебошанд. Дар омӯзиш ва таҳқиқи сиёсати андоз, мавзӯи аз ҳама муҳимтарин таъсири андозҳо ба субъектҳои муносибатҳои иқтисодӣ мебошад. Зеро мушкилотҳо ифодагари тавонои давлат ҷиҳати муқаррар намудани андозҳо, ки дар он манфиатҳои тарафайн дар раванди буҷет (давлат, андозсупорандагон) ба инобат гирифта мешавад, баррасӣ намудан лозим аст.

Кишварҳои ҷаҳон низоми андозбандии худро дорад, ки дар асоси таъсири омилҳои гуногун, аз ҷумлаи заминаҳои таърихӣ, рушди иқтисоди миллӣ, стратегияи давлат ва дигар омилҳо ташаккул меёбад.

Низоми андоз яке аз механизмҳои асосии ташкили буҷети давлат ба ҳисоб меравад. Дар ин самт, нишондиҳандаи муҳимме, ки самаранокии низоми андозро муайян мекунад, гаронии андоз мебошад. Бояд гуфт, ки гаронии андозро метавон аз ду самт, давлат ва объекти андозбандӣ барасӣ намоем.

Мушкилотҳо дар танзими гаронии андоз ба он хотир таҳлил мегардад, ки бидуни бунёди низоми муносибкунонии самараноки андоз, рушди иқтисоди миллии кишвар ва умуман давлат ғайриимкон аст. Дар баробари ин, дар баҳогузории иқтисодиёт, маҳз гаронии андоз яке аз нишондиҳандаҳои муҳимтарин ба шумор меравад. Масалан, дар ҳангоми кам будани сатҳи гаронии андоз, суръати баланди рушди иқтисоди миллӣ ва механизми азнавтақсимкунии даромади миллиро тасаввур кардан мумкин[128]. Дар воқеъ таъсири баракси он низ имконпазир аст, ки бо сабаби зиёд будани сатҳи гаронии андоз фаъолияти соҳибкорӣ дар пешбурди фаъолияти худ ба мушкилоти ҷиддие дучор шуда, фаъолияташро қатъ мекунад.

Олимон ва иқтисоддонҳо солҳои зиёд масъалаи гаронии андозро аз замони пайдо шудани аввалин уҳдадориҳои андоз ба миён гузоштаанд. Масалан, тавре ки дар қисми назариявии кори худ қайд намудаем, дар асри XVIII иқтисодшиноси машҳур Адам Смит байни сатҳи андоз ва буҷети давлат, робита муқаррар намуд.

Бархе аз олимон бар он назаранд, ки «...андоз ҳамчун як шакли пардохти шаҳрвандон ба давлат барои иҷрои уҳдадориҳои мушаххаси

[128]Семенова Г.Н. Налоги и развитие малого бизнеса в России // В сборнике: Перспективы развития предпринимательства в России. сборник научных трудов преподавателей, аспирантов и студентов кафедры экономики и предпринимательства Института экономики, управления и права МГОУ. Москва, 2017. – С. 21-28.

давлатӣ пардохт мегардад».[129] Имрӯз ҳам «...бисёре аз олимон ин ақидаро дастгирӣ мекунанд. Онҳо ин омилро дар натиҷаи иҷрои вазифаҳои алоҳидаи давлат, масалан расондани хизмати тиббӣ, ободонии шаҳр, инкишофи кумакпулиҳои давлатӣ ва дигар пардохтҳо муайян мекунанд».[130] Аз ин рӯ, ҳадафи таҳқиқоти гаронии андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади муайян кардани ҳолати мусбӣ ва манфӣ ва пешниҳоди усулҳо оид ба муносибкунонии он мебошад.

Мушкилоти дарки мафҳуми гаронии андоз масъалаест, ки на ҳама кас дарк карда метавонанд. Бархе аз олимон ин мафҳумро ҳамчун «...маблағи муайяни пардохтҳои андоз, ки аз ҷониби шахсони воқеӣ ё ҳуқуқӣ ҳатмӣ пардохта шаванд, мефаҳманд».[131] Ин таълифот қобили қабул нест, зеро он даромади андозсупорандагонро ба инобат намегирад, ки ин баҳри муайян кардани гаронии имконнопазир аст.

Е.Н. Грисимова мафҳуми гаронии андозро дар кори худ таърифи дигар медиҳад. Ӯ гаронии андозро «...ҳамчун пардохтҳои андозӣ, ки бо маҷмуи маҳсулоти миллии кишвар муқоиса мегардад, медонад».[132] Яъне ин нишондиҳанда ҷиҳати муайян намудани пардохтҳои гуногуни андоз, ки ба буҷети давлатии кишвар ворид мешавад, хизмат мекунад.

Д.Г. Черник вобаста ба мафҳуми мазкур таърифи васеътар додааст, ки «...дар зери мафҳуми гаронии андоз, нишондиҳандаеро муайян намуд, ки дар маҷмуъ нақши андозро дар ҳаёти давлат ва ҷамъият инъикос мекунад».[133]

---

[129]Пансков В.Г. Налоги и налогообложение: учебник и практикум для среднего профессионального образования / В.Г. Пансков. – 7-е изд., перераб. и доп. – Москва: Издательство Юрайт, 2020. – С.472-481.

[130]Никулина О.М. Налоговая нагрузка в России: основные подходы // Финансы и кредит. 2016. № 17 (689). – С. 13-27.

[131]Иванова Ю.Н., Казаков В.В. Налоговая нагрузка как показатель эффективности налоговой политики государства // Вестник Томского государственного университета. 2015. № 399. – С. 199-203.

[132] Пансков В.Г. О роли показателя налоговой нагрузки в регулировании экономики // ЭТАП: экономическая теория, анализ, практика. 2021. № 1. – С. 99-110.

[133] Трошев А.В. Сравнительный анализ методик определения налоговой нагрузки напредприятия // Финансы. – 2018. – № 5. – С.13-16.

Ин нишондиҳанда имконият ба вуҷуд меорад, ки ҳиссаи тарҳҳои андозро дар истеҳсоли умумӣ ва даромад ҳисоб гардад.

Бо таҳлили равишҳои гуногуни муайян кардани гаронии андоз метавон ба хулосае омад, ки дар маҷмуъ ин нишондодест, ки имкон медиҳад объекти андозбандӣ ё таъсири низоми амалкунандаи андоз ба иқтисодиёти кишвар бо дарназардошти хусусият ва талаботи меъёрҳои ҳуқуқӣ муайян карда шавад.

Гаронии андозро метавонем дар сатҳҳои гуногуни иқтисодӣ ҳисоб муайян намоем:

• минтақаҳо (кишварҳои алоҳидаи ё давлат);

• соҳаҳо;

• корхонаҳои гуногун;

• ташкилотҳо;

• ҷомеа.[134]

Мушкилоти танзими гарони андоз дар он зоҳир мегардад, ки аз як тараф ба манфиати давлат ва аз тарафи дигар ба манфиати андозсупоранда, таъсир мерасонад.

Ба ақидаи Г.Н. Семенова «... давлат кӯшиш мекунад, ки ҳарчи бештари пардохтҳои андозро ҷалб намояд, зеро онҳо ҳамчун манбаи асосии ташаккули буҷети давлатӣ ҳисобида мешавад»[135].

Дар ҳолати танзим нагардидани гаронии андоз, андозсупоранда кӯшиш мекунад, ки камтар андоз супорад, зеро ҳиссаи зиёди тарҳҳо ба фаъолияти ӯ таъсири манфӣ мерасонад. Гарони андоз дар ташаккули буҷети давлатӣ мавқеи муҳим дошта ба субъектҳои андозбандӣ, шаҳрвандон ва ҳам ташкилотҳо таъсири бевосита мерасонад.

---

[134] Резвушкин С.В. Налоговое бремя и налоговая нагрузка // Инновационная наука. – 2016. – № 4. – С. 174-175.

[135] Семенова Г.Н. Налоговая политика увеличение бюджетных доходов и создание стимулов инновационной активности // Вестник Российского экономического университета имени Г.В. Плеханова. 2012. № 11 (53). – С. 18-21.




*** Сарчашма**: Таҳияи муаллиф

**Расим 2.3.1. – Нақши нишондиҳандаҳои гаронии андоз дар ҷанбаҳои гуногун**.

Нақши нишондиҳандаҳои гаронии андоз дар расми 2.3.1. ифодагари он аст, ки ҳангоми таҳияи сиёсати андоз ба нишондиҳандаи гаронии андоз таваҷҷуҳ намудан лозим аст, то аз сатҳи муайянгардиза зиёд нагардад, ки метавонад омилҳои зиёди манфиро дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт ба миён орад. Ҳамзамон, барои таҳлили муқоисавӣ бо мақсади дарёфти беҳтарин роҳи таъсиси ширкат ё сармоягузорӣ ба лоиҳаи мушаххас истифода шавад. Масалан, объекте, ки дар он гаронии андоз нисбати дигар объект паст аст сармоягузориҳа ва таваҷҷуҳ зиёд мегардад. яъне таъмини одилонаи гаронии андозро дар байни гурӯҳҳои гуногуни мардум, мебояд ба инобат гирифта шавад.

Нишондиҳандаи гаронии андоз ба мо шароит фароҳам меоварад, ки андозаи «гаронӣ»-ро ба ҳар як объект муайян кунем. Яъне гаронии андоз ҳамчун нишондиҳандае метавонад баромад намояд, ки сатҳи иқтисодии субъектҳои гуногуни хоҷагидориро муайян намояд.

Дар мавриди аввал мо ин нишондиҳандаро дар сатҳи давлат, бо таносуби ҳаҷми тамоми андозҳо ба маҷмуи маҳсулоти дохилӣ ба назар мегирем. Дар сатҳи микро бошад, объект муайян аст, масалан, ширкат. Дар ин ҳолат гаронии андоз бо роҳи таносуби маблағи пардохтҳои ҳатмии андоз аз ҷониби ташкилот ба даромади он ҳисоб карда мешавад.

Дар шароити муносибатҳои бозаргонӣ ва таъсири нишондиҳандаҳои иқтисодӣ ба нақши сармоягузорӣ баҳо додан душвор аст. Аммо барои он ки сармоягузорони эҳтимолӣ, лоиҳаҳои мушаххасро дар дохили кишвар диқати

ҷолиб пайдо кунанд, фазои мусоид лозим аст, ки дурнамои муайянро дар назар дорад. Дар ин ҳолат гаронии андоз дар иқтисод нақши калидӣ мебозад.

Дар раванди ҷаҳонишавӣ фазои сармаоягузориҳо дар иқтисодиёти кишварҳо мавқеи хосса дошта ба талаботҳои байналмилали мутобиқ намудани он яке аз ҳадафҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пазируфта шудааст.

Ҳамзамон бо мақсади тадриҷан аз байн бурдани омилҳои манфии ҷалби сармоягузориҳо, Ҳукумати ҷумҳурӣ солҳои охир ислоҳоти ҷиддиро пеш бурда истодааст, ки мо онро метавонем дар ташкил ва бунёди минтақаҳои озоди иқтисодӣ (МОИ) дарёбем, зеро ки дар ин минтақаҳо, субъектони МОИ ба ғайр аз андоз аз даромад (шахсони воқеӣ) ва андози иҷтимоӣ, андозҳоро пардохт намекунад ва сатҳи гаронии андоз меъёри ниҳоят пастро дар бар мегирад.

Низоми самарабахши андоз метавонад ҳам дар ҳолати баланд будани меъёрҳои андозҳо ва ҳам таъсири ками андоз ба пардохткунандагон бошад. Дар ин маврид сатҳи гаронии андоз ва самараноки воридотҳои андозӣ, масъалаи муҳим дар омӯзиши равандҳои андозбандӣ мебошад.

Мушкилоти муҳим, ки бояд мариди барассӣ қарор диҳем дар ин масъала, ин норавшании механизмҳои муайян кардани ин нишондиҳандаҳо мебошад ва то ҳол барои ҳисоб кардани таъсири пардохтҳои андоз ба иқтисодиёт равиши ягона таҳия карда нашудааст.

Айни ҳол дар низоми андози Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор мушкилотҳоро, масалан, бори гарони андоз ба тиҷорати хурдро мушоҳида метавон кард. Нисбат ба масъалаи мазкур қайд намудан мумкин аст, ки ба далели мавҷуд будани гаронии андоз дар фаъолияти соҳибкорӣ, соҳибкорон маҷбур мешаванд, ки қисми қобили мулоҳизаи даромади худро барои пардохти андоз диҳанд. Дар натиҷаи ин омил бисёр ширкатҳо рушд карда наметавонанд, ки ин мушкили хеле муҳим аст. Аз ин рӯ, дар низоми андози Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур аст, ки сиёсати андозро нисбат ба тиҷорати хурд

бо роҳи андешидани чораҳои муайян, масалан, ҷорӣ кардани имтиёзҳои гуногун, аз нав дида бароянд.

Имтиёзҳои андозӣ асосан барои ҷалби сармоя, рушди соҳибкорӣ ва таъсиси ҷойҳои корӣ нигаронида мешаванд ва онҳоро ҳадафҳои асосии ҷорӣ намудани имтиёзҳои андозӣ ҳам меноманд. Мувофиқи ақидаи Р.Н. Калаков «...агар имтиёзи андозӣ барои ноил гардидан ба ҳадафи гузошташуда мусоидат карда бошад, идома ва тақвияти он зарур аст, дар сурати баръакс бояд чунин имтиёзро қатъ намуд».[136]

Ҳамзамон гуфтан бамаврид аст, ки имрӯз дар низоми андози миллӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ду низом амал мекунад: Низоми умумӣ ва низоми махсус. Чунин меҳисобем, ки ин ду низом аз мушкилотҳои гаронии андоз ориз набуда, моро мебояд, ки сар ин мавзу баъзе далелҳоро нишон диҳем.

Низоми махсуси андозбанди аз низоми махсус ва содакардашуда иборат аст. Масалан, ба низоми махсуси андозбандӣ дохил мешавад, низоми андозбандии фаъолияти МОИ.

Мақсади бунёди МОИ ин бахри суботи иқтисодӣ, расидан ба натиҷаҳои сатҳи баланди истеҳсолот, ба вуҷуд омадани ҷойҳои корӣ, баланд гардидани сатҳи некӯаҳволӣ, рушди инвеститсия ва раванди инаватсионӣ буда метавонад.

Дар шароити муосир таъмини иқтидори даромадҳои андозӣ, муносибати инноватсиониро аз нуқтаи назари муҳити рақобати бозорӣ, талаб мекунад[137].

Ҳамин тариқ, низоми андози минтақаи озоди иқтисодӣ «...тартиб ва шартҳои андозбандии субъектҳои минтақаи озоди иқтисодӣ, ки дар минтақаҳои алоҳидаи қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолиятҳоеро

[136] Калаков Р.Н. «к вопросу об эффективности налоговых льгот: анализ современной практики» захираи электронӣ: https://docviewer.yandex.ru/view. Саннаи муроҷиат: 23.10.2022

[137]Барфиев, К. Х. Состояние и особенности налоговой системы Республике Таджикистан / К. Х. Барфиев, С. Рахматзода // Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Серия гуманитарных и экономических наук. – 2018. – № 1-4-2(57). – С. 93-97.

анҷом медиҳанд, ки ба талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат мекунанд, муқаррар менамояд».[138]

Боиси қайд аст, ки шахсоне, ки субъекти минтақаи озоди иқтисоди мегардад аз тамоми пардохти андозҳо озод мегардад ба истисноои андоз аз даромад (шахсони воқеӣ) ва андози иҷтимоӣ, ки субъекти МОИ ҳамчунин агентони андоз баромад намуда, бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ дар соҳаи андозбандӣ пардохтҳо, даромадҳо, мукофотпулиҳо, фоида ва маблағҳои дигар пардохт менамояд, бояд ки дар манбаи андоз нигоҳ дорад.

Аз ин бармеояд, ки субъектони МОИ низоми фарохи имтиёзҳоро истифода мебаранд ва мантиқан дуруст шуморидан мумкин нест, ки онро ҳамчун низоми махсус шуморем.

Ҳамзамон ташкили МОИ мувофиқ ба низомномаи МОИ, ки то 50 солро[139] дар бар мегирад, мебояд ки муҳлат кам гардонида шаваду бунёди МОИ дар минтақаҳои дигар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ниёз ба бунёди чунин минтақаҳоро доранд зиёд гардад ва дар чунин ҳолат, масъали рушди баробарии минтақаҳои ҷумҳурӣ ҳалли худро пайдо мекунад.

Чунин мешуморем, ки бо дарназардошти зиёд кардани имтиёзҳои андоз ва коҳиш додани меъёри андоз мебояд механизмҳои ҳавасмандгардонии фаъолияти соҳибкорони инфиродӣ амалӣ гардад. Мусаллам аст, ки бо рушди фаъолияти соҳибкорӣ шумори бақадгириҳо дар ин бахш зиёд мегардад ва аз ҳисоби ин буҷетҳои мақомотҳои ҳокимияти маҳаллӣ ғанӣ гашта, барин васила мушкилоти гирифтани субвенсия, субсидия ва дататсия аз байн меравад.

Боиси қайд аст, ки «...дар Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон беҳтар мебуд, ки татбиқи механизҳое амали мегашт, доир ба низоми содакардашудаи андозбандӣ барои субъектҳои бизнеси бозӣ, ки аксарияти даромадҳо дар ин бахш, дар манбаи андоз нигоҳ дошта намешавад, ҳол он ки дар Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин оварда шудаас: «Шахсоне,

---

[138]Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон – 2022. Моддаи 363. Фасли 14. Боби 49.

[139]Қонуниҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи Минтақаҳои озоди иқтисодӣ. аз 02.01.2019 с., № 1581

ки андоз барои бозиро истифода мебаранд, аз ӯҳдадориҳои агенти андози пешбининамудаи Кодекси андоз озод нестанд».[140]

Мо чунин меҳисобем, ки механизмҳо дар ин бахш пурзӯр гардад ва аз ҳисоби ин дигар бахшҳои низоми махсус сода ва қулай гардонида шавад. Дар чунин ҳолат эҳсоси гаронии андоз дар бахши фаъолияти соҳибкори тариқи патент ва шаҳодатнома кам гардида, рушди он боиси баланд гардидани сатҳи некӯаҳволӣ ва болоравии буҷети мақомотҳои ҳокимияти иҷроияи маҳаллӣ мегардад.

Ҳолати дигари нигароникунанда дар ин бахш, хусусан тириқи шаҳодатнома фаъолияткунанда, дар он зоҳир мегардад, ки дар ҳолати даромад дидан ва ё надидани соҳибкор маблағи андози иҷтимоӣ пардохт мегардад, ки ин ҳолат боиси нигаронист. Беҳтар мебуд, ки ин ба инобат гирифта мешуд ҳаҷми даромад ва муайян мегаш меъёри андоз, яъне бо муайян гардидани даромад маблағи андози иҷтимоӣ бо дарназардошти меъёри муайянгардида, ҳисоб мегардид.

Аз ин рӯ, баҳри ба эътидол даровардани сатҳи гаронии андоз бар бахши фаъолияти соҳибкорӣ тариқи низоми махсус фаъолияткунанда, мебояд, баҳри рафъи ин мушкилиҳо, татбиқ мегардид андози ягона, ки дар он шомил бошад ҳам андози иҷтимоӣ ва ҳам андоз аз даромад, бо дарназардошти меъёри пасттар. Тавре ки аксарияти иқтисоддонҳо қайд менамоянд, ки қисми зиёди дарормадро имрӯзҳо соҳибкорон нишон намедиҳанд, яъне дар иқтисодиёти пӯшида нигоҳ медоранд ва агар хуб мебуд, ки дар як меъёри устувор ва бо дарназардошти ба ҳисоб гирифтани иқтисодиёти пӯшида, ҷорӣ менамуданд.

Ҳиссаи надозҳо дар даромаҳои буҷет, нақши намоён доранд, ки дар маҷмуъ онҳоро вобаста ба объекти андозбандӣ ва олоқамандии андозсупоранда бо давлат ба андозҳои мустақим ва ғайримустақим ҷудо мекнанд.

Аз рӯйи таъинот, таъсири андозҳои мустақим бештар ба даромади шахсон ва таъсири андозҳои ғайримустақим ба нархи молу маҳсулот ва

---

[140] Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон – 01.01.2022. моддаи 389

иҷрои кору хизматрасониҳо мерасад. Аз ин лиҳоз, ҳиссаи андозҳои мустақим ва ғайримустақимро дар буҷети давлатӣ вобаста ба ҷадвали 2.3.1 мо метавонем муайян намоем.

**Ҷадвали 2.3.1. – Ҳиссаи андозҳо дар буҷети давлатӣ дар соли 2021***
**(млн. сомонӣ)**

| | Даромадҳо | Нақша | Иҷроиш | Фоизи иҷроиш |
|---|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
| 1 | **Ҳаҷми умумии буҷети давлатӣ** | **28 145,5** | **29 596,9** | **105,2** |
| 2 | **Даромадҳои умумӣ ва грантҳо** | **20 543,0** | **21 309,4** | **103,7** |
| 3 | **Воридоти андозҳо** | **18 811,2** | **19 666,4** | **104,5** |
| 4 | **Ҳиссаи андозҳо дар даромадҳои буҷет (%)** | **66,83** | **66,44** | |
| | АНДОЗҲОИ МУСТАҚИМ | | | |
| 1 | Ҳаҷми умумии андозҳои мустақим | 10 231,00 | 10 897,50 | 106,5 |
| 2 | Андоз аз даромад | 2 341,3 | 2 341,8 | 100,0 |
| 3 | Андоз аз фоида | 2 113,9 | 2 335,9 | 110,5 |
| 4 | Андози иҷтимоӣ | 1 951,0 | 2 031,9 | 104,1 |
| 5 | Андози молу мулки ғайриманқул | 434,0 | 456,6 | 105,2 |
| 6 | Низоми махсуси андозбандӣ | 667,8 | 708,8 | 106,1 |
| 7 | Дигар даромадҳои берунӣ барои савдо ва амалиётҳо | 686,0 | 907,5 | 132,3 |
| 8 | Андозҳо барои захираҳои табиӣ | 909,2 | 962,0 | 105,8 |
| 9 | Андозҳои дигари дохилӣ ва пардохтҳо аз молу хизматрасониҳо | 363,8 | 390,3 | 107,3 |
| 10 | Андоз аз воситаҳои нақлиёт | 223,3 | 237,6 | 106,4 |
| 11 | Андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард | 540,7 | 525,1 | 97,1 |
| 12 | Ҳиссаи андозҳои мустақим дар даромадҳои буҷет % | 36,35039 | 36,81973 | |
| | АНДОЗҲОИ ҒАЙРИМУСТАҚИМ | | | |
| 1 | Ҳаҷми умумии андозҳои ғайримустақим | 8803,6 | 8975,6 | 101,95 |
| 2 | Андоз аз фурӯш | 12,1 | 12,1 | 100,2 |
| 3 | Аксизҳои дохилӣ | 257,8 | 258,4 | 100,2 |
| 4 | Аксизҳои беруна | 429,8 | 486,8 | 113,3 |
| 5 | Андоз аз арзиши иловашуда | 8 103,9 | 8 218,3 | 101,4 |
| 6 | Ҳиссаи андозҳои мустақим дар даромадҳои буҷет % | 31,27 | 30,32 | |

***Сарчашма:** Ҳисобот оиди иҷроиши Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2021

Мувофиқ ба ҷадвали овардашуда ба мо маълум мегардад, ки ҳиссаи андозҳои мустақим нисбат ба андозҳои ғайримустақим дар даромадҳои буҷет

афзудааст. Андози даромад ва андоз аз фоида тақрибан дар ин давра 15,9%-и ҳиссаи даромадҳои буҷети давлатро ташкил намудааст, ки тақрибан нисфи ҳиссаи андозҳои ғайримустақимро ташкил медиҳад. Дар андозҳои ғайримустақим, ААИ, мавқеи хосарро касб намуда воридоти он дар ин давра ба низоми буҷет 8218,3 млн. сомониро дар бар мегирад, ки тақрибан баробар аст ба 27,76% даромади буҷет ва 41,76% - ҳиссаи даромадҳои андозӣ.

Аз ин бармеояд, ки дар даромадҳои буҷет, ҳиссаи андозҳои мустақим нисбати андозҳои ғайримустақим баланд буда, таъсири он бештар ба шахсони воқеию ҳуқуқӣ бори гаронро ба вуҷуд овардааст. Андозҳои мустақим, ки таъиноти бевоситаи дар манбаи андоз таҳршавиро дорад ва аз мушкилотҳо холи набуда, мебояд ки таҷдиди назар намоем.

**Ҷадвали 2.3.2. – Меъёри андоз аз даромад***

| № | Шакли даромад | Меъёр % |
|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 |
| | **Шахсони воқеӣ** | |
| **1** | Даромади андозбандишавандаи шахси воқеӣ-резидент аз ҷойи кори асосӣ зиёда аз тарҳи шахсӣ | 12 |
| **2** | Даромади андозбандишавандаи шахси воқеӣ-ғайрирезидент аз кори кироя | 20 |
| **3** | Боқимонда даромадҳои шахсони воқеи бе дар назардошти тарҳҳои пешбининамудаи Кодекси андоз | 15 |
| | **Шахсони ҳуқуқӣ** | |
| **4** | Бароифаъолият оид ба истеҳсоли молҳо | 13 |
| **5** | Барои фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва ширкатҳои мобилӣ | 20 |
| **6** | Барои фаъолият оид ба истихроҷ ва коркарди захираҳои табиӣ, инчунин, барои ҳама намуди фаъолияти дигар | 18 |

***Сарчашма:** Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон. 01.01.2022.

Мо чунин меҳисобем, ки меъёри адоз аз даромади шахсони воқеӣ, ки даромад дар шакли музди меҳнат ба даст меорад дар сатҳи муътадил қарор дорад, вале он ҳамчун меъёри мутлақ нисбат ба ҳамаи даромадҳои дар шакли музди меҳнат гирифтаи андозсупорандагон татбиқ мегардад. Дар чунин ҳолат маълум мегардад, ки аз роҳбари корхона то коргари одӣ ҳама аз рӯйи меъёри ягона, андозро пардохт мекунанд, дар ҳоле ки музди маоши онҳо аз

якдигар фарққунандаанд, ки ин ҳолати мухолифатиро дар принсипи адолатнокӣ ба вуҷуд меорад.

Баҳри татбиқи дурусти ин принсип хуб мебуд даромади шахси воқеӣ дар ҳама гуна шакл бо дарназардошти афзоянда ба инобат гирифта мешуд. Масалан, то 30 нишондиҳанда барои ҳисобҳо 10%, зиёда аз 30 то 50 нишондиҳанда барои ҳисобҳо 12%, зиёда аз 50 то 100 нишондиҳанда барои ҳисобҳо 15% ва зиёда аз 100 нишондиҳанда барои ҳисобҳо 20%, дар чунин ҳолат татбиқи меъёри прогресивӣ дуруст мегардид.

Ҳамзамон, баҳри равнақ додани истеҳсолти ватанӣ, мебояд ки меъёри андози даромади шахсони ҳуқуқӣ таҷдиди назар намоянд ва ҳамзамон имтиёзҳои босамарро дар ин бахш, мебояд, ки зиёд намуд. Дар чунин ҳолат имконият ба вуҷуд меояд, ки рушди сармоягузори дар кишвар ба вуҷуд ояд. Дастгирии корхонаҳои ватанӣ, хусусан корхонаҳои истеҳсолӣ, шароити таъмини молу маҳсулотро дар бозори дохилӣ ба вуҷуд меорад.

Нисбати корхонаҳои истеҳсолӣ ҳамзамон мебояд, ки андозҳои ғайримустақим низ кам карда шавад, то ин ки нархи молу маҳсулоти дар дохили кишвар истеҳсолшуда дар бозор харидори худро ёбад ва баҳри бартараф намудани камомадҳо аз ҳисоби андозҳои ғайримусақими дохилӣ, мебояд ки меъёри андозҳои ғайримустақими воридотӣ баланд гардонида шавад. Ин ҳолат ҳавасмандгардонии истеҳсолкунандагони молу маҳсулот ба миён оварда, кӯшиш мекунанд, ки техникаю таҷҳизотҳои насли нав ворид намуда молҳои сифатан нағз ва рақобатпазир истеҳсол намоянд.

Мушкилоти дигар, ки ҳолати нигароникунандаро ба вуҷуд овардааст, ва боисӣ сахтиҳо ва коста гардонидани адолати иҷтимоӣ гаштааст, ин дар андозҳои маҳаллӣ мебошад. Масалан, объектҳои ғайриманқули бинои истиқоматӣ аз рӯйи масоҳат андозбанди мегардад, аммо арзиши он ба инобат гирифта намешавад. Дар чунин ҳолат хуб мебуд, ки бо дарназардошти коэфсентҳои танзимкунандаи минтақавӣ, арзиши объект низ ба инобат гирифта мешуд. Ба ин объектҳои ғайриманқул идар деҳот мавҷуда мисол шуда метавонад. Бо сабаби зиёд истифода гардидани биноҳои ёрирасон,

масоҳати объектҳои ғайриманқул афзун мегардад ва ҳолати гарониро ба андозсупоранда ба миён меорад.

Дар баробари мушкилотҳои овардашуда, ки боиси баланд гардидани сатҳи гаронии андоз гаштааст, сатҳи маърифатнокии андозсупорандагон низ ташвишовар аст. Аксарияти онҳо доир ба қонунгузории андозбанди тасаввурот надоранд ва пардохтҳои андозиро мисли гузашта дар охири соли молиявӣ пардохт мекунанд ва ё ба шахсиятҳои номаълум бовар кардаю пардохтро анҷом медиҳанд. Дар ҳоле, ки мо дар шароити илму технология қарор дорем ва Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои барномаи махсуси худ аст, ки давра ба давра маблағҳои андозро ҳисоб мекунад, ҳоҷат ба кормандони ҷамоату шахсиятҳои масъул пардохт намудани маблаҒи андоз нест. Дар чунин ҳолат ҳар як андозсупорандаро мебояд, ки масъулияти андозиро дошта бошад ва ҳаракат намояд, ки дар чорчӯбаи қонун пардохтҳоро анҷом диҳад ва рисолати худро дар назди давлат ба ҷо орад. Зеро баланд бардоштани маърифати андозии андозсупорандагон, қадамест дар нигоҳ доштани манфиатҳои ҳам давлат ва ҳам андозсупорандагон.

Маврид ба қайд аст, ки имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи дигаргуниҳои иқтисодию иҷтимоӣ қарор дорад дар сиёсати миллӣ низоми мукаммали андозбандиро ташкил намуда бар ин васила иштирокчиёни муносибатҳои андозро қаноатманд гардонад. Раванди ин ҷараён аз солҳои аввали истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз гардида, айни замон пайваста идома дорад.

Солҳои аввали соҳибистиқлолӣ дар ҷумҳурӣ ҳиссаи андозҳо дар даромади буҷет хело баланд буда, зиёда аз 90%-ро ташкил медод. Масалан, даромади умумии буҷет дар соли 2000 ба андози 251714,4 ҳазор сомониро дар бар мегирифт, ки воридотҳои андозӣ ҳудуди 233490,7 ҳазор сомониро ташкил дода 92,8%-и даромадҳои буҷетро ташкил менамояд. Хушбахтона имрӯз ҳиссаи андозҳо дар буҷети давлат бо дафти сарчашмаҳои нав ва амалӣ

гардидани сиёсати самарабахши иқтисодию молиявӣ паст гардида, дар ҳудуди 60,5% қарор дода шудааст.

**Ҷадвали 2.3.3. – Воридотҳои андозӣ дар низоми буҷет (млн.сомонӣ)***

| № | Солҳо | Ҳаҷми умумии | Воридоти андозҳо | | Андоз аз даромад | Андоз аз фоида | Андози иҷтимоӣ (25% аз муассисаҳои | Андоз аз арзиши иловашудаи дохилӣ | Низомҳои махсуси андозбандӣ | Бочи давлатӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 10 | 11 |
| 1 | 2010 | 7024,3 | 4443,8 | | 447,9 | 330,7 | 567,2 | 537,6 | 81,8 | 57,3 |
| 2 | 2011 | 8937,8 | 5892,1 | | 577,6 | 407,8 | 782,7 | 750,0 | 118,4 | 67,6 |
| 3 | 2012 | 9673,4 | 7097,6 | | 725,8 | 575,9 | 865,9 | 944,7 | 141,3 | 73,0 |
| 4 | 2013 | 12276,6 | 8432,3 | | 916,1 | 700,4 | 986,7 | 1199,9 | 309,9 | 93,7 |
| 5 | 2014 | 14427,3 | 10366,7 | | 1092,7 | 808,2 | 1333,2 | 1491,7 | 408,2 | 101, |
| 6 | 2015 | 16586,4 | 10613,3 | | 1297,7 | 1009,1 | 1335,8 | 1652,8 | 489,3 | 92,8 |
| 7 | 2016 | 18405,1 | 11188,4 | | 1352,2 | 1032,2 | 1326,7 | 1792,0 | 529,8 | 92,5 |
| 8 | 2017 | 23307,3 | 13099,6 | | 1568,6 | 1503,0 | 1489,3 | 1949,2 | 581,4 | 123,8 |
| 9 | 2018 | 23925,5 | 14564,9 | | 1767,7 | 1667,0 | 1637,9 | 2179,1 | 642,4 | 131,8 |
| 10 | 2019 | 23469,4 | 15775,4 | | 1912,9 | 1900,6 | 1706,2 | 2222,7 | 681,1 | 139,5 |
| 11 | 2020 | 24325,0 | 15356,6 | | 1874,4 | 1702,9 | 1676,7 | 2148,7 | 647,2 | 112,4 |
| 12 | 2021 | 30053,8 | 19669,5 | | 2376,0 | 2336,6 | 2037,2 | 2916,1 | 709,7 | 151,8 |
| 13 | 2022 | 33002,8 | 20467,1 | | 2771,2 | 2526,9 | 2051 | 3568 | 909,5 | 172,8 |
| 14 | 2022/ 2010 (+,-) | 25978,5 | 16023,3 | | 2323,3 | 2196,2 | 1483,8 | 3030,4 | 827,7 | 115,5 |
| 15 | 2022/ 2010 маротиба | 4,6 | 4,6 | | 6,1 | 7,6 | 3,6 | 6,6 | 11,1 | 3,01 |
| 16 | Ҳиссаи андозҳо дар буҷети давлатӣ (соли 2022) | 62,0 | 62,0 | Аз ҷумла: | 8,3 | 7,6 | 6,2 | 10,8 | 2,7 | 0,52 |

***Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси ҳисоботи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон/ – [захираи электронӣ] – URL: - www.minfin.tj.

Ҳиссаи андозҳо дар даромаҳои буҷети давлатӣ нақши намоён дошта, баҳри таъмини шароити молиявии давлат аз андозсупорандагон ба таври мунтазам, бо дарназардошти ҳолатҳои андозбандишаванда ситонида мешавад.

Тули солҳои охир, мушоҳида мегардад, ки ҳиссаи андозҳо дар даромадҳои буҷети давлатӣ рӯ ба коҳиш ниҳодааст. Ин аз он дарак медиҳад, ки давлату ҳукумат дар пайи дарёфти сарчашмаҳои нави даромаднокии буҷети давлат корҳо ва ташаббусҳоро анҷом дода истодаанд, ки ин иқдомҳо сатҳи гаронии андозро дар мамлакат метавонад сол аз сол коҳиш диҳад.

Ҳамзамон, ҳаҷми буҷети давлат тайи солҳои 2010 – 2022 зиёд гардидааст. Дар ин даҳсола аз 7024,3 млн. сомонӣ ба 33002,8 млн. сомонӣ дар соли 2022 баробар гардида, ҳудуди 4,6 маротиба афзудааст.

Воқеан, самтҳои сиёсати иқтисодиву иҷтимоии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон нигаронида шудааст, ки фазои соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ ва мутобиқгардонии онҳо ба меъёрҳои байналмилалӣ бошад.

Ан ин лиҳоз, чунин мешуморем, ки муносибкунонии сатҳи гаронии андоз яке аз вазифаҳои стратегии асосии ҳар як давлат мебошад. Дар ин раванд дараҷаи сахтии андозбандӣ на танҳо ба ҳамаи шохаҳои давлат, балки ба ташкилотҳо ва шаҳрвандони ҳар кишвар низ таъсир мерасонад. Ҳамин тавр, масалан, бо зиёд будани меъёри пардохти андоз аз даромад, бисёре аз ширкатҳо наметавонанд дар бозор ба таври муътадил фаъолият кунанд. Аз ин рӯ, аксарияти онҳо фаъолияташонро қатъ мекунанд ё ин ки ба фаъолияти пӯшида мегузаранд, ки ин ҳам низ яке аз мушкилотҳо дар танзими гаронии андоз мебошад.

Танзими гарониии андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мушоҳида мегардад ва ҷараёнҳои дигаргунсозии низоми андоз бо роҳи даровардани тағйиру иловаҳо ба қонунгузорӣ зуд-зуд ба амал омада, дар пайи ҳар яки он монеаҳо ва мушкилотҳои ҷойдошта дар низоми андоз, то ҳаде бартараф карда мешавад, ки мо онро баръало мушоҳида карда метавонем.

Вобаста ба баррасии мушкилотҳои танзими гаронии андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чунин хулоса омадем, ки:

1. Мушкилотҳо дар танзими гаронии андоз ба он хотир таҳлил мегардад, ки бидуни бунёди низоми муносибкунонии самараноки андоз, рушди иқтисоди миллии кишвар ва умуман давлат ғайриимкон аст;

2. Чунин меҳисобем, ки мушкилоти танзими гарони андоз аз як ҷониб ба манфиати давлат ва аз ҷониби дигар ба манфиати андозсупоранда, ки шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ мебошад, таъсир мерасонад;

3. Ҳангоми таҳияи сиёсати андоз таваҷҷуҳ додан лозим аст ба нишондиҳандаи гаронии андоз, то аз сатҳи муайяншуда зиёд нашавад, ки метавонад дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт омилҳои зиёди манфиро ба бор орад;

Зимни баррасии боби 2-юм ба чунин хулоса омадем, ки:

1. Мақомоти андоз, ки ҳамчун мақоми ваколатдор, баҳри назорати воридотҳои андозӣ ба буҷет аз давраи ба миён омадани истиқлолияти давлатӣ то ба имрӯз якчанд марҳилаи инкишофро аз сар гузаронидааст, мебояд ки тамоми он роҳу усулҳоеро пайгирӣ ва татбиқ менамояд, ки баҳри саривақт ҷамъоварии андозҳо мусоидат намуда ва ҳолати муътадили нигоҳ доштани сатҳи гаронии андоз оварда расонад;

2. Андозбандӣ ҳам даромад ва ҳам таъсири ивазкунандаро ба вуҷуд оварда, самаранокии низоми андозро коҳиш медиҳад. Аз ин лиҳоз, чунин меҳисобем, ки низоми андоз вақте самаранок ҳисобида мешаванд, ки онҳо ба ҳадафҳои даромад бо ҳадди ақали таъсири манфӣ ба иқтисодиёт ноил мешавад;

3. Мушкилоти танзими гарони андоз дар он мебошад, ки гаронии андоз аз як ҷониб ба манфиати давлат ва аз ҷониби дигар ба манфиати андозсупоранда, ки шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ мебошад, таъсир мерасонад. Аз ин лиҳоз, гаронии андоз ба он хотир таҳлил мегардад, ки бидуни бунёди низоми муносибкунонии самараноки андоз, рушди иқтисоди миллии кишвар ва умуман давлат ғайриимкон аст.

# БОБИ III. СТРАТЕГИЯИ ТАНЗИМИ ГАРОНИИ АНДОЗ ДАР ШАРОИТИ МУНОСИБАТҲОИ БОЗОРӢ

## 3.1. Самтҳои афзалиятноки танзими гаронии андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар шароити муносибатҳои бозаргонӣ, омӯзиши масъалаҳои идоракунии давлат, махсусан дар самти танзими гаронии андоз, муайян намудани мазмуну моҳияти гаронии андоз, муқаррар намудани меъёрҳои ҳуқуқии танзими он аҳамияти калон дорад. Мувофиқ ба сиёсати самарабахши молиявӣ, давлатро мебояд, ки танзими муносибатҳои андозиро ҳавасманд гардонанд, зеро онҳо қодиранд иҷрои амалии андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмиро ба ҳамаи сатҳҳои буҷетҳо таъмин намояд.

Чунин мешуморем, ки қонунгузории андозро тавре руҳандози намудан лозим аст, ки пардохтҳо содаю шаффоф ва осон бошад ва андозсупорандагон аз ҳисоб ва пардохти андозҳо канораҷӯӣ накунанд ва барои онҳо чунин кирдор ғайриқабул ва номуносиб бошад.

Шахсоне, ки саркашӣ аз пардохти андозҳо менамоянду ба фаъолияти ғайриқонунии соҳибкорӣ машғул гардидан, чунин амалро ҳамчун хиёнат ба Ватан ва бемасъулиятию бетарафӣ дар иҷрои қарзи шаҳрвандии худ дар назди ҷомеа дарк намоянд.

Мақсад аз ислоҳоти мунтазами низоми андоз, ин мутобиқ намудани он шарту шароит ва сатҳи зиндагии шаҳрвандон мебошад.

Мақсади аз ислоҳоти андоз, мутобиқ намудани низоми андоз ба шарту шароити иҷтимоӣ иқтисодии кишвар мебошад. Яъне сатҳи эътидоли гаронии андоз, мутаносиб нигоҳ дошта мешавад.

Ҳамзамон, дар ҳолати ба эътидол даровардани сатҳи гаронии андоз, нишондиҳандаҳои иқтисодӣ ба тадриҷ зиёд мегардада ва ҳолати сатҳи буҷед ғанӣ мегардад.

**Диаграммаи 3.1.1. – Нишондиҳандаҳои иқтисодӣ барои солҳои 2016-2022 (млн.сомонӣ)***




***Сарчашма:** Маҷмуаи оморӣ: Тоҷикистон: 30 - соли истиқлолияти давлатӣ. – С. 10-26; Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2022. – С. 10-13; Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2023. – С. 391.

Аз нишондиҳандаҳои овардашуда ба маълум мегардад, нишондиҳандаҳои буҷети давлатӣ, маҷмуи маҳсулоти дохилӣ, даромадҳои андозӣ ва ғайриандозӣ тайи солҳои охир афзоиш ёфтаанд. Масалан буҷети давлатӣ, дар соли 2022 ба андозаи 36056,8 млн. сомонӣ иҷро гардидааст, ки нисбати ҳаҷми буҷети соли 2021 ба маблағи 6003 млн. сомонӣ зиёд гардидааст.

Сиёсати андозӣ унсури муҳими муносибатҳои иқтисодӣ буда, дар танзими низоми самараноки андоз нақши муҳим дошта, заминагузор ба рушди босуботи давлат мебошад.

Яъне, амалӣ гардидани низоми муосири андозҳо тавасути танзими давлатии муносибатҳои андоз зарур ва муҳим доништа шуда, рушди оқилонаи он имкон медиҳад, ки самаранокии фаъолияти субъектҳои иштироккунандаи раванди андоз дар ҳолати ба вуҷуд омадани муносибатҳои андозӣ таъмин карда шавад. Чунин иқдом давлатро вазифадор менамояд, ки корҳоро вобаста ба татбиқи вазифаи танзими давлатии низоми андоз, пурзур кунад.

Баланд бардоштани масъулияти мақомоти андоз ҷиҳати иҷрои вазифаҳои хизматияшон дар сатҳи қонунгузорӣ, яке аз роҳҳои батанзим даровардани сатҳи гаронии андоз ҳисобида мешаад, зеро дар сатҳи

қонунгузорӣ ӯҳдадории пардохти андозро тавассути баланд бардоштани сифати асосҳои институтсионалии байни андозсупорандагон ва мақомоти танзимкунанда анҷом дода мешавад.

Хушбахтона имрӯз мақомоти андоз аз захираҳои кадри танқисӣ намекашад ва ҳар як семоҳа дар асоси озмуни кушод бо иштироки намояндагони Раёсати хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал бароварда бо ин тартиби нави ба кор қабул намудани кормандон ба мақомоти андоз имкон дод, ки мутахассисони соҳибихтисос ба кор ҷалб карда шаванд ва бар ин васила таъмини самаранокии фаъолияти кории кормандонро дар ниҳодҳо, таъмин гарданд, яъне фаъолияти кории мақомоти андоз дар сатҳи зарури амал мекунад.

Ҳамзамон, боиси қайд аст, ки дар рафти пардохт намудани андозҳо, монеаҳое мавҷуд аст, ки боиси халалдор гардидани пардохтҳои андозӣ ва ҳамзамон бори андозро ба миён овардааст. Масалан, дар нуктаҳои хизматрасонииҳои пардохтҳои андозии ташкилотҳоии қарзии бонкӣ то ҳол баҳри пардохт намудани маблағи андоз аз ҳисоби зиёд будани муштариён, андозсупорандагон вақти зиёдеро барои пардохт намудани андоз сипарӣ мекунад. Яъне ин ҳолат дар доираи фаъолияти андозсупорандагон, ҳам хароҷот асту ҳам зарар. Хуб мебуд, ки сохтори мақомоти андоз дар пайи татбиқи барномаҳое, ки баҳри осон намудани низоми пардохтии электронии маблағҳо, тавассути ҳамиёнҳои электронӣ пардохти андозҳоро ба роҳ монад ва ё ин ки барномаҳои махсуси содагардонидашударо дар терминалҳо ё постерминалҳо дар тамоми миқёси ҷумҳурӣ муҳайё созад. Ҳамзмон Кумитаи андозро мебояд, ки ба мисли «Равзанаи ягона» -и бақайдгириро бо мақсади тартиботи хуби бақайдгирӣ ва сарфаи вақт, портали ягонаи ҳамгироии мақомоти андозу андозсупорандаро яъне «Андози ман» ташкил намудааст, ки он такмилро мехоҳад, бисёр хуб мебуд агар ин махзан вобаста ба ҳисоб ва ирсоли уҳдадориҳо ба андозсупоранда, яъне нишон додани давра, манба, меъёр, имтиёзҳо ва механизми ҳисоби андозҳоро тариқи барномаҳои махсус, ҳамчун паёмак ва ё ин ки бо барномаҳое маҳфуз бошад, ки ба

андозсупоранда истифода ва дастрас будани он қулай гардад. Дар чунин ҳолат андозсупорандагон дигар ба нуқтаҳои ҳудудии мақомоти андоз ташриф наовада аз макони зисту фаъолият тариқи кортҳои ҳамиёнии худ ҳисоббаробаркуниро бо буҷет анҷом медиҳанд.

Муносибатҳое, ки «...миёни мақомоти андоз ва андозсупорандагон, ташкил шудаанд аз рӯйи мавқеи мобайнии равишҳои ҳокимият ва қонун, ба талаботи муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ дар шароити рақамикунонии иқтисод ҷавобгӯ нестанд».[141]

Коста будани дониши андозӣ ва ҳуқуқи андозсупорандагон (аз он ҷумла сатҳи огаҳии онҳо аз ҳуқуқҳо ва уҳдадориҳои худ, имрӯз яке аз масъалаҳои ташвишовар аст. Дар ҳолати маълумоти кофи надоштанашон нисбат ба давраи андоз, маблағи андозро сари вақт пардох намекунанд, ки ин ҳолат вазнинии андозро ба миён меорад. Аз ин рӯ бахри баланд бардоштани савияи дониши андозсупорандагон вобаста ба масъалаҳои андозу андозбандӣ, Кумитаи андозро мебояд, ки пайваста чораҷӯӣ намуда, пешбурди корҳои фаҳмондадиҳӣ, тавзеҳот ва гузаронидани семинар-машваратҳо ва шаклҳои дигари корҳои тавзеҳотию фаҳмондадиҳӣ баргузор намояд.

Ҳамчунин, беҳтар мебуд, ки дар нозиротҳои ҳудудии андоз нуқтаҳои машваратӣ тибқи нақша – чорабиниҳо дар маҳалҳо, дар нуқтаҳои савдо, дар ҷойҳои махсусгардонидашуда, тариқи семинарҳо, коференсияҳо, ахбори умум, видео-роликҳо доир ҳолату уҳдадориҳои андозсупорандагон тарғиботҳоро гузаронанд ва маслиҳатҳои муфид диҳанд. Дар чунин ҳолат маърифати андозии андозсупоранда баланд гардида, кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки дар давраҳои минбаъдаи ҳисоботии андоз, сари вақт пардохтҳоро анҷом диҳанд, ки ин раванд то ҳаде ҳолати мувозинатии давлату андозсупорандаро ба миён меорад. Зеро татбиқи чунин ҳолат аз як

[141]Маъмуров, А. М. Самтҳои афзалиятноки рушди маъмурикунонии андоз дар раванди ҷорикунии технологияи иттилоотии рақамӣ //А. М. Маъмуров // Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Серия гуманитарных и экономических наук. – 2022. – №1-4-2(104). – С. 134-142.

тараф омили сари вақт пардохт гардидани маблағи андоз ба буҷет, яъне сиёсати фискалии давлат амалӣ мегардад ва аз тарафи дигар андозсупорандагон пардохтҳои андозиро ба нақша гирифта, марҳила ба марҳила, вобаста ба давраи андоз, пардохтҳои андозиро анҷом диҳанд.

Чунин меҳисобем, ки имрӯзҳо Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳҳоеро андешад, ки аз ҳолати тағйирёбии низоми андоз ба андозсупорандагон сари вақт маълумотҳоро пешниҳод намояд. Дар мисол, тавасути ҳафтаномаи «Боҷу хироҷ», ки доир ба ҳамаи он тағйиротҳо ва муносибатҳои андозие, ки дар низоми андоз ба миён меоянд, ҳамчун маҷала ба нашр мерасонад. Вале обуна гардидан ба ин маҷала, пардохти муайяни худро дорад, ки андозсупорандагоне ба ин маҷала аъзогардида пардохтро анҷом медиҳанд. Боиси қайд аст, ки ин пардохтҳо то дарҷае ҳолати вазниниро ба қишри алоҳидаи андозсупорандагон ба бор меорад. Ба ақидаи мо хуб мебуд, ки ин маҷала ҳамчун тариқи электронӣ дар сомонаи Кумитаи андоз ва ё барономаҳои махсусгардонидашуда ба андозсупорандагон тариқи ройгон пешкаш гардад, ки ин ҳолат хароҷотҳоро дар табъу нашри мақоми ваколатдор то ҳаде кам мегардонад ва андозсупорандагон, низ ба таври васеъ истифода мебаранд.

Самти дигари афзалиятнгоки танзими гаронии андозро мо метавонем дар ҳолати банақшагирии андозҳо аз ҷониби андозсупорандагон тавсиф намоем. Ҳолати банақшагирии андоз аз ҷониби андозсупорандагон ба ақидаи мо, падидае дониста мешавад, ки аллакай сатҳи маърифати андозии андозсупорандагон батадриҷ хуб гардидааст ва уҳдадории худро роҷеъ ба пардохти андоз, андозсупорандагон ба нақша гирифтаанд, ки чунин ҳолат танҳо дар ҳоле ҳалли худро пайдо мекунад, дар ҳоле ки роҳҳои баланд бардоштани сатҳи маърифатнокии андозсупорандагон, ки дар боло қайд намудем, татбиқ гардад.

Илова бар ин, дар «...замони муосир  муайянкунии ҳаҷми гаронии андоз натанҳо барои ҳар субъекти соҳибкории хурд лозим аст, балки масъалаҳои банақшагирии гаронии андоз барои дурнамои фаъолият аҳамияти

хоса пайдо кардааст».[142] Аз ин рӯ, чунин мешуморем, ки байни банақшагирии андозу баҳисобгирии идоракунӣ робитаи наздик бо ҳамдигар доранд.

Азбаски даромади андоз «...манбаи асосии молиявии давлат мебошад, банақшагирии оқилонаи даромадро метавон асоси идоракунии самарабахши давлатӣ барои расидан ба ҳадафҳои муқарраргардидаи иҷтимоию иқтисодӣ ҳисобид. Дар ин робита, нишондиҳандаи асосӣ имкон медиҳад банақшагирии андозро то чӣ андоза аз ҷониби мақомоти андоз самаранок иҷро намудаанд, ки бо фоизи даромади воқеии андоз ба арзиши тасдиқшудаи даромади андози буҷети дахлдор ҳисоб карда мешавад».[143]

Банақшагирии андоз ҳолате ҳисобида мешавад, ки аллакай андозсупоранда дар ин давра сатҳи эътидоли гаронии андозро эҳсос мекунад ва уҳдадориҳои инфиродии худро дар назди давлат ба нақша гирифта, роҳҳои канораҷӯи ва саркаши аз пардохти андозро ба миён намеорад.

Банақшагирии андоз падидаи мусбати иқтисодӣ ва иҷтимоии замони мост, зеро он болоравии маърифати андозӣ мусоидат намуда, ба манфиатҳои ояндадори иқтисодии давлат ва соҳибкорӣ оварда мерасонад.[144]

Мусаллам аст, ки хоҳиши андозсупорандагон барои сабук кардани гаронии андоз дар ҳама ҳолат мавҷуд аст. Соҳибкор ҳамеша кӯшиш мекунад, ки даромади худро ҳифз кунад. Дар чунин ҳолат масъалае ба вуҷуд меояд, ки он бо кадом усулҳо ба даст меояд – қонунӣ ё ғайриқонунӣ.

Аз ин лиҳоз, чунин меҳисобем, ки андозсупоранда ҳуқуқ дорад тамоми усулҳоро истифода баред, бори гаронии андози худро то ҳадди аксар кам кунад, дар ҳоле ки дар қонунгузори иҷозат дода шуда бошад.

---

[142]Воҳидов У.А. Такмили идоракунии механизмҳои самараноки гаронии андоз дар корхонаҳои хурд (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон) / дис. барои дарёфти унвони илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 05.13.10 – Идоракунӣ дар низомҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ с.146 – С-18, Душанбе, 2018.

[143]Маъмуров, А. М. Арзёбии вазъи муосири маъмурикунонии андоз дар сатҳи минтақавӣ / А. М. Маъмуров, С. Б. Саломов // Ахбори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон. Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. – 2022. – №2(91). – С. 82-92.

[144] Бабин, В. А. Организация налогового планирования в российских компаниях / В. А. Бабин, Н. В. Воронина // Финансовый менеджмент. – 2006. – № 1. – С. 48-56.

Дар дигар ҷо қайд мепшавад, ки «...зарурати банақшагирии андозро пеш аз ҳама ду омили асосӣ муайян мекунанд: вазнинии бори андоз барои андозсупорандагон, инчунин мураккабӣ ва тағйирнопазирии қонунгузории андоз».[145] Яъне ин ҳарду омил, ифодагари сатҳи гаронии андоз шуморида мешавад, дар ҳоле ки қонунгузории адоз аз рӯйи шакли муқаррааргардида бетағйир боқӣ монад, ки бешак дар чунин ҳолат сатҳи гаронии андозро ба вуҷуд меояд. Аз ин лиҳоз, мебояд ки низоми андоз ҳамавқт дар ҷараёни омӯзиш ва тағйиротҳо қарор бояд гирад ва муносиб гардонида шавад ба шарту шароити мавҷуда.

Дар айни замон дар адабиёти ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ оид ба мазмуни банақшагирии андоз баҳсҳо идома доранд. Мо наметавонем ба фикри ҳамроҳ С.М. Ҷаарбеков нашавем С.М. Ҷаарбеков бар ин назар аст, ки «...банақшагирии андоз ин аз ҷониби андозсупоранда амалӣ намудани тадбирҳои муайяни ташкилӣ бо мақсади кам кардани пардохтҳои андоз мебошад».[146]

Воқеан, раванди банақшагирӣ, худ ин аллакай аз ҷониби андозсупоранда ба зимма гирифтани ухдадориҳои андозӣ дар давраи ҳисоботӣ ба ҳисоб меравад ва андозсупоранда давра ба давра аз рӯйи нақши таҳрезигардидаи худ маблағҳои андозиро пардохт кунад.

Е.Б.Шувалов ва Е.А.Грачева бошанд чунин қайд мекунанд, ки «...банақшагирии андоз як роҳи кам кардани бори андоз, аз ҷумла таҳияи низомҳои мураккаб ва комилан қонунӣ мебошад, ки метавонад бори андозро ба субъекти хоҷагидор бе вайрон кардани меъёрҳои қонунгузории амалкунандаи давлат ва ҳуқуқи байналмилалӣ ба таври назаррас коҳиш

[145] Долгих, И. Н. Налоговое планирование и оценка его эффективности / И. Н. Долгих // Финансы и кредит. – 2013. – № 16. – С. 66–72.

[146] Дудко, И. Н. Налоговое планирование: что это такое? / И. Н. Дудко // Актуальные проблемы правовых, экономических и гуманитарных наук. Материалы XI Международной научно- практической конференции профессорско-п реподавательского состава, аспирантов, магистрантов и студентов Учреждения образования «БИП – университет права и социально- информационных технологий», Минск, 22 апреля 2021 г.: в 3 ч. / ред. кол. – С. И. Романюк [и др.]. – Минск: БИП, 2021. – Ч. 2. – С. 38–39.

диҳад».[147]. Яъне банақшагирии андоз вобаста ба талаботҳои меъёрҳои қонунгузорӣ, худ ин аллакай қадами устувор дар танзими гаронии андоз дар давраҳо ҳисобидан мумкин.

Н.О.Овчинникова чунин мешуморад, ки «...банақшагирии андоз фаъолияти андозсупоранда мебошад, ки ба таври мунтазам амалӣ карда мешавад ва ба омӯхтан ва истифодаи имкониятҳои пешбининамудаи қонунгузории андоз бо мақсади муносибкунонии андозбандӣ нигаронида шудааст».[148]

Дар воқеъ, раванди банақшагирии андоз пайдарҳамиро тақозо менамояд ва андозсупоранда ҳаракат менамояд, ки доир ба қонунгузории андозӣ, тағйиротҳои низоми андоз, маълумотҳоро ҷустуҷӯ намуда, раванди банақшагирии андозиро дуруст ба роҳ монад.

Аммо мутаассифона, раванди банақшагирӣ, ки худ яке аз самтҳои афзалиятнок дар танзими гаронии андоз ба ҳисоб меравад, имрӯз на дар он сатҳи лозима амалӣ мегардад. Яъне, ташбеҳ дода мешавад ба аксарият андозсупорандагоне меравад, ки доир ба ухдадориҳои худ ба сохторҳои мақомоти андоз мурочиат намекунанд. Яъне бори вазнини андозро ба дӯш мегиранданд ва доир ба ҳолати кунинии методологияҳои ҳисоб ва пардохти андозҳо аз нозирони андоз пурсон намегарданд, сабаби онро мо дар сатҳи пасти маърифати андозии аксарият андозсупорандагон ташбеҳ медиҳем. Чунин меҳисоб, ки ҳолати мазкур танҳо дар ҳоле ҳали худро пайдо мекунад, дар ҳоле ки роҳҳои баҳри баланд бардоштани маърифати андозии андозсупорандагон, ки дар боло қайд намудем, дар Барономаи рушди маъмурикунонии андоз, ки дар заминаи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳрезӣ гардидааст, ворид гардад.

[147]Евстигнеев, Е. Н. Основы налогообложения и налогового законодательства / Е. Н. Евстигнеев, Н. Г. Викторова. – СПб.: Питер, 2004. – С.256-264.

[148] Овчинникова, Н. О. Налоговое планирование и налоговый контроль со стороны правоохрани тельных органов [Электронный ресурс] / Н. О. Овчинникова. – Режим доступа: https://libking. ru/books/busines-/accounting/ 620746–6-ninaovchinnikova- nalogovoe-planirovanie-i-nalogovyj- kontrol-so-storony-p ravoohranitelnyh. html#book. – Дата доступа: 10.01.2022.

Самти дигарро дар танзими гаронии андоз мо дар татбиқи дурусти принсипҳои низоми андоз мебинем. Дар ин маврид бояд қайд намуд, ки принсипҳои андозбандиро ба принсипҳои классикие, ки А. Смит пешниҳод намудааст, мувофиқа намуд, ки онҳо чунинанд:

1. Аз рӯи миқдоран мувофиқ будани сатҳи андозбандӣ бо даромадҳои андозсупоранда. Мутаассифона, дар замони имрӯза, чунин тартибот дуруст ба инобат гирифта нашудааст. Ҳамчунин ин гуфтаҳо ба Ҷумҳурии Тоҷикистон низ рапт дода мешавад. 2. Муайян намудани мушаххас ва пешакии дараља ва ҳаљми андозҳо.
2. Муайян намудани сатҳ ва дараҷаи андозҳо. Яъне андозҳое, ки ҷорӣ мегарданд, бояд ҳачм ва сатҳи онҳо ба андозсупоранда маълум бошад, то ин ки ҳангоми пардохт намудани маблағи андоз нофаҳмоиҳоро байни андозсупорандаю мақомоти андоз ба вуҷуд набиёрад.

3. Мувофиқ будани шакл ва замони андозбандӣ барои андозсупорандагон. Дар кишварҳои ҷаҳон ин принсип дуруст татбиқ нагардидааст. Дар мисол гуфта метавонем, андоз аз арзиши иловаро, ки аслан самт ва таъиноти он, бояд ба нархи молҳои истеъмолӣ (тиҷорат ва ё молҳои истеҳсолӣ) зам гардад, аммо молу воситаҳои воридотӣ, андоз аз арзиши иловашуда пардохт мегардад. Нисбати намудҳои молҳои молу маҳсулот, ин андоз бояд махсус ситонида шавад. Масалан, дар соҳаҳои саноат хуб мебуд, агар чунин намуди андозандоз на дар мавқеи истеҳсолот, балки баъди тавили минбаъдаи моли тавлидгардида ситонида мешуд. Дар чунин ҳолат ҳавасмандии ширкатҳои истеҳсолӣ доир ба тезонидани гардиши фондҳои истеҳсолӣ ба вуҷуд омада, ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии иқтисодии фаъолияти онҳо мусоидат хоҳад кард;

4. Самаранокии низоми андоз. Яъне хароҷоти давлат ва ҷомеа барои ҷамъоварӣ ва пардохти андозҳо набояд аз ҳад зиёд бошад, балки афзоиши мутлақи ҳаҷми андозҳои ситонидашуда аз афзоиши хароҷоти низоми идораи андоз бештар бошад.

Дар воқеъ, раванди идоранамои муносибатҳои андозиро дар шароити имрӯза, мебояд ки ба нафъи ҳар ду тараф, яъне давлат ва андозсупоранда муносиб намуд, яъне сиёсати андоз тавре бояд, ки сурат гирад, ки манфиатҳои тарафайн ба инобат гирифта шавад.

Низоми идоракунии андоз ҳамчун раванди додашуда ба иҷрои низоми фаъолияти механизми андоз нигаронида шудааст.[149]

Боиси қайд аст, ки ҳар як давлат баҳри ба амал баровардани вазифа ва функсияҳои худ ва комёб гардидан ба мақсадҳои муайян сиёсати иқтисодии хосро ба роҳ мемонанд. Дар сиёсати иқтисодӣ дараҷаи рушди қувваҳои истеҳсолкунанда, хусусияти синфии давлат, низоми иқтисодӣ ва муносибатҳои истеҳсолии он инъикос меёбад.

Низоми устувори андози мамлакат дар шароити имрӯз муҳимтарин механизмест, ки ба тараққиёти иқтисодиёт таъсир мерасонад. Бо дарназардошти ин, низоми андоз аксар вақт ба шароити муосир пурра ҷавобгӯ нест.[150]

Аз ин рӯ, сиёсати андозро баҳри мувофиқ намудан бо пардохтҳои андозӣ мебояд мувофиқ намуд, зеро сиёсати андозӣ қисми таркибӣ ва муҳимми сиёсати молиявӣ мебошад. Дар аксари мамлакатҳои ҷаҳон баҳсҳои доманадор байни андозсупорандагон ва мақомоти андоз дар бораи гаронии андоз ва низоми андозбандӣ боиси нооромиҳо ва гирдиҳамоии зиёд мегардад. Чунин ҳолат муноқишаҳоро ба миён меорад. Чунин муноқишаҳо ва нооромиҳо дар аксар ҳолатҳо ба натиҷаҳои иқтисодӣ таъсири ҷиддӣ мерасонанд. Хусусан, низоми прогресивӣ ва мутаносибии андозбандӣ муноқишаҳо оид ба ба вуҷуд меорад. Яъне дар замони муосир андозҳо ва

[149]Сабуров, В.Д.Методы и инструменты совершенствования управления региональной системой налогового администрирования (на материалах Согдийской области Республики Таджикистан) : специальность 05.13.10 "Управление в социальных и экономических системах" : диссертация на соискание ученой степени кандидата экономических наук / Сабуров Валишер Дустмахматович. – Душанбе, 2018. – С.177-181.

[150]Глущенко Я. – С.Проблемы налогообложения на современном этапе развития РФ/ Я. – С.Глущенко, М. – С.Егорова. // Молодой ученый. – 2015. – №11.4. – С. 72-74.

пардохтҳо ба майдони асосии мунокишаҳо байни шаҳрвандон ва мақомоти давлатӣ табдил ёфтааст.

Дар бисёр давлатҳои пешрафтаи ҷаҳон ва дар ҳолати рушд, мафҳуми андоз ба стратегии давлатии онҳо ворид карда шудааст. Чунин меҳисобем, ки сиёсати давлатии андоз бояд хусусияти мувозинатӣ дошта бошад. Танҳо дар чунин ҳолат сиёсати андоз омили асосии рушди босуръати иқтисодиёт дар давлат хоҳад гардид. Мусаллам аст, ки паст гардидани сатҳи гаронии андоз ба воридшавии сармояҳои мустақими хориҷӣ ба давлат, таъсири хеле ҷиддӣ мерасонад. Ҳамзамон ин ҳолат, сармоягузориҳои дохилӣ - ватаниро низ хеле афзун хоҳад гардонид. Муносиб будани сиёсати андозӣ ба раванди саромоягузориҳо таъсири мусбӣ расонида, ҳиссаи сармоягузориҳои дарозмуддатро боло мебардорад.

Раванди коҳиш додани гаронии андозро дар паст намудани меъёрҳо ва зиёд гардонидани имтиёзҳои босамар дар аксарияти андозҳо мебинем. Зеро ки зиёд гардидани имтиёзҳо ва паст гардидани меъёрҳои баъзе аз андозҳо боиси зиёд гардидан шумораи андозсупорандагон мегардад. Ногуфта намонад, ки паст намудани меъёрҳои андоз ва зиёд гардидани имтиёзҳои андоз аз як тараф зарар ба сиёсати фискалии давлат дар давраҳои муайян боқӣ монад, вале дар ҳоле, ки андозсупоранда эҳсоси ками гарони андозро ҳис кунад, дар чунин ҳолат шумораи андозсупорандагон рӯз аз рӯз афзун гардида ва дар оянда метавонад ба рушди босуръати низоми буҷетӣ оварда расонад.

**Ҷадвали 3.1.1. – Шумораи андозсупорандагон дар миқёси ҷумҳурӣ, тайи солҳои 2017-2022 (адад)**

| Солҳо | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2022/ 2017 (+,-) | 2022/ 2017 (%) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 |
| **Шумораи андозсупорандагон (Ба истиснои соҳ.тибқи патент фаъолияткунанда)** | 205 345 | 214 520 | 221 154 | 229 905 | 234 571 | 240 710 | 35365 | 117,2 |
| **Шумораи андозсупорандагон** | 301 298 | 315 890 | 326 491 | 335 305 | 338 762 | 340 115 | 38817 | 112,9 |
| **Давоми ҷадвали 3.1.1.** | | | | | | | | |
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **аз ҷумла; шахсони ҳуқуқӣ** | 31 205 | 31 174 | 30 929 | 31 265 | 30 938 | 32 853 | 1648 | 105,3 |
| **аз ҷумла: шахсони воқеӣ (соҳибкорон)** | 270 093 | 284 716 | 295 562 | 304 040 | 307 824 | 307 262 | 37169 | 113,8 |
| **- Патент** | 95 953 | 101 370 | 105 337 | 105 400 | 104 191 | 99 405 | 3452 | 103,6 |
| **- соҳибкорони инфиродӣ** | 32 097 | 33 572 | 34 604 | 37 264 | 36 635 | 35 749 | 3652 | 111,4 |
| **- хоҷагиҳои деҳқонӣ (воқеӣ)** | 142 043 | 149 774 | 155 621 | 161 376 | 166 998 | 172 108 | 30065 | 121,2 |

***Сарчашма:** Таҳияи муаллиф бо истифода аз ҳисоботи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон/ - [захираи электронӣ] – URL: - https://andoz.tj/docs/Deytelnost/NishondihandahoiAsosu_Tj.pdf

Тибқи маълумотҳои овардашуда маълум гардид, ки тайи солҳои 2017-2022 шумораи андозсупорандагон ба тадриҷ зиёд гардидаанд. Аз шумораи 31 205 адад андозсупорандагон дар соли 2017 ба 340 115 адад дар соли 2022 баробар гардида, ки 1,05 маротиба зиёд мебошад.

Сарчашмаи аз байн бурдани андозе, ки дар чунин давра ба буҷет кам ворид мегардад, аз ҳисоби сармоягузориҳои дохилию хориҷӣ ва ташкили корхонаҳои нав дар кишвар пайдо карда метавонем. Муҳим аст, ки дараҷаи андозбандӣ ҳар қадар паст, устувортар ва пешгуишаванда бошад, сармоягузорон ба сохтмони саноати калон, махсусан саноати вазнин ташабус менамоянд. Чунин шароит барои Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳим аст, зеро раванди индустрикунонии хоҷагии халқ дар шароити муосир аҳамияти хоса дорад.

**Ҷадвали 3.1.2. – Ҳаҷми сармоягузориҳо дар соли 2011-2022 (млн.сомонӣ)**

| № | Солҳо | Сармоягузорӣ | Давлатӣ | Аҳолӣ | Ташкилотҳои дигар |
|---|---|---|---|---|---|
| **1** | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 |
| **1** | 2011 | 4988,3 | 2490,0 | 452,4 | 2045,9 |
| **2** | 2012 | 4540,2 | 2018,5 | 422,5 | 2099,2 |
| **3** | 2013 | 5796,8 | 2426,0 | 465,0 | 2905,8 |
| **4** | 2014 | 7492,7 | 3104,0 | 538,1 | 3850,6 |
| **5** | 2015 | 9749,9 | 3446,0 | 572,4 | 5731,5 |
| **6** | 2016 | 11179,7 | 4399,9 | 483,5 | 6296,3 |
| **7** | 2017 | 11371,6 | 5013,8 | 457,5 | 5900,3 |
| **8** | 2018 | 13361,0 | 6468,8 | 436,3 | 5788,2 |
| **9** | 2019 | 12517,8 | 6261,4 | 468,2 | 5788,2 |
| **10** | 2020 | 11775,5 | 5714,3 | 612,0 | 5429,3 |
| **11** | 2021 | 15124,9 | 6174,2 | 606,6 | 8344,1 |

**Давоми ҷадвали 3.1.2.**

| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 |
|---|---|---|---|---|---|

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| **12** | 2022 | 16655,2 | 6713,9 | 658,8 | 9282,5 |
| **12** | 2022/2011 (+,-) | 11666,9 | 4223,9 | 206,4 | 7236,6 |
| **13** | 2022/2011 маротиба | 3,3 | 2,7 | 1,5 | 4,5 |

***Сарчашма:** Таҳияи муаллиф бо истифода аз маҷмуаи оморӣ: Тоҷикистон: 30-соли Истиқлолияти давлатӣ. С - 483; Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2022. – С. 293;

Вобаста ба маълумотҳои овардашуда, маълум гардид, ки давлату ҳукумат дар даврони истиқлолият, таваҷҷуҳ ба фаъолияти сармоягузори намуда, нишондиҳандаҳои ин фаъолиятро ба тадриҷ баланд намудааст. Дар давоми солҳои 2011 – 2022 вобаста ба маълумотҳое, ки дар ҷадвали боло овардаем ба мо маълум гардид, ки рушди фаъолияти сармоягузорӣ сол аз сол зиёд гардида, дар давоми солҳои 2011 – 2022 ба 4,5 маротиба афзун гардидааст. Аз ин лиҳоз, чунин меҳисобем, ки омили асосии ҷалби сармоягузориҳо дар кишвар ин бечуну чаро коҳиш додани сатҳи гаронии андоз мебошад.

Қобили зикр аст, ки дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, сенарияҳои зерини рушд муайян карда шудаанд:

1. Рушди инерсиалӣ;
2. Рушди индустриалӣ;
3. Рушди индустриалӣ-инноватсионӣ.

Татбиқи ин сенарияҳо дар оянда баҳри ба эътидол даровардани гаронии андоз ва суботи иқтисодӣ мусоидат мекунад.

Сенарияи инерсиалӣ – тахмин меравад, ки модели рушди аграрию саноатӣ боқӣ мемонад, аммо роҳи ҳалли мушкилоти инфрасохторӣ ва дараҷаи баланди вобастагӣ тағйир намеёбад. Дар ин сенария рушди иқтисодӣ тавассути маблағгузорӣ аз сарчашмаҳои беруна, аз ҷумла интиқоли маблағҳои муҳоҷирони корӣ, сармоягузорӣ ва истеъмолро ҳавасманд мекунад. Дар ин маврид ҳиссаи бахши кишоварзӣ дар ММД нисбат ба бахши саноат то охири давраи пешбинишаванда пешсаф буда, коҳиши ин тафовут дар марҳилаҳои панҷсола мушоҳида мешавад: яъне мутаносибан дар соли

2021. -2025, 22-22,5 фоиз ва 15-15,5 фоиз ва дар солҳои 2026-2030 22,5-23 фоиз ва 19-19,5 фоиз.

Суръати миёнаи солонаи афзоиши ММД дар тамоми давраи пешбинишаванда аз 6-7 то 4-5 фоиз кам мешавад ва хачми ММД дар тамоми давраи пешбинишаванда ду баробар меафзояд.

Тибқи ин сенарияи рушд, суръати афзоиши ММД дар панҷ сол (2026-2030) 5-6 фоизро ташкил медиҳад.

Сенарияи рушди индустриалии – ин сенария истифодаи бомуваффақияти захираҳои замину об, лоиҳаҳои фаъоли энергетикӣ ва инфрасохторӣ, энергетика ва ғайра, инчунин ба кор андохтани иқтидорҳои нави истеҳсолӣ дар саноат ва кишоварзиро пешбинӣ мекунад. Дар доираи ин сенария ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ 4,2 баробар, саноати истихроҷи маъдан 5,7 баробар, саноати коркард 4,3 баробар, истеҳсол ва тақсими нерӯи барқ, газ ва об 2,9 баробар меафзояд.

Соҳаи сохтмон дар сохтори ММД аз 17-17,6 фоиз (2021-2025) афзоиш ёфта, то соли 2030 ба 18,5-19,5 фоиз мерасад.

Сенарияи индустриалӣ-инноватсионӣ ислоҳот дар соҳаи маориф ва омодасозии мутахассисони муосир дар асоси бунёди заминаҳои рушди инноватсионии иқтисоди кишварро пешбинӣ мекунад. Имконияти эҷоди равандҳои инноватсионӣ дар ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, таҳкими заминаи ҳуқуқии рушд, такмили низоми ҳуқуқӣ ва пурзӯр намудани ҳифзи ҳуқуқи моликият, аз ҷумла моликияти зеҳнӣ, фароҳам овардани шароит барои афзоиши сармоягузории мустақими дохилӣ ва хориҷӣ вуҷуд дорад.

Тибқи ин сенария суръати афзоиши ММД тақрибан 8-9 фоизро ташкил дода, ҳаҷми ММД 3,5 баробар ва ММД ба ҳар сари аҳолӣ 2,7 баробар меафзояд. Тибқи ин сенария, суръати афзоиши ММД дар панҷ соли охир (2026-2030) 9-10 фоизро ташкил медиҳад.[151]

[151]Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030- Душанбе- 2016.- С.17-19.

Мутаассифона, масъалаҳои танзими андозии иқтисодиёт дар СМРТ дар давраи то соли 2030 хеле кам баррасӣ мешаванд, ки ин боиси якҷонибаи ин фишанги танзими иқтисодӣ мегардад. Аз ҷумла, масъалаи сиёсати андоз дар шароити муосир хеле муҳим дониста мешавад.

Сиёсати мутавозини андоз бешубҳа омили баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум мебошад. Сатҳи муътадили гаронӣ ва устувори андоз, маблағҳои зиёдеро озод мекунад ва ин боиси беҳтар шудани зиндагии мардум мегардад.

Сиёсати мутавозуни андоз манбаи андозро хеле васеъ намуда, дараҷаи ҷамъоварии андозро ба буҷет баланд мебардорад. Ин вазъият захираҳои молиявии давлатро зиёд карда, имконият медиҳад, ки аз ҳисоби аз нав тақсим кардани хароҷоти буҷет ҳиссаи маблағи мутлақи барои мақсадҳои иҷтимоӣ ҷудо кардашуда, хеле зиёд карда шавад. Яъне, хароҷот барои ҳифзи саломатии мардум, рушди маориф, фарҳанг, нафақа ва ҳама гуна кӯмакҳои иҷтимоӣ зиёд мешавад.

Сиёсати мутавозуни андоз дар сурате ба даст меояд, ки принсипи субъективӣ аз доираи низоми андоз хориҷ карда шавад. Умуман, вобастагии шахс омили ноустувории рушди низоми андоз мебошад. Чунин ба назар мерасад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсири шахси воқеӣ дар муносибатҳои андоз сабаби ноаёни баланд шудани сатҳи гаронии андоз мебошад.

$$\text{ГА} = \frac{\text{АВП}}{\text{ММД} * \text{ҲИП} - \text{И}} * 100\% \quad (3.1.)$$

ММД - маҷмуи маҳсулоти дохилӣ

ҲИП- ҳиссаи иқтисоди "пӯшида";

И – истеҳлок.

Чунин менамояд, ки шумораи зиёди корхонаҳои (миёна, калон ва бузур) ба тозагӣ андоз намесупоранд ва ё хеле кам андоз месупоранд. Сабаби инро мо дар иқтисоди пӯшида мебинем. Бояд гуфт, ки агар мо ба мубориза барои барҳам додани манбаъҳои андозбандинашаванда шуруъ кунем, он гоҳ

тамоми омилҳое, ки ба ҷамъоварии даромади давлат таъсир мерасонанд, аз байн рафта, даромаду хароҷоти буҷет бештар аз ду баробар меафзояд, касри буҷет тамоман барҳам мехурад. Коршиносони андоз таъйид кардаанд, ки ҳиссаи иқтисоди пӯшида дар Ҷумҳурии Тоҷикистон беш аз 50 дарсади ММД-и воқеиро ташкил медиҳад, яъне амалан як буҷаи дигар ифшо нашудааст.

Гуфтаҳои боло гувоҳӣ медиҳанд, ки амалиёти имрӯзаи ҷамъоварии андозҳо ба ҳалли вазифаи фискалии низоми андоз халал расонида, яъне ташаккули фондҳои пулии умумидавлатӣ ба монеаҳои ҷиддӣ дучор шудааст. Ба ин далел, вазъи буҷети ҷумҳурӣ ба рушди бахши воқеии иқтисод, ба хусус бахши истеҳсолӣ хатари ҷиддӣ эҷод мекунад. Аз сабаби набудани буҷет барои рушди босуръати инфрасохтори истеҳсолӣ давлат маҷбур аст, ки аз кишварҳои хориҷӣ ва созмонҳои байналмилалии молиявӣ ва иқтисодӣ қарз бигирад.

**Ҷадвали 3.1.3. –Динамикаи даромаду хароҷоти буҷети давлатӣ***

**(млн.сомонӣ)**

| № | Нишондиҳандаҳо | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2022/2013 (+,-) | 2022/2013 (маротиба) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 10 | 11 | 12 | 13 | 14 |
| 1 | Даромади пулии аҳолӣ | 22346,2 | 24196,5 | 25569,8 | 31373,0 | 37247,5 | 41083,9 | 47986,3 | 65347,0 | 80508,8 | 95124,6 | 72778,4 | 4,26 |
| 2 | Хароҷоти пулӣ ва пасандози аҳолӣ | 27202,1 | 33570,1 | 34968,0 | 36711,7 | 38430,6 | 42346,4 | 48857,2 | 72547,2 | 91885,0 | 110606,2 | 83404,1 | 4,07 |
| 3 | Даромади буҷети давлатӣ | 12276,6 | 14427,4 | 16586,5 | 18483,8 | 23307,3 | 24097,2 | 23490,4 | 25065,0 | 30053,8 | 36056,8 | 23780,2 | 2,94 |

**Давоми чадвали 3.1.3.**

| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 10 | 11 | 12 | 13 | 14 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **4** | Ба ҳисоби фоиз нисбат ба ММД | 30,3 | 31,6 | 34,3 | 33,9 | 38,1 | 35,0 | 30,4 | 30,4 | 30,4 | 31,1 | 0,8 | 1,03 |
| **5** | Хароҷоти буҷети давлатӣ | 11591,6 | 13190,4 | 16277,4 | 18294,3 | 22264,2 | 24187,4 | 23806,6 | 24812,5,7 | 29342 | 35338,9 | 23747,3 | 3,05 |
| **6** | ба ҳисоби фоиз нисбат ба ММД | 28,6 | 28,9 | 33,6 | 33,6 | 6,4 | 35,1 | 30,8 | 30,1 | 29,7 | 30,5 | 1,9 | 1,07 |
| **7** | Фоидаи каср | 685 | 1237 | 309,1 | 189,5 | 1043,1 | -90,2 | -316,2 | 252,5 | 711,8 | 717,9 | 32,9 | 1,05 |

***Сарчашма:** Таҳияи муаллиф бо истифода аз маҷмуаи оморӣ: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2022. – С. 10-13; Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2023. – С. 12-16;

Аз нишондиҳандаҳои ҷадвали овардашуда маълум мегардад, ки ҳарчанд нишондиҳандаҳои даромаду хароҷоти буҷети давлатӣ нисбат ба солҳои пешин зиёд шуда бошад ҳам, мутаассифона дар соли 2019 нақшаи даромаду хароҷот нисбат ба соли 2018 кам шудааст, ки ин аз таназзули соҳибкорӣ дар ҷумҳурӣ дарак медиҳад. Дар ин маврид мо ҷустуҷуи манбаъҳои ғайриандозиро муҳим мешуморем.

Муҳим аст, ки андозҳо аз сабаби тадбирҳои баланди андоз вазифаи танзими иқтисодиётро пурра иҷро намекунанд. Яъне дар ин маврид мавқеи давлат дар танзими иқтисод низ хеле маҳдуд аст. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муқоиса бо бархе аз ҷумҳуриҳои пасошӯравӣ имкони ҳавасмандгардонии субъектҳои соҳибкорӣ тавассути имтиёзҳои андоз камтар дорад, ки бори гарони андозро ба вуҷуд овардааст. Мо чунин мешуморем, ки низоми муосири андоз имкони ҳавасмандгардонии чунин тадбирҳо, аз қабили озодкунии андоз, таътилҳои андоз ва ғайраро надорад. Яъне ин маънои онро надорад, ки дар низоми андоз имтиёз ва таъхири андоз вуҷуд надорад. Вале барои ба вуҷуд овардани рақобати солим дар бозор, чунин имкониятҳоро мебояд истифода намуд.

Аз ин лиҳоз, бояд меъёри андозҳои ғайримустақиро дар корхонаҳои истеҳсолии резидентӣ паст намоем, то ин ки молҳои истеҳсолнамуда дар бозори дохили мавқеи худро пайдо кунанд ва мутаносибан баланд намудани андозҳои ғайримустақим ба молҳои воридотӣ боиси он мегардад, ки сиёсати давлат дар нигоҳ доштани манфиатҳои миллӣ таъмин гардад.

Ҳамин тавр мебояд, ки оиди таҳлилҳое, ки дар боло қайд намудем, баҳри ба эътидол даровардани сатҳи гаронии андоз, кормандони масъул оиди нерӯи мавҷудаи андоз, тасаввуротҳои худро пайдо намуда ба мақомоти олии салоҳиятноки кишвар таклифҳои доир ба пурқувват намудани чораҳои танзими гаронии андозро намоянд.

Дар шароити имрӯза мебояд, ки ҳар як нозири андоз бояд таҳлили иқтисодӣ гузаронад ва гаронии андозро ба рушди минбаъдаи ширкатҳои вобаста ба он арзёбӣ намояд. Инчунин ба андозсупорандагон оид ба ӯҳдадориҳои андозашон маслиҳат диҳад. Яъне, бояд роҳбарияти нозироти андози ноҳияҳо ва шаҳрҳо дар якҷоягӣ бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ба соҳибкорон роҳҳои баланд бардоштани иқтидори иқтисодию молиявии ширкатҳоро фаҳмонанд.

Ба даст овардани чунин пешравӣ аз ҳисоби коҳиши гаронии андоз маънои онро дорад, ки ҳамакнун ширкатҳо имкон пайдо мекунанд, ки ҳаҷми истеҳсоли маҳсулотро сол ба сол афзоиш диҳанд ва буҷети давлат, ҳама мушкилотеро, ки имрӯз ҳал нашудаанд, аз байн мебарад.

Ин раванд талаб мекунад, ки муомилот ҳангоми муайян кардани маблағи андоз ба гаронии андоз иваз карда шаванд. Масалан, дар Аврупо гаронии андоз аз фоидаи соф ҳисоб карда мешавад, ки онро аз нигоҳи методологӣ дуруст ҳисоб кардан мумкин аст, зеро имрӯз барои дастгирии шахсони ҳуқуқӣ мо бояд ба пардохтҳои пардохткардаи онҳо диққат диҳем.

Вақте ки гаронии андозҳо якбора баланд мешавад, чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки корхонаю ширкатҳо аз имконияти такрористехсолкунии васеъ маҳрум шуда, такрористехсолкунии оддиро давом дода наметавонанд. Дар ин ҳолат субъектҳои хоҷагидор амволи худро

мефурӯшанд ва қарзи андозро мепардозанд. Масалан, хочагиҳо дар ин маврид говҳои сермаҳсули худро фурухта, маблағи андозро месупоранд, ташкилоти сохтмони бошад, грейдер ё булдозери фурухта, қарзи андозро мепардозад.

Аммо мо вазъияти дигареро баён менамоем, ки ҳамаи ширкатҳое, ки нишондиҳандаҳои хуби молиявӣ надоранд, андоз месупоранд. Агар механизмҳое қабул нашаванд, ки ин гуна субъектҳоро ба по хезонад, ин боиси муфлисшавии ширкатҳо ва ё гурехтани онҳо аз кишвар мегардад.

Дарвоқеъ, гаронии нисбии андоз аз маълумоти расмӣ зиёдтар аст. Дар ҳоле ки сатҳи гаронии андоз мӯътадил аст, бешубҳа, ҳаҷми андозҳои ба буҷет воридшаванда афзоиш ёфта, сатҳи гарони андоз коҳиш меёбад.

Вақти он расидааст, ки сохтори андози ҷумҳурӣ дар танзими гаронии андоз интихоби дуруст кунад: ё гаронии тоқатнопазири ва ё манбаи васеи андозбандӣ, ки дар асоси сатҳи пасти андозбандӣ ба миён меояд.

Мутаассифона, сохтори андоз то ҳол ба ин интихоб таваҷҷуҳи ҷиддие надодааст ва ҷомеаи илмӣ дар ин бора пажӯҳиши дуруст анҷом надодааст.

Ёдовар мешавем, ки гаронии андоз омили ҷудонашаванда ва муҳими ҷалби сармоя мебошад. Пеш аз қабули қарор, сармоягузорони хориҷӣ бисёр фикр мекунанд - оё ин маблағ гузоштан меарзад ё не?

Аз ин рӯ, мо чунин мешуморем, ки дар ҳуҷҷатҳои танзимкунандаи муносибатҳои андоз, махсусан дар Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ислоҳоти нави андоз амалӣ карда шавад, ки ҳадафҳои асосии он паст кардани сатҳи гаронии андоз ва васеъ намудани манбаи андоз мебошад. Чунин ислоҳот имкон дорад, ки иштироки шахсиро дар муносибатҳои андозбандӣ маҳдуд созад.

Вобаста ба муайян намудани самтҳои афзалиятноки танзими гаронии андоз, чунин хулоса менамоем, ки:

1. Мақсади ислоҳоти андоз мутобиқ намудани низоми андоз ба шарту шароити иҷтимоӣ иқтисодии кишвар дар замони гузариш ба иқтисодиёти кишвар мебошад;

2. Яке аз самтҳои афзалиятноки танзими гаронии андозро мо метавонем дар ҳолати банақшагирии андозҳо аз ҷониби андозсупорандагом ташбеҳ диҳем;

3. Банақшагирии андоз, ҳолате ҳисобида мешавад, ки аллакай андозсупоранда дар ин давра сатҳи эътидоли гаронии андозро эҳсос мекунад ва уҳдадориҳои инфиродии худро дар назди давлат ба нақша гирифта, роҳҳои канораҷӯи ва саркаши аз пардохти андозро ҷӯё нагардад;

4. Чунин меҳисобем, ки самти дигари танзими гаронии андоз дар ҳолати татбиқи дурусти принсипҳои низоми андозӣ, амалӣ мегардад.

### 3.2. Роҳҳои коҳишдиҳии гаронии андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар шароити кунуни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва баромадани он аз гумбасти камуникатсионӣ, такмили амалии механизми танзими гаронии андоз барои рушди субъектҳои соҳибкорӣ аҳамияти хоса дорад. Дар адабиёти муосири илмӣ ва амалӣ оид ба омӯзиши муайянкунии гаронии андоз, таъсири имтиёзҳои андоз ба нишондиҳандаҳои иқтисодии кишвар ва оқибатҳои он дар сохтори давлатӣ, аҳаммияти муҳими амалӣ дошта, мушкилотҳои мушаххасеро баррасӣ менамояд.

Ислоҳоти чанд соли охири низоми андозбандӣ ва тадбирҳои паст намудани гаронии андоз бо роҳи паст кардани меъёрҳои андоз, аз низом баровардани андозҳои алоҳида ва манъи маҳдудиятҳои беасос барои пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ мусоидат мекунад.[152].

Ислоҳоти низоми андоз бо ҳавасмандгардонии фаъолияти сармоягузории субъектҳои хоҷагидорӣ мусоидат менамояд.

Ба ақидаи Салимова, М. М. яке аз «...самтҳои асосии паст намудани гаронии андоз ин ба қадри имкон содагардонии иҷрои уҳдадориҳои андоз

[152]Салимова, М.М. Приоритеты налоговой политики и основные направления снижения налоговой нагрузки в условиях влияния мирового финансового кризиса / М. М. Салимова, М. А. Абдурашидова // Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. Серия общественных наук. – 2016. – № 4(69). – С. 5-13.

барои андозсупорандагон ва баланд бардоштани рейтинги байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати пешбурди соҳибкорӣ мебошад».[153]

Маврид ба қайд аст, ки дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки тайи солҳои охир ба низоми андози миллӣ, ислоҳотҳо гузаронида шуд ба инобат гирифтани меъёри сатҳи миёна аз мадди назар дур намондааст.

Мо чунин мешуморем, ки вазифаи танзими андоз дар шароити иқтисоди бозорӣ, омили ҳавасмандгардонии қувваҳои рақобаткунанда мебошад. Дар муътадил будани меъёрҳо таъсири мусбӣ андоз метавонанд ба хароҷотҳои зерин оварда расонад:

- ✓ рушди соҳибкорӣ;
- ✓ болоравии ҳосилнокии меҳнат ва самаранокии истеҳсолот;
- ✓ паст гардидани иқтисодиёти пинҳонӣ;
- ✓ афзоиши истеҳсолот.

Қобили зикр аст, ки масъалаи ислоҳоти низоми андоз барои рушди фоидаи ширкатҳо, яке аз ғояҳои аввалини татбиқи соддагардонии андозҳои мустақим дар кишварҳои ҷаҳон аст.

Соли 1986 Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ислоҳоти андозро қабул кард, ки ҳадафи он ҳавасманд кардани ҷомеа ба сармоягузорӣ, пасандознамоӣ ва эҷоди иқтидори нави рушди иқтисодӣ буд. Ислоҳоти мазкур боиси хеле паст шудани меъёри андоз аз даромади корхонаҳо гардид ва барои зиёд шудани воридотҳои андозҳо ба буҷети давлат асос гардид. Бо назардошти ба амал баровардани сиёсати паст кардани меъёри андоз дар ин кишвар, он дар як вақт бо бекор кардани баъзе имтиёзҳои андоз ва татбиқи принсипи «андозҳои баробар барои даромади баробар» амалӣ карда шуд. Чунин ислоҳот ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ шароит фароҳам овард, ки аз низоми мавҷудаи сармоягузориро ба фаъолияти илмию техникӣ ва бахшҳои истеҳсолию

[153]Салимова, М. М. Приоритеты налоговой политики и основные направления снижения налоговой нагрузки в условиях влияния мирового финансового кризиса / М. М. Салимова, М. А. Абдурашидова // Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. Серия общественных наук. – 2016. – № 4(69). – С. 5-13.

озодии маблағҳо ба даст оранд ва аз тариқи андозбандии мӯътадил, дивидендҳо гиранд.[154]

Бо истифода аз таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ, ислоҳоти низоми андози Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди ба даст овардани истиқлолият, идома дорад. Дар ин бобат як қатор натиҷаҳо ба даст оварда шуданд, ки ба устувории иқтисодиёти миллӣ таъсири мусбат расонданд. Аммо дар ин самт ҳанӯз бисёр масъалаҳои баҳснок мавҷуданд. Ба монанди соддагардонии низоми андоз ва омафаҳм будани он метавонад ба рушди минбаъдаи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва афзоиши фаъолияти сармоягузорӣ дар кишвар мусоидат намояд.

Дар раванди ҷаҳонишавӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон якчанд маротиба, ислоҳотҳои ҷидиро паси сар намудааст, ки дар пайи он шумораи андозҳо кам гардида, меъёрҳои он коҳиш ёфта, имтиёзҳо дар бахшҳои фаъолияти хоҷагидорӣ зиёд гардиданд, ки мо онҳоро ба зербобҳои гузашта ба таври муфассал шарҳ додаем.

Омили муҳимми дигар ин тақсимоти нобаробари гаронии андоз байни андозсупорандагон ба шумор меравад. Фаҳмост, ки напардохтани андоз, аз як тараф, гаронии андози андозсупорандаи бемасъулиятро паст менамояд, аз тарафи дигар, онро ба дӯши андозсупорандагоне мегузарад, ки андозҳоро ба пурраги пардохт менамоянд ва ин боиси ба вуҷуд омадани рақобати носолим дар бозор мегардад.

Ҳамзамон, муайян кардани гаронии андоз дар як соҳаи мушаххас бо истифода аз нақшаҳои гуногуни андозии банақшагирифташуда истифода гардад, дар ҳоле ки низоми танзими гаронии андоз, нисбат ба бахшҳои гуногун, имтиёзҳои андоз ва коҳишдиҳии меъёри андоз, чун омили танзими гаронии андоз баромад мекунанд.

Мушкилоти татбиқи имтиёзҳои андозӣ дар миқёси ҷумҳирӣ, масъалаи дигар мебошад. Мутаассифона бахше аз андозсупорандагоне, ки бояд имтиёзи андозиро истифода намоян, хабардор нестанд. Мушкилоти мазкурро

[154]Васильев, В.С. Налоговые реформы Р. Рейгана и Д. Трампа: эволюция приоритетов / В. – С. Васильев // США и Канада: экономика, политика, культура. – 2018. – № 8(584). – С. 5-25

метавон ба ҳолати корбарии баъзе шахсиятҳои ваколатдор дар сохторҳои минтақавии мақомоти андоз, тарҷеҳ дод. Дар ҳоле, ки андозсупорандагон ба қайд гирифта мешаванд, онҳо ба андозсупорандагон имтиёзҳои ба онҳо таалуқдоштаро баё намекунанд, ки чунин ҳолат боиси гаронии андоз ба души аҳолӣ мегардад.

Чунин ҳолат, ба ақидаи мо, мухолифатро дар принсипи асоснокӣ ва ҳамкории иштирокчиёни муносибатҳои андозӣ, ки дар Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудааст ба вуҷуд меорад. Ҳол он ки моҳияти принсипи мазкур чунин аст: «...Асоснокии андозбандӣ маънои дар қонунгузории андози Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудани ҳамаи унсурҳои андоз, андозсупоранда, имтиёзҳои андозӣ, тартиб, иҷро ва қатъ намудани уҳдадориҳои андозро ифода менамояд. Дар доираи муносибатҳои андозӣ мақомоти андоз уҳдадоранд бо мақсади иҷрои қонунгузории андози Ҷумҳурии Тоҷикистон бо андозсупоранда ҳамкорӣ намоянд. Дар баробари ин, мақомоти андоз ҳуқуқ надоранд ба фаъолияти қонунии андозсупоранда монеаи сунъӣ эҷод намоянд, андозсупоранда бошад уҳдадор аст ба мақомоти андоз барои амалӣ намудани ваколатҳояшон мусоидат кунад».[155]

Имтиёзҳои андози омиле мебошад, ки сатҳи гаронии андозро ба эътидол медарорад ва шахсро аз пардохт кардани андоз қисман ва ё пурра озод менамояд. Гуфтан бамаврид аст, ки имрӯз ҳамаи номгӯи андозҳое, ки дар низоми андози модели милидошта мавҷуданд, дорои имтиёзҳои хоси худанд. Аммо ба ақидаи мо, беҳтар мебуд имтиёзҳои андозии бесамар кам мегардиданд ва ба он шахсоне, ки фаъолияти соҳибкориро шуруъ мекунанд ба муҳлатҳои муайян аз пардохтҳои андоз намоянд.

В.В. Коровкин вобаста ба имтиёзҳои андоз чунин қайд менамояд, ки «...имтиёзҳои андозӣ ин ба гурӯҳҳои муайяни андозсупорандагон

---

155 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон - 01.01.2022. Боби 2. Моддаи 10. – С.15-18.

(боҷсупорандагон) дода шуда, имкон меоварад, ки уҳдадории андози худро нисбат ба дигар андозсупорандагон кам супорад».[156]

Дар баробари ин дар асари як қатор муаллифон, норавшанӣ ва номуайянии таърифи қонунгузории имтиёзи андоз мавҷуд аст, ки дар он набудани аломатҳои зарурии ин категорияи иқтисодиро мушоҳида мегардад.

И.А.Майбуров ва А. Соколовская қайд мекунад, ки «...камбудии умумии таърифҳои имтиёзҳои андоз, ки дар адабиёти махсус пайдо шудаанд, ки тафсири хеле васеъи онҳо мебошад ба мукаммалӣ ва имконнопазирии имтиёзҳои андоз гашта ва дар пайи он бори гаронии андозро ба андозсупорандагон ба миён овардааст. Муаллифон мафҳуми зеринро пешниҳод мекунанд: Имтиёзи андоз ин канорагирӣ аз талаботи меъёрии андозбандии пешниҳодшудаи қонунгузорӣ дар бораи андозҳо ва пардохтҳо, ки ба гурӯҳи алоҳидаи андозсупорандагон имкон медиҳад, ки аз пурра ё қисман озод гарданд аз пардохти андоз».[157]

Муаллифони дигар низ таваҷҷуҳи худро ба зарурати рафъи нодурустии қонунгузорӣ дар таърифи имтиёзи андоз ҷалб карданд, ки ин имкон медиҳад, тафсири васеъи он ва ҷудо кардани имтиёзҳои воқеии андоз аз механизмҳои шабеҳ боиси баланд гардидани сатҳи гаронии андоз нагардад.

Н.А. Соловева пешниҳод менамояд, ки «...имтиёзи андоз ҳамчун бартариҳо нисбати гурӯҳи алоҳидаи андозсупорандагон пешбинишуда дар муқоиса бо дигар андозсупорандагон, ки аз имкони напардохтани андоз ё ба андозаи камтар пардохтани он иборатанд, муайян карда шавад. Барои дигар механизмҳои кам кардани гаронии андоз, муаллиф пешниҳод мекунад, ки мафҳуми преференсияҳои андоз, яъне роҳҳои тағйир додани иҷрои уҳдадории супоридани андозҳо, ки аз имконияти тағйир додани тартиб ва муҳлати пардохти андозҳо, инчунин бекор кардан ё кам намудани ҷазо

---

[156]Коровкин В.В. Основы теории налогообложения: учебное пособие /В.В.Коровкин. -М.; Экономисъ, 2016.- С.302-309.

[157].Майбурова И.А. Налоги и налогообложение: учебник /Под ред. И.А.Майбурова.- 4е изд.-М.: Юнити-Дана, 2015.-С.219-227.

ҷиҳати вайрон кардани қонунгузории андоз ва пардохтҳо истифода бояд гардад».[158]

Ба пешниҳоди Н.А. Соловева оид ба преференсияҳои андоз рози шуда наметавонем, чун ки ҳолати мазкур ба бепарвоии ва хунукназарии андозсупорандагон оварда мерасонад, ки дар натиҷа зарари ҷидди ба буҷети давлат мерасад. Дар ҳоле ки андозсупоранда эҳсоси нисбатан дертар супоридани андоз ва ё барои пардохт накардани маблағи андоз ҷаримаи кам пешбини шуданашро донад, дар чунин ҳолат дидаю дониста истифода мебарад аз чунин имкониятҳо. Аз ин лиҳоз, пешниҳоди мазкурро мебояд, ки аз ҷиҳати илмӣ ва манфиатҳои тарафайн мавриди такмил ва омӯзиш қарор диҳем.

Ба ақидаи мо, беҳтар мебуд, ки преференсияҳои андозӣ тариқи додани марҳилаҳо сурат гирад. Масалан, дар давоми ду сол як маротиба истифода намудани таъхиргузории пардохти андоз ва ё дар ҳолати дуюм маротиба дар давоми як сол содир намудани қонунвайронкуниҳои андозӣ, ки боиси бастани ҷарима мегардад, дукарата ва аз ин ҳам баландтар сурат гирад.

Мусаллам аст, ки бо қабул гардидани Кодекси андоз дар таҳрири нав ва мавриди амал қарор гирифтани он аз 01.01.2022 ба таъмини рушди иҷтимоиву иқтисодии кишвар, дастгирии давлатии субъектҳои соҳибкорӣ, бахусус соҳибкории истеҳсолӣ ва ба равандҳои муосири ҷаҳонӣ мутобиқ намудани низоми андозбандии кишвар нигаронида шудааст.

Дастгириҳои давлатӣ дар бахшҳои гуногун, тавасути додани имтиёзҳо амалӣ мегардад. Татбиқи имтиёзҳо дар бахшҳо, метавонад ҳавасмандгардониҳоро ба вуҷуд орад. Ҳамзамон ҳангоми истифодаи имтиёзҳо, андозсупорандагон аз пардохти андоз пурра ва ё қисман озод мегарданд, ки ин ҳолат ташаббусҳоро дар рушди иқтисодиёт ба вуҷуд меорад ва сатҳи гаронии андозро ба эътидол медарорад.

---

[158] Соловьева Н.А. Налоговые вычеты и налоговые льготы: проблемы соотношения и законодательного закрепления: монография / Н.А. Соловьева. – М.: КНОРУС, 2014. – С.104-110.

«...дар замони истиқлолият аз ҷониби давлату Ҳукумат ба рушди соҳибкориву сармоягузорӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардида, то имрӯз ба соҳибкорону сармоягузорон зиёда аз 120 имтиёз ва сабукиҳои андозиву гумрукӣ пешниҳод карда шуданд ва шумораи сохторҳои бақайдгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ аз 4 ба 1, мӯҳлати бақайдгирӣ аз 49 ба 3-5 рӯз кам карда, ба таври ройгон ба роҳ монда шуд. Ҳамзамон пешниҳод гардид, ки то охири соли 2022 раванди бақайдгирии субъектҳои соҳибкорӣ дар давоми 24 соат, аз ҷумла ба таври электронӣ ба роҳ монда шавад»[159].

Ҷорӣ гардидани имтиёзҳои нав ба нав дар низоми андоз, аз як тараф, ҳолати ҳавасмандгардониро дар байни субъектони фаъолияти хоҷагидорӣ ба вуҷуд орад, аз тарафи дигар, зарар ба сиёсати фискалии давлат мегардад. Аз ин лиҳоз, давлату ҳукумат ҳангоми банақша гирифтани буҷети давлат ба инобат мегиранд таъсири имтиёзҳои андозиро ба сатҳи даромади давлат. Ҳамзамон дар баробари дарёфти сарчашмаҳои нави даромаднокӣ дар низоми буҷет, метавонанд марҳила ба марҳила имтиёзҳои андозиро дар низоми андоз зиёд гардонанд.

**Ҷадвали 3.2.1. – Ҳиссаи имтиёзҳои андозӣ дар даромадҳои андозӣ мутобиқ ба солҳои 2015-2021 (млн.сомонӣ)***

| № | Номгуи макомоти андоз | | Хамаги Ҷумхурӣ | ВМКБ | Вилояти Хатлон | Вилояти Сугд | шахри Душанбе | Хамаги НТЧ | РААК ва нозиротхои он |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 2 | | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 |
| 1 | 2015 | Манбаи андоз | 12164,78 | 0,720 | 384,38 | 2818,172 | 6516,6 | 45,59 | 2399,2 |
| | | Маблағи имтиёз | 2148,03 | 0,036 | 66,64 | 505,049 | 1143,0 | 6,015 | 427,28 |
| 2 | 2016 | Манбаи андоз | 13119,61 | 5,042 | 685,48 | 4218,27 | 5581,6 | 120,46 | 2508,6 |
| | | Маблағи имтиёз | 2240,295 | 0,907 | 118,38 | 691,59 | 965,5 | 20,04 | 443,79 |
| 3 | 2017 | Манбаи андоз | 17431,05 | 2,106 | 1287,44 | 5194,21 | 7132,7 | 221,48 | 3593,05 |
| | | Маблағи имтиёз | 2801,107 | 0,105 | 209,87 | 902,71 | 1125,2 | 26,09 | 537,05 |

[159] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ». URL [Режим доступа]:. http://prezident.tj/node/27417. Санаи муроҷиат 21.12.2021

**Давоми чадвали 3.2.1.**

| 1 | 2 | | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **4** | 2018 | Манбаи андоз | 25719,35 | 10,29 | 2037,55 | 5776,34 | 10157,3 | 334,2 | 7403,7 |
| | | Маблағи имтиёз | 3835,677 | 0,507 | 332,93 | 997,578 | 1484,4 | 49,34 | 970,9 |
| **5** | 2019 | Манбаи андоз | 25919,93 | 8,121 | 2051,44 | 5287,03 | 12096,6 | 426,99 | 6049,7 |
| | | Маблағи имтиёз | 4435,653 | 1,461 | 322,90 | 890,01 | 2121,6 | 68,39 | 1031,2 |
| **6** | 2020 | Манбаи андоз | 23921,57 | 103,62 | 1557,14 | 4863,23 | 9956,3 | 492,86 | 6948,4 |
| | | Маблағи имтиёз | 3935,961 | 18,75 | 263,30 | 787,10 | 1716,9 | 75,39 | 1074,4 |
| **7** | 2021 | Манбаи андоз | 33587,7 | 52,27 | 1255,68 | 2712,21 | 1377,85 | 774,02 | 27415,6 |
| | | Маблағи имтиёз | 5481,697 | 9,581 | 224,34 | 328,10 | 209,71 | 122,74 | 4587,2 |
| **8** | **2021/2015** | Манбаи андоз | 21422,9 | 51,55 | 871,3 | -105,962 | -5138,75 | 728,43 | 25016,4 |
| | | Маблағи имтиёз | 3333,66 | 9,545 | 157,7 | -176,949 | -933,29 | 116,725 | 4159,92 |

***Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси маълумотҳои Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Маблағи имтиёзҳои андозӣ дар ин давра ҳудуди 24878,42 млн. сомониро фаро мегирад, ки манбаи андоз дар ин давраҳо 1,76 маротиба афзудааст. Ҳамзамон, сатҳи коҳишёби дар баъзе манотиқҳои ҷумҳури ба монанди вилояти Суғд ва шаҳри Душанбе тули солҳои охир аз пештара дида, маблағҳои имтиёзҳои андози кам гардидааст. Масалан, дар вилояти Суғд соли 2015 маблағҳои имтиёзҳои андози ҳудуди 505,049 млн. сомониро дар бар мегирифт, соли 2021 ин нишондишанда ба 328,1 млн. сомонӣ коҳиш ёфт ва сабаби онро мо метавонем дар зиёд гардиани манбаҳои андозбандӣ баён намоем. Яъне аз ҳисоби зиёд гардидани объектҳои нав ба нави андозбандӣ, вобаста ба шароит ва имкониятҳои васеъ бахри рушд, ҳиссаи маблағҳои имтиёзи андозиро дар ин минтақаҳо коҳиш додааст.

Мавид ба қайд аст, ки маблағи имтиёзҳо нисбат ба бахши андозсупорандагони калон зиёдтар ба назар мерасад. Соли 2015 дар ин бахш, маблағи имтиёзҳо 427,28 млн. сомониро ташкил менамуд, ки ин нишондиҳанда дар давоми 6 сол 10,7 маротиба зиёд гардидааст.

Ҷумабоев, Х. К. доир ба раванди дурусти татбиқи имтиёзҳои андоз чунин қайд намудааст ки: «...Мақоми давлатие, ки ваколати ҷорӣ намудани имтиёзҳои андозро дорад, вазифадор аст, ки дар асоси ҷамъоварӣ ва коркарди маълумот ва далелҳо вазъияти ба амаломадаро муфассалтар ва шаффоф таҳлил ва арзёбӣ намояд ва нисбат ба далелҳои ошкоршуда меъёрҳои қонунгузориро татбиқ намояд».[160]

Комилан дуруст аст, ки мақсади пешниҳоди ҳама гуна имтиёзҳои андоз дар ҳолати татбиқи дурусти он барои ҳадди ақал кам кардани пардохти андоз ё озод кардани аз он мебошад. Маҳз бо пайдоиш ва рушди низоми андози Ҷумҳурии Тоҷикистон имтиёзҳои андозӣ пайдо шуданд, ки одатан ба ташкилотҳое, ки ҳадафҳои наҷибро пайгирӣ мекунанд, дода мешавад.

Таърифи қонунгузории имтиёзҳои андоз, ки яке аз «...омилҳои ба эътидол даровардани сатҳи гаронии андоз мебошад, дар Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардидаас. Мутобиқи ин кодекс, «...имтиёзҳои андозӣ афзалиятҳои пешбининамудаи қонунгузории андоз эътироф карда мешаванд ва он ба гурӯҳҳои алоҳидаи андозсупорандагон дар муқоиса бо андозсупорандагони дигар, ҷиҳати пардохт накардани андоз ё бо андозаи камтар пешниҳод карда маблағи андоз мебошад».[161]

Аз ин мафҳум бармеояд, ки имтиёзи андозро бо аломатҳои зерин тавсиф кардан мумкин аст: кам кардани сатҳи гаронии андозро барои андозсупорандагон пешбинӣ менамояд, характери инфиродӣ надорад, дар қонун муқаррар гардидааст, барои муддати муайян татбиқ мегардад, чун қоида, мақсади муайян дорад (яъне танзими давлатии баъзе соҳаҳо), ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ ва ғайра.

Бо дарназардошти он, фаҳмидан душвор аст, ки кадом бартариятҳо дар соҳаи андозбандӣ имтиёз ҳисобида мешаванд ва кадомашон не. Дар таъриф ба таври возеҳ оварда шудааст, ки напардохтани маблағи андоз ва ё қисман

---

[160]Джумабоев, Х.К. Вопросы совершенствование механизма законодательной конструкции налоговых льгот в Республике Таджикистан/Х. К. Джумабоев // Вестник Таджикского государственного университета коммерции. – 2023. – № 1(45). – С. 139-147.

[161] Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон Душанбе-2022. Моддаи 32. – С. 45-46.

пардохти он, имтиёзи андоз ҳисобида мешавад. Вале чӣ асос буда метавонад барои гирифтани имтиёз қайд нагардидааст.

Чунин меҳисобем, ки асос барои додани имтиёзҳои андозӣ, метавонад ин ҳолатҳо бошад (нигаред ба расми 3.2.1.).




*** Сарчашма:** таҳияи муаллиф
**Расми 3.2.1.- Асос, барои додани имтиёзҳои андозӣ.**

Боиси қайд аст, ки дар қонунгузории ҷории андозҳо ва пардохтҳо, шумораи зиёди имтиёзҳои андозро дар бар мегирад, гарчанде ки баъзе аз онҳо дар моддаҳои Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ нашудаанд. Дар натиҷа, ин ё он механизми кам кардани гаронии андозро танҳо дар асоси нишонаҳои дар мафҳуми қонунгузории имтиёзҳои андозии овардашуда, метавон мансуб карду халос.

Агар бо мантиқи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон назар афканем, тарҳҳои андози инфиродӣ, ки барои аксари андозсупорандагон хос аст, ба таъхир андохтани (нисбат ба мӯҳлати дертар) пардохти андоз ва қарзи андоз имтиёзҳо эътироф карда намешаванд. Ин категорияҳо танҳо роҳҳои имконпазири тағйир додани мӯҳлати ӯҳдадориҳои андоз мебошанд, бинобар ин, имтиёзҳо зери таъсири ҳавасмандгардониҳо маҳдуд мегардад.

Вобаста аз ин ба кадом унсури андозбандӣ имтиёзҳои андозро тағйир додан мумкин аст, онҳоро шартан ба се намуди асосӣ ҷудо кардан мумкин аст:




* **Сарчашма:** таҳияи муаллиф

**Расми 3.2.2.- Ҳавасмандгардониҳое, ки ҳамчун имтиёз эътироф намешаванд.**

Ба ақидаи мо, батаъхиргузории пардохти андоз дар ҳоле татбиқ мегардад, ки агар андозсупоранда уҳдадории пардохти андозҳо, боҷҳо, пардохтҳои суғуртавӣ, фоизҳо ва ҷаримаҳоро дошта бошад, вале ӯ онҳоро сари вақт пардохт карда натавонад, ӯ ҳақ дорад ба мақоми андоз барои батаъхиргузорӣ ё тақсими пардохти онҳо муроҷиат намояд.

Тарҳи андозӣ бошад, ин кам кардани даромади андозбандишаванда ҳангоми ба ҳисоб гирифтани маблағи андоз аз даромад ё баргардонидани як қисми андоз аз даромади шахсони қаблан пардохтшуда мебошад. Шаҳрвандоне, ки резидентҳои андози Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд, метавонанд тарҳҳои андозро талаб кунанд.

Қарзҳои андозӣ ҳамеша мавриди таваҷҷуҳи мақомоти тафтишотӣ қарор дорад, зеро он маблағи андозеро, ки бояд ба давлат супорида шавад, кам мекунад. Имрӯз ҳангоми машварат дар бораи моҳияти қарзҳои андозӣ, қоидаҳои ҳисоб кардани қарзи андоз, ҳуҷҷатҳои тасдиқкунанда ва нишон додани он дар мақомоти ваколатдор (Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон) ҷой дода шудааст.

**Диаграммаи 3.2.1. – Ҳиссаи бақияпулиҳои андозӣ дар буҷети давлатӣ**




***Сарчашма**: Таҳияи муаллиф дар асоси ҳисоботи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон/ - [захираи электронӣ] – URL: - https://andoz.tj/docs/Deytelnost/Nishondihan dahoiAsosu_Tj.pdf

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло ва ҷиҳати баланд бардоштани мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рейтингҳои байналмилалӣ, ки ҷиҳати ҷалби сармоя яке аз нишондиҳандаҳои муҳим ба шумор меравад, ба мақсад мувофиқ мешуморем, ки аз ҷониби вазорату идораҳои дахлдор тадбирҳои зерин андешида шаванд:

– такмил додан ва сабук намудани тартиби баргардонидани маблағи андозӣ;

– беҳтар намудани хизматрасониҳои давлатӣ ва кам намудани шумораи пардохтҳою сарфа намудани вақти андозсупорандагон барои пардохти андозҳо;

– тақвият бахшидан ба корҳои фаҳмондадиҳию тавзеҳотӣ, аз ҷумла гузаронидани семинар – машваратҳо бо андозсупорандагон оид ба гузариш ба шакли электронии пешниҳоди эъломияҳои андозҳо, баҳисобгирӣ ва ҳисоботи молиявӣ;

– бо мақсади сарфа намудани харочот ва вақти андозсупорандагон, такмил додани шакли эъломияҳо, ҳисоботи андоз ва ба тариқи электронӣ ирсол намудани онҳо, аз ҷумла барои андозҳои маҳалӣ ва низоми содакардашудаи андозбандӣ;

– тибқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 андешидани тадбирҳои иловагӣ оид ба афзоиши ҳаҷми умумии даромади миллӣ ба ҳар сари аҳолӣ, шаффоф нишон додани даромади корхонаҳо ва пешгирии иқтисоди пӯшида, гардад.

Ҳукумату давлати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар пайи дастгирии корхонаҳои истеҳсолӣ буда, нисбати ин бахш ҳавасмандгардониҳоро ба миён овардааст.

Тавре ки дар Кодекси андоз мебинем, даромади корхонаҳои навтаъсис аз таҳвили маҳсулоти саноатӣ, агар муассисони онҳо дар давоми 12 моҳи тақвимӣ аз рӯзи бақайдгирии давлатии ибтидоӣ ба сармояи оинномавии чунин корхонаҳо маблағи зерини сармоягузориро ворид гардад, пас барои давраҳои минбаъда онҳо аз андози даромад шахсони ҳуқуқӣ озод карда мешаванд.[162]




*** Сарчашма:** Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон
**Расми 3.2.3. –Ҳавасмандгардониҳое, ки ҳамчун имтиёз эътироф намешаванд.**

Дар Кодекс андоз ҳолатҳои ташкилӣ, ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ доир ба муқаррнамоӣ, тағйирдиҳӣ, бекорнамоӣ, ҳисоб ва пардохти андозҳо, ичрои

[162]Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон 01.01.2022, боби 27, моддаи 189. – С.198-199.

уҳдадориҳои андозсупоранда муайян гардида, ба коҳиш ва эътидол даровардани сатҳи гаронии андоз равона гардидааст, ки натиҷаи онро мо метавонем дар пешравӣ ва ҳавасмандгардонии фаъолияти субъектони хоҷагидорӣ мушоҳида намоем.

Самари имтиёзҳои андозии дар боло овардашуда ба рушди фаъолияти соҳаҳои мусоидат намояд. Масалан, рушди маҷмуи маҳсулоти дохили дар мудати ёздаҳ сол, яъне аз 24707,1 млн. сомонӣ дар соли 2010 ба 115739,4 млн. сомонӣ дар соли 2022 баробар гашта, ҳудуди 4 маротиба афзун гардидааст. Яъне рушди иқтисоди миллӣ дар ин давра бо суръати кайҳонӣ баланд гардидааст ва ифодагари он аст, ки сатҳи таъсири гаронии андозро шахсоне, ки истеҳсоли молу маҳсулот, иҷрои кору хизматрасониро дар ин давра анҷом додаанд, кам эҳсос намудаанд (нигаред ба ҷадвали 3.2.2). Зеро бо баланд будани сатҳи гаронии андоз, рушди фаъолияти соҳаҳо коҳиш меёбад ва шаҳрвандон хоҳишманди он намегарданд, ки ҳамчун андзсупоранда худро ба қайд гиранд (Нигаред ба ҷадвали 3.2.2.).

Тағйирёбии сатҳи гаронии андоз аз рӯйи маълумотҳои дар ҷадвали боло овардашуда дар ин давраҳо 1,1 маротибаро ташкил медиҳад, ки ин нишондиҳанда аз ҳолати муътадил нигоҳ доштани сатҳи гаронии андоз дарак медиҳад. Ҳамзамон ҳиссаи андозҳо дар databa даромадҳои буҷети давлатӣ дар ин давраҳо ҳудуди 60-65% - ро ташкил намуд. Яъне аз ин бармеояд, ки ҳангоми банақшагирии буҷети давлат, ҳиссаи андозҳоро ба инобат гирифта, меъёри онро дар ҳудуди 63-65% нигоҳ доштаанд.

Мавриди қайд аст, ки таҳти дастгириҳои давлату ҳукумат, тайи солҳои охир рушди бунёди корхонаҳо ба миён омада, шумораи онҳо дар соли 2011 ба 2749 ададро ташкил медод, ки ба 10541 адад дар соли 2022 расида, ҳудуди 3,83 маротиба зиёд гардидааст, ки омили асосии оноро мо метавонем ба зиёд гардидани ҳаҷми сармоягузориҳо рабт диҳем. Раванди сармоягузорҳо дар ин давра 3,34 маротиба афзун гардидааст, яне дар соли 2011 ҳаҷми сармоягузориҳо баробар буд ба 4988,3 млн. сомонӣ ва он дар соли 2022 баробар гашт ба 16655,2 млн. сомонӣ.

**Ҷадвали 3.2.2. –Таъсири ҳолати танзими гаронии андоз дар рушди соҳаҳои афзалиятдошта (млн.сомонӣ)***

| № | Нишондиҳандаҳо | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2022/2011 (+,-) | 2022/2011 маротиба |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ | 30071,1 | 36163,1 | 40525,5 | 45606,6 | 50977,8 | 54790,3 | 64434,3 | 71059,2 | 79109,8 | 82543,17 | 98910,7 | 115739,4 | 85668,3 | 3,85 |
| 2 | Даромади буҷети давлатӣ | 8937,9 | 9673,5 | 12276,6 | 14427,4 | 16586,5 | 18483,8 | 23307,3 | 24097,2 | 23490,4 | 25065,0 | 30053,8 | 36056,8 | 27118,9 | 4,03 |
| 3 | Воридотҳои андозӣ | 5892,1 | 7097,6 | 8432,3 | 10366,7 | 10613,3 | 11188,4 | 13099,6 | 14564,9 | 15775,4 | 15356,6 | 19669,5 | 21824,2 | 15932,1 | 3,70 |
| 4 | Шумораи корхонаҳо. миқдор- бо воҳидҳо | 2749 | 2873 | 2979 | 2586 | 2571 | 2961 | 3159 | 3893 | 8852 | 8978 | 10357 | 10541 | 7792 | 3,83 |
| 5 | Даромади пулии аҳолӣ | 16190,9 | 20161,2 | 22346,2 | 24196,5 | 25569,8 | 31373,0 | 37247,5 | 41083,9 | 47986,3 | 65347,0 | 80508,8 | 95124,6 | 78933,7 | 5,88 |
| 6 | Сармоягузориҳо | 4988,3 | 4540,2 | 5796,8 | 7492,7 | 9749,9 | 11179,7 | 11371,6 | 13361,0 | 12517,8 | 11755,6 | 15124,9 | 16655,2 | 11666,9 | 3,34 |
| 7 | Гардиши савдои хориҷӣ, аз ҷумла: | 1463,3 | 5138,1 | 4988,8 | 5274,7 | 4326,2 | 3929,9 | 3972,9 | 4224,3 | 4523,7 | 4557,8 | 6359,1 | 7309,5 | 5846,2 | 5,00 |
| | -воридот | 3206,0 | 3778,4 | 4045,4 | 4297,4 | 3435,6 | 3031,2 | 2774,9 | 3151,0 | 3349,3 | 3150,9 | 4209,5 | 5167,5 | 1961,5 | 1,61 |
| | -содирот млн.дол | 1257,3 | 1359,7 | 943,4 | 977,3 | 890,6 | 898,7 | 1198,0 | 1073,3 | 1174,4 | 1406,9 | 2149,6 | 2142,0 | 884,7 | 1,70 |
| 8 | Ҳаҷми гардиши моли чакана дар ҳамаи соҳаҳои савдо (бо нархҳои с. 2022) | 13127,7 | 15215,1 | 18075,5 | 19286,5 | 20366,6 | 21588,6 | 22948,7 | 24646,9 | 27604,5 | 27024,8 | 33259,5 | 39498,4 | 26370,7 | 3,01 |
| 9 | Маҳсулоти саноатӣ бо нархҳои соли 2022. | 11991 | 13286 | 13790 | 14480 | 16116 | 18695 | 22677 | 25080 | 28391 | 30890 | 38829 | 43025 | 31034 | 3,59 |
| 10 | Маҳсулоти кишоварзӣ (бо нархҳои соли 2022) | 21575,3 | 23815,3 | 25619,6 | 26772,3 | 27628,9 | 29053,9 | 31029,6 | 32257,2 | 34558,7 | 37616,6 | 39769,4 | 49272,5 | 27697,2 | 2,28 |

***Сарчашма:** Маҷмӯаи оморӣ: Тоҷикистон: 30 - соли истиқлолияти давлатӣ. – С. 10-30; Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2022. – С. 10-18; Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2023. – С. 12-17.

Ҳиссаи воридоти андоз ба буҷаи давлатӣ ифодагари он мебошад, ки нишондиҳандаи рушди иқтисодии ҷомеаро иникос намояд.[163] Яъне, пайвастагӣ бо рушди корхонаҳои иқтисодии мамлакат ва шуғлнокӣ дар иқтисодиёт, ҳаҷми воридоти андоз ба буҷет зиёд мегардад.

Ҳамзамон, боиси қайд аст, ки дар ҳолати рушди корхонаҳо дар кишвар, ҷойҳои кории нав ба вуҷуд омада, шаҳрвандон ба кор ҷалб мегарданд, ки заминагузор дар рушди сатҳи некӯаҳволии кишвар хоҳад гашт ва онро мо метавонем дар сатҳи даромаднокии пулии аҳоли дар давоми солҳои 2011-2022 мушоҳида намоем, ки аз 16190,9 млн. сомонӣ ба 95124,6 млн. сомонӣ баробар гардидааст.

Бо татбиқи имтиёзҳои андозӣ ва меъёрҳои пасткардашудаи андоз аз арзиши иловашуда, гардиши савдои хориҷӣ дар давоми ин солҳо 5 маротиба афзудааст. Ҳаҷми гардиши савдои хориҷӣ дар соли 2011 баробар буд ба 1463,3 млн.долар ва он дар соли 2022 баробар гашт ба 7309,5 млн.долар. Раванди ташакули ин ҳама нишондиҳандаҳо аз он вобастааст, ки ҳавасмандгардониҳо дар тамоми сохторҳои фаъолияти хоҷагидорӣ баробар татбиқ гаштааст ва шаҳрвандон эҳсоси хуб будани бори андозро намудаанд.

Дар сатҳи макроиқтисодӣ гаронии андоз чун таносуби маҷмуи андозҳо ва пардохтҳо ба нишондиҳандаи базавӣ ҳисоб карда мешавад, яъне: ММД, МММ, ДМ, инчунин ҷузъҳои ин нишондиҳандаҳо. Дар чунин ҳолат вобаста ба усулҳои пешниҳодшуда гаронии андозро ба манбаи дахлдори пардохтҳои андоз таҳлил мекунем.

---

[163]Мирсаидов, А. Б. мукаммалгардонии шаклҳои ташкил ва методҳои назорати андоз /А.Б.Мирсаидов, Ф. Б.Ҳоҷиев//Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. – №11. – С. 89-97.

**Диаграммаи 3.2.2. – Нишондиҳандаҳои иқтисодӣ барои солҳои 2016-2022 (млн.сомонӣ)**




***Сарчашма:** Маҷмуаи оморӣ: Тоҷикистон: 30 - соли истиқлолияти давлатӣ. – С. 10-26; Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2022. – С. 10-13; Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2023. – С. 391; Ҳисоботи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон

Аз нишондиҳандаҳои овардашуда диаграмми 3.2.2. маълум мегардад, ки нишондиҳандаи гаронии андоз ба иқтисодиёт танҳо сатҳи миёнаи гирифтани даромади субъектҳои хоҷагидор ва умуман аҳолиро дар кишвар тавсиф мекунад.

Татбиқи имтиёзҳои андозӣ, ҳамчун омили таъсирбахш дар рафти паст намудани сатҳи гаронии андоз ба ҳисоб рафта, асарияти олимон ба он назаранд, ки имтиёзҳои андоз дар иқтисодиёт таъсири танзимкунанда доранд ва барои ноил гаштани ҳолати муътадили сатҳи гаронии андоз дуруст истифода гардад. Албатта, ин мушкилот дар ин масъала ягона нест, вале барои дарки моҳияти имтиёзҳои андоз ва мутаносибан одилона будани сиёсати андоз ва ба эътидол даровардани сатҳи гаронии андоз дар маҷмуъ ҳангоми татбиқи онҳо амалӣ мегардад.

Имтиёзҳои андоз, воситаи муҳимтарини татбиқи сиёсати андози давлатӣ мебошанд[164]. Яъне, татбиқи ҳар як намуди имтиёзҳои андоз бояд мақсадҳои муайянро дошта бошад. Маслан: рушди соҳаҳои алоҳида ва ҳудудҳо, пешравии иқтисодиёти миллӣ, дастгирии андозсупорандагони алоҳида, пешбурди таҳқиқоти илмӣ-техникӣ ва ғайра.

Табиист, ки ҳар як ҳадаф бояд барои расидан ба он муҳлат дошта бошад ва ногузир аст, ки имтиёзи андозро ба муддати номуайян додан мумкин бошад. Яъне пас аз расидан ба ҳадаф, имтиёзҳо бояд, ки бекор карда шавад. Дар акси ҳол, имтиёзи андоз ҳамчун манбаи иловагии маблағгузории субъектҳои соҳибкорӣ ё аҳолӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ мегардад.

Ҳамин тавр, ба ақидаи А.В. Бризгалина «...дар замони муосир, имтиёзҳо ҷузъи ҷудонашавандаи низоми андоз буда, тавасути он гаронии андозро танзим намудан мумкин».[165] Дар баробари ин, дар кишварҳои гуногун ин навъи унсури андоз хеле норавшан аст. Баъзе кишварҳо ҳавасмандгардониҳоро тавасути додани имтиёзҳои андозӣ, ҳамчун омили пешбаранда дар иқтисодиёт шинохтаанд, вале дар баъзе кишварҳои дигар онро ҳамчун омили вайрон кардани принсип баробарии андозбандӣ мешиносанд.

Чунин меҳисобем, ки дар шароити муосир пешбурди соҳибкорӣ хеле душвор аст, на ҳама истеҳсолкунандагони мол тавонистанд ба бозор роҳ ёбанд. Имтиёзҳои андозӣ дар ин ҳолатҳо як ангезаи хеле пурқувват барои рушди фаъолияти чунин субъектҳои хоҷагидор баромад мекунад. Вале бояд тазакур дод, ки вазифаи ҳавасмандгардонии андозро оқилона истифода бурдан лозим аст.

Бахри ба эътидол даровардани сатҳи гаронии андоз мебояд, ки паҳлуҳои қонунгузории андоз таҷдиди назар гардад. Бо мақсади рушди баъзе

---

[164]Терехина А.П. Роль и значение категории "налоговая льгота" в налоговых правоотношениях /А.П.Терехина //Финансовое право.-2015.-№ 12. – С. 28-33.

[165]Брызгалина А.В.Налоги и финансовое. Брызгалина А.В.// Налог на прибыль: сложные вопросы из практики налогового консультирования. Часть 1 (материальные расходы, оплата труда и амортизируемое имущество) /под ред. –С.15-21.

аз фаъолиятҳо, алахусус фаъолияти суғуртавӣ ва лизингӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон лозим аст, ки ҳавасмандгардонии андозӣ тавассути додани имтиёзҳо ва коҳиш додани меъёри андоз аз даромад дар ин бахшҳо ба инобат гирифта шавад ва чунин меҳисобем, ки дар қисми чоруми моддаи 183 Кодекси андоз зербанди махсус ворид гардад, ки дар он нисбати он фаъолиятҳое, ки хуб рушд накардаанд, меъёри андоз барои дигар намудҳои фаъолият, ки 18% бешбинӣ гардидаст, мебояд, ки то андозаи 12% ва ё ҳадди ақал 14% коҳиш дода шавад.

Ҳамзамон, боиси қайд аст, ки дар моддаи 332 Кодекси андоз, ки меъёри андози иҷтимоӣ оварда шудааст, нисбати як объект ду маротиба маблағи андозӣ иҷтимоӣ дар манбаи андоз нигоҳ дошта мешавад, яъне суғуртакунанда (шахси ҳуқуқӣ) ва суғурташаванда (шахси воқеӣ) доир ба музди маоше, ки ҳисоб мегардад, ҳарду андозсупоранда эътироф мегардаданд. Суғуртакунанда ба манфиали коргар ҳангоми додани музди маош 25% маблағи андози иҷтимоиро пардохт мекунад ва суғурташаванда 1% - и даромад дар шакли музди маош гирифтаашро.

Бинобар ин, суғуртакунандагон, ки аз рӯйи меъёри 20-25% маблаҳи андози иҷтимоиро пардохт мекунад, вазннии андозро ҳис намуда, кӯшиш менамоянд, ки объектҳоро нишон надиҳанд. Хуб мебуд, ки ин намуди андоз аз рӯйи як меъёр амал кунаду, ҳадди ақал манбаи андоз аз рӯйи меъёри 15% андозбандӣ гардад.

Инчунин дар қисми яки моддаи 183-и Кодекси андоз дарҷ гардидааст, ки даромади шахси воқеии резидент аз ҷойи кори асосӣ, зиёда аз тарҳи шахсӣ бо меъёри 12% андозбандӣ карда шавад[166]. Вобаста ба модди мазкур чунин пешниҳод дорем, ки ҷиҳати коҳиш додани сатҳи гаронии андоз дар андози маскур ба ҷойи тарҳи шахсӣ, ки баробар аст ба ду нишондиҳанда барои ҳисобҳо ба ҳадди ақали музди маош баробар карда шавад.

Ҳамзамон, ҷиҳати дастгирии фаъолияти хоҷагидории корхонаҳо, ки мебояд ба андозсупорандагоне, ки ҳамчун шахси ҳуқуқии истеҳсолкунанда

---

[166] Кодекси андози Ҷумхурии Тоҷикистон, 01.01.2021//моддаи 183. – С.189

ба қайд гирифта шудаанд, қарзҳои андозии инвеститсионӣ дода шавад. Дар он сурат ба корхонаҳо аз рӯйи баъзе аз андозҳо, хусусан андоз аз даромад муҳлатҳо дода мешавад, маблағи андоз дар давраи андоз пардохт намегардад, бо мақсади рушд додани фаъолияти корхона.

Қарзҳои андози инвеститсионӣ метавонад аз рӯйи андоз аз даромад, андозҳои маҳаллӣ (андози амволи корхона, андоз аз замин аз воситаҳои нақлиёт) ба муҳлатҳои муайян дода шавад, ки механизми татбиқи онро аз таҷрибаи давлатҳои хориҷа, хусусан Федератсияи Россия пайдо намоем.

Ҳамзамон, сатҳи гаронии андоз дар фаъолияти хоҷагиҳои деҳқонӣ дида мешавад. Бо истифода аз таҷрибаҳои андухта, барои кам кардани сатҳи гаронии андоз дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), баъзе ҳавасмангардониҳоро метавон ба миён овард ва бояд дар хотир нигоҳ дошт, ки сатҳи баҳодиҳии кадастри замин аз камбудиҳо ориз нест. Дар чунин сурат, мебояд ки меъёри андоз дар баъзе аз ноҳияҳо кам намуд ва баръаси он меъёри андози замини чарогоҳҳоро зиёд намуд, чунки меъёри хеле пасти андозро дар худ дорад. Ҳамзамон, нисбати он хоҷагиҳои деҳқоние, ки заминро самаранок истифода менамоянд, дар ҳолати хоҳиш доштан, қитъаи замини онҳоро аз ҳисоби заминҳои хоҷагиҳои деҳқоние, ки дуруст истифода намешаванд ва солҳои дароз бекор хобидаанд, зиёд намуд.

Инчунин, ҷиҳати коркарди минбаъдаи маҳсулотҳое, ки дар хоҷагиҳои деҳқонӣ кишт менамоянд, бунёди корхонаҳои хурду калон дар ҳамон қитъаи замин, бо ҷалби саҳомони хоҷагии деҳқонӣ ва додани имтиёзҳо бунёд гардад ва бахри ҳамбастагӣ ва ҳамкори бо хоҷагиҳои парандапарварӣ, чорводорӣ, комбинти гушт ва консервабарорӣ дар бастани шартномаҳо аз ҷониби мақомоти андоз кӯмак расонида шавад.

Воқеан, ҳавасмандгардониҳо тавасути додани имтиёзҳо сурат мегирад. Аммо бо ақидаи мо, ҷори намудани имтиёзҳои андозӣ тавре бояд сурат гирад, ки фаъолияти хоҷагидорӣ ба он эҳтиёҷ дошта бошад, яъне ҳолати молиявии гирандаи имтиёзҳои андозӣ, эҳсосоти бори андозро дошта бошад.

Дастгирии фаъолияти хоҷагидориро мебояд, пеш аз додани имтиёзҳои андозӣ мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор бояд дод.

Ҳамин тавр чунин меҳисобем, ки ҷиҳати рушди фазои сармоягузорӣ ва танзими сатҳи гаронии андоз дар кишвар мебояд, ки чунин корҳо дар мадди аввал гузошт.

– муносибкунони (оптимизатсия)-и шумораи андозҳои дорои манбаи андози шабеҳ бо роҳи ягонакунии онҳо, кам ва содагардонии ҳисоботи андоз, кам кардани хароҷоти амалиётӣ;

– соданамоии қонунгузории андоз, бартарафнамоии ихтилофот дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи муносибатҳои андозӣ пурзӯр гардад;

– такмили табодули иттилоот байни иштирокчиён, шаклу усулҳои идоракунии электронии андозҳо.

Дар баробари ин, тавсия дода мешавад, ки минбари муколамаи намояндагони давлатӣ бо бахши хусусӣ ҷиҳати таъмини табодули мустақими иттилоот оид ба мушкилоти пайдошуда «аз поён ба боло» фароҳам оварда шавад.

Аз ин рӯ, ҳангоми таҳияи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба инобат гирифта шавад, дастгирии фаъолияти хоҷагиҳое, ки дар ҳолати бади молиявӣ ва муфлисшавӣ қарор доранд. Яъне баҳри рафъи ин мушкилот мебояд, ки дар пойгаҳи сохтори танзими муносибатҳои андозӣ, Шуъбаи таҳлили ҳолати андозсупорандагон ва додани имтиёзҳо ташкил гардад. Бо дархости андозсупорандагон, шахсони мансабдори мақомоти андоз, таҳлили дурустро нисбати андозсупоранда гузаронанд ва лозим бошад аз пардохти андоз мувақатан озод намоянд ин андозсупорандаро ва ҳамчунин мизоҷонро баҳри ҳакорӣ намудан бо андозсупорандае, ки мавриди таҳлил қарор гирифта шудааст, ҷалб намоянд. Дар чунин ҳолат, дубора метавонад, ки ин фаъолиятро ба по хезонад ва дар оянда аз ҳисоби ӯ пардохтҳои муайянгардида ба буҷетҳои сатҳи дахлдошта пардохт гардад, ки ин раванд беҳтар аз муфлисшавии як андозсупоранда хоҳад буд.

Дар маҷмуъ, зимни барасии такмили танзими сатҳи гаронии адоз ба чунин хулоса омадем, ки:

1. Дар замони имрӯза, танзимнамоии гаронии андоз, ҳамчун омили ҳавасмандгардонии қувваҳои рақобаткунанда хизмат мекунад;

2. Маълум гардид, ки ташаккули низоми андоз, Ҷумҳурии Тоҷикистон якчанд маротиба, ислоҳотҳои ҷидиро паси сар намуда дар пайи он шумораи андозҳо кам гардида, меъёрҳои он коҳиш ёфта, имтиёзҳо дар бахшҳои фаъолияти хоҷагидорӣ зиёд гардиданд;

3. Чунин меҳисобем, ки минбари муколамаи намояндагони давлатӣ бо бахши хусусӣ ҷиҳати таъмини табодули иттилоот оид ба мушкилоти пайдошуда «аз поён ба боло» фароҳам оварда шавад;

4. Сатҳи гаронии андозро тавасути имтиёзҳо ба эътидол медарояд ва шахсро аз пардохт кардани андоз қисман ва ё пурра озод менамояд.

## 3.3.Дурнамои сиёсати андоз ва самтҳои паст намудани гаронии андоз дар шароити муносибатҳои бозорӣ

Аҳамияти муайян кардани сатҳи гаронии андоз, мушкилот дар самти муносибатҳои андоз, зарурати арзёбии қаноатмандии андозсупорандагон аз хизматрасониҳои мақомоти андоз ва раванди маъмурикунонӣ бо истифода аз нишондиҳандаҳои асосии натиҷаҳои муносибатҳои андози мақомоти андоз ва самаранокии низоми андоз асоснок мегарданд. Дар маҷмӯъ нишондиҳандаҳои низоми андоз хеле зиёданд, вале дар раванди баҳодиҳӣ он нишондиҳандаҳо истифода мешаванд, ки ба воридоти андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет таъсири бештар доранд.

Низоми андозбандӣ, ҳамакнун ҳамчун унсури муҳимми идоракунии давлатӣ дар иқтисодиёт ҳисобида мешавад ва бештар вазифаҳои хазинавӣ ва назоратиро дар татбиқи сиёсати андоз амалӣ менамояд.

Дар раванди танзими давлатии муносибатҳои иқтисодӣ истифода гардидани фишангҳои муайян, аз ҷумлаи низоми андоз, ки дар раванди

татбиқи сиёсати андозӣ тавасути механизмҳои гуногун, танзим карда мешавад.

Дар айни замон, низоми андоз аз ҷониби давлат бо роҳҳои гуногун ва усулҳои таъсиррасонӣ бо мақсади танзими фаъолияти самараноки низоми андоз амалӣ гардонида мешавад. Танзими низоми андоз, пеш аз ҳама, ҳавасмандгардонии фаъолияти соҳибкорӣ ва рушди самтҳои афзалиятноки иқтисодиёт нигаронида мешавад.

Низоми андоз асосан барои ноил шудан ба ду ҳадафи асосӣ истифода мешавад. 1) барои рушди низоми молиявию иқтисодӣ, яъне ҳамчун манбаи ғанӣгардонии буҷети давлатӣ; 2) барои тараққӣ додани соҳаҳои асосии иқтисодиёти мамлакат - бо роҳи ҷорӣ намудани меъёрҳои мусоид ва кам кардани гаронии андоз истифода мешавад.

Маълум аст, ки «...болоравии сатҳи гаронии андоз ҳолати иқтисоди пӯшидаро такон медиҳад. Аз ин рӯ, бо дарназардошти таҳлилҳои гузаронидашуда, ҳарчанд дар ҷумҳурӣ сатҳи гаронии андоз чандон баланд набошад ҳам, вале бо бархе аз ахбори омори расмӣ дидан мумкин, ҳудудан ин нишондиҳандаро ба 50%-и ММД ташбеҳ медиҳанд. Коршиносон бар он назаранд, ки маҳз сатҳи гаронии андоз дар ҷумҳурӣ сабаби он буда наметавонад, ки андозсупорандаро ба ҷустани роҳҳои пинҳон кардани манбаи андоз водор намояд. Ин аст ки ҳиссаи андозҳо, тайи солҳои охир дар ММД ҳудуди 20% насб кардааст, ки ин нишондиҳанда дар даромадҳои буҷет мутаносибан ҳудуди 65-70%-ро ташкил менамояд».

Масалан, тибқи «...нишондодҳои буҷети давлатӣ барои соли 2022, даромади буҷети давлатӣ аз рӯи ҳамаи манбаъҳои даромад 33 002,8 млн. сомонӣ ва даромадҳои андоз 20463,5 млн. сомонӣ, яъне. 62 фоизи ҳаҷми даромади буҷет пешбинӣ шудааст».[167]

[167]Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон ―Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2022. URL [Режим доступа]:. http://moliya.tj/Documents/Index/356. Санаи муроҷиат 03.03.2023

Ҳамчун асос барои муайян намудани гаронии нисбии андоз, чун қоида нисбат ба арзиши ММД бо нархҳои ҷорӣ ва муқоисашаванда, инчунин аз рӯйи қобилияти харидории пули миллӣ нисбат ба долари ИМА ҳисоб карда мешавад. Чунин меҳисобем, ки ба андозаи камтар, соҳаҳои дахлдор ва институтсионалӣ методҳои муайян кардани гаронии андозро пешниҳод намудаанд.[168]

Вобаста ба ин масъала Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ки ҳамчунин иштирокчии муносибатҳои андозӣ баромад мекунад, методҳои ҳисоб намудани гаронии андоз ва миқдори онро пешниҳод намудааст.

Муайян будани сатҳи гаронии андоз, имконият фароҳам меоварад, иқтидори фаъолияти субъектон муайян карда шавад.

О.Н.Грабова чунин қайд менамоем, ки «...донистани сатҳи гаронии андоз барои ҳалли вазифаҳои тактикӣ ва стратегии рушди иқтисоди миллӣ, пешбурди сиёсати андоз дар ҳамбастагӣ бо эволютсияи қувваҳои истеҳсолкунандаи миллӣ ва муносибатҳои иқтисодӣ, технологияи иттилоотӣ ва динамикаи муносибатҳои байналхалқии сиёсию иқтисодӣ зарур аст».[169]

Якчанд равишҳои назариявии муайян кардани гаронии андоз вуҷуд доранд. Яке аз онҳо ба назарияи «талаботи самаранок»-и Ҷ.М.Кейнс ва дуюмаш ба назарияи «таъминоти иқтисодиёт» (хатти каҷи Лаффер, ки сатҳи озодкунии оптималии андозро нишон медиҳад) асос ёфтааст[170].

---

[168]Архангельская Л.Ю. Индексный факторный анализ – инструмент управленческого учета в организации / Учет, аудит и налогообложение в обеспечении экономической безопасности: Межвузовский сборник научных трудов и результатов научно-технических проектов, ч. I. М.: РУСАЙНС, 2018. – С. 25–34.

[169]Грабова О.Н. Исследование налоговой нагрузки в условиях цифровизации экономики / О.Н Грабова, А.Е. Суглобов // Налоги и Налогообложение. 2018. № 4. – С. 141–151.

[170]Грабова О.Н. Исследование налоговой нагрузки в условиях цифровизации экономики / О.Н Грабова, А.Е. Суглобов // Налоги и Налогообложение. 2018. № 4. – С. 141–151.

Дар маҷмуъ, гаронии андоз нишондиҳандаҳои таносуби андозҳои воқеии пардохтшуда дар сатҳҳои микро, мезо ва макро ба арзиши гардиши низоми иқтисодӣ (иқтисоди миллӣ, соҳаҳо намудҳои фаъолияти иқтисодӣ) мебошад.

Аммо, зарур мешуморем, ки барои таҳлили пешгирикунандаи гаронии андоз дар марҳилаи таҳияи буҷет, фаъолияти воҳидҳои институтсионалии баҳри дар марҳилаи асосноккунии сармоягузорӣ ва тарҳрезии бизнеси нав, гаронии андозро бояд ҳамчун таносуби ҳаҷми андозҳо муайян намоянд.

Ин равиши методологӣ хусусияти дуалистии пардохтҳои андозро ҳамчун хароҷот барои сохторҳои соҳибкорӣ ва ҳамчун даромад барои буҷетҳои сатҳҳои гуногун, аз маҳаллӣ то маҷмуӣ ба назар мегирад. Дар айни замон, вай методологияи кунунии муайян кардани гаронии андозро, ки Кумитаи андоз дар асоси андозҳои воқеии пардохтшуда истифода мебарад, рад намекунад, балки ҳамчун шакли мутлақ меҳисобад ва асоси ин равиши методологӣ ба намудҳои пардохтҳои андоз ва имтиёзҳои андоз тибқи қонунгузории амалкунандаи андоз асос ёфтааст.

Чунин мешуморем, ки танзими гаронии андоз ба иқтидори андоз таъсир расонида, самаранокии ислоҳоти андозро аз рӯи меъёрҳои муайян баҳо медиҳад.

Ҳангоми танзими гаронии андоз, ду масъалаи асосиро қайд намудан зарур аст:

– даромадҳои андоз, чун манбаи асосии молиявии давлат баромад намуда, барои иҷрои уҳдадориҳои давлат шароити молиявиро таъмин менамоянд;

– фаъолияти одурусти низоми андоз, ки боиси баланд гардидани сатҳи гаронии андоз гардада, барои давлат ва субъектҳои хоҷагидорӣ хавфу омилҳои зараровар ба вуҷуд меорад.




***Сарчашма:** Таҳияи муаллиф

**Расми 3.3.1. – Нишондиҳандаҳои гаронии андоз дар сатҳи макроиқтисодӣ**

Сиёсати андоз бояд баробарии манфиатҳои иштирокчиёни муносибатҳои андозиро таъмин намояд. Дар ин маврид функсияи молиявии давлат нақши танзимкунанда ва ҳавасмандии худро гум мекунад ва бояд мувофиқи мақсад ва вазифаҳои мушаххас истифода шавад.

Маврид ба қайд аст, ки дар амалияи ҷаҳонӣ ду усули ҷамъоварии маблағи андозҳо дида мешавад: яъне усули экстенсивӣ ва интенсивӣ.

Татбиқи усули экстенсивӣ ба болоравии меъёрҳои андоз оварда расонида, ҳамчунин шаклҳои нави андоз дар низоми андоз ҷорӣ менамояд, ки он сабаби афзудани сатҳи гаронии андозро дар фаъолияти соҳибкорӣ мегардад. Татбиқи ин усул дар танзими андозии кишвар сабаби паст гардидани рақобатпазирии молу маҳсулот дар бозор гардида, иқтисоди пӯшидаро ба вуҷуд меорад.

Дар усули интенсивӣ бошад бо тағйиротии қоидаҳо, меъёрҳо, қарорҳо, ҳамчунин низоми идоракунии андоз, пешгирӣ аз ҳолатҳои саркашӣ ва такмили низоми андоз дар бар мегирад. Яъне, дар ин давра сиёсати андозии кишвар метавонад ба пастравии сатҳи гаронии андоз оварда расонад ва болоравии дараҷаи даромаднокӣ ва рушди фаъолияти соҳибкориро тавқият бахшад.

Аз ин рӯ, мо чунин мешуморем, ки имтиёзҳо ба таври инфиродӣ таъин ва ба нафароне пешниҳод гардад, ки онҳо ҳақиқатан эҳтиёҷ ба он доранд. Инчунин соҳаҳои алоҳидаи фаъолиятро ба назар гирифтан бамаврид аст. Агар имтиёзҳо дар давоми соли ҳисоботӣ татбиқ карда шавад, муайян карда мешавад, ки он ба рушди соҳа то чӣ андоза таъсир расонидааст. Инчунин дар доираи барномаҳои давлатӣ додани қарзҳо бо фоизҳои нисбатан паст, ки омили муассири сатҳи болоравии фаъолияти соҳибкорӣ аст, бояд ба роҳ монда шавад.

Дар баробари ин, бояд гуфт, ки омили дигаре, ки ба самаранокии танзими гаронии андоз таъсиргузор мебошад, ин набудани омори пурра ва асоснок доир ба нишондиҳандаҳои маҷмӯи маҳсулоти миллӣ ва маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ, инчунин бунёди корхонаҳои нав ва фаъолияти минбаъдаи онҳо, муайян намудани ҷойҳои нави кор ва ғайра.

Дар баробари ин, бояд гуфт, ки омили дигаре, ки ба самаранокии танзими андоз таъсири манфӣ мерасонад, мавҷуд набудани омори пурра ва асоснок доир ба нишондиҳандаҳои маҷмӯи маҳсулоти миллӣ ва маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ, инчунин бунёди корхонаҳои нав ва фаъолияти минбаъдаи онҳо, ҳисоботи ҷойҳои нави корӣ ва ғайра мебошад.

Чунин мешуморем, ки баҳодиҳии нодурусти омилҳои номбурда, боиси нодуруст тақсим шудани гаронии андоз дар шаҳру ноҳияҳо ва иқтидори андозии онҳо мегардад, ки чунин ҳолат  монеаҳои рушди хоҷагии халқ ба вуҷуд меорад.

Танзими гаронии андоз аз нуқтаи назари амнияти молиявӣ, бояд ба ҳалли се масъала нигаронида шавад:

1) танзими иктисодиёт;

2) бо захирахои молиявӣ таъмин намудани давлат;

3) халли масъалахои ичтимоӣ.

Камбудиҳои ошкоршуда дар низоми андоз боиси хатарҳои молиявӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ мегарданд.

Чунин пешниҳодҳоро баҳри бартараф намудани ин камбудиҳо метавонем қайд намоем:

– кам кардани дахолати беасос ва иртиботи бевоситаи мақомоти андоз ба фаъолияти андозсупорандагон;

– бартараф намудани ноустувориҳои низоми андоз;

– зиёд намудани имтиёзҳои хусусияти инфиродидошта;

– паст намудани сатҳи меъёрҳои баъзе аз андозҳо;

– дастгирии бахши фаъолияти соҳибкорӣ бо мақсади паст кардани афзоиши тиҷорати ғайриқонунӣ (иқтисоди пӯшида) ва саркашӣ аз андоз, дар натиҷаи рақобати носолим, кам гардад;

– ҷорӣ намудани хизматрасониҳои электронии фаъолияти андозсупоранда, ки дар пайи худ беҳтар намудани дастрасии субъектон ба технология, интернет ва ғайра.

Бо қабули «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» ҷиҳати татбиқи назорати андоз ва пешниҳодоти электронии ҳисоботи андоз, ташкили низоми иттилоотии баҳисобгирии муҳосибӣ, ташкили махзани ягонаи маълумот дар мақомоти андоз ва ғайра ташкил карда шуда, давра ба давра амалӣ мегардад.

Ҷиҳати назорати раванди хизматрасониҳо ба андозсупорандагон, соли 2012 «Стандарти ягонаи давлатии хизматрасонӣ ба андозсупорандагон» қабул гардид ва электронӣ он дар ҳар як даромадгоҳҳои нозироти андоз овезаҳо насб гардида ва дар сомонаи расмии Кумитаи андоз (www.andoz.tj) ҷойгир карда шудааст.

Дар Стандарти ягонаи давлатии хизматрасонӣ ба андозсупорандагон шаклҳои хизматрасониҳо ва давомнокии муҳлати ин хизматрасониҳо муайян гардидааст.Аз ин лиҳоз, барои боз ҳам сода гардонидани расмиёти амалиётҳои андозӣ, мақомоти андозро мебояд, ки дар ин самт корҳои зиёдеро анҷом диҳад.

